**Муқоваи аввал**

**Сайид Раҳмон**

# Рустами Абдураҳим

**(Қисса ва ҳикояҳо)**

**Саҳ 2**

ББК

**Муҳаррирон Нурулло Ҳасан, Бахтиёри Сафар ва Низоми Барот.**

Қисса ва ҳикояҳои дар маҷмӯа ҷой дода шуда аз рӯзгори дирӯзу имрӯзи мардум офарида шуда, дар тарбияи маънавии хонандагон меҳри ватандӯстию инсонпарвариро тарғиб менамоянд.

Сайид Раҳмон.   Рустами Абдураҳим. (Қисса ва ҳикояҳо). Душанбе нашрияи"
"            2О17

**Саҳ 3**

**Варианти тоза барои чоп**

# РУСТАМИ АБДУРАҲИМ

( Қисса )

**Шоҳин ба аҳли маънӣ беш аст ҷаври гардун,**
**Ҳар кас, ки дониш омӯхт, то ҳаст мехӯрад хун.**
**(Шамсиддин Шоҳин)**

Овозаи тӯйи раиси Абдураҳим ба дуриҳо рафта, марди баобрӯ ва номдор будани ӯро на танҳо дар деҳаи баландкӯҳи Момандиёни Муъминобод, балки дар деҳаҳои гирду атрофи ноҳия, ҳатто да Кӯлобу Фархор низ медонистанд, иззату эҳтиромаш мекарданд. Танҳо вазъи зиндагӣ он қадар табъи дил набуд, зеро ҳанӯз ҷанги хонумонсӯзи дуюми ҷаҳонӣ давом дошт. Армияи Советӣ ҳарчанд фашистони гитлериро аз сарҳади мамлакат ронда бошад ҳам, вале душман ба пуррагӣ шикаст нахӯрда буд.

Аҳолии деҳаи Момандиёну Ғеш, Лиҷаки болову поён, ки ба тобеоти хоҷагии ба номи Телман дохил буданду акаи Абдураҳим ба ин хоҷагӣ раисӣ мекард, асосан ба ғаллакорию боғдорӣ ва чорвопарварӣ машғул буданд. Истеҳсоли зироатҳои ғалла ва маҳсулоти чорво зиёд буд, вале қисми бештари он барои ҷанг, барои ғалаба бар душмани ғаддор фиристода мешуд.

Сари ҳар моҳ медидӣ, ки аз анборҳои хоҷагӣ бо хару аспҳо ҷувол - ҷувол гандуму наску нахуд, гӯшту равғани зарду зағир, себу нок ва дигар навъи меваҷоти хушку тар бор карда ба Муъминободу Кӯлоб ва аз он ҷо ба маркази ҷумҳурӣ, шаҳри Сталинобод мефиристониданд. Дар саҳро асосан занону кӯдакон ва мӯйсафедони барҷомонда фаъолият доштанд. Бо вуҷуди заҳмати зиёди мардум, таъмини рӯзгор чандон табъи дил набуд, аз маҳсулоти нонӣ танқисӣ мекашиданд.

Дар чунин вазъият тӯй пеш гирифтани раиси Абдураҳим ба баъзе касон намефорид, вале зиндагӣ баъзан қонуну қоида ва расмиятҳои нонавиштае дорад, ки касро маҷбур месозад ба онҳо итоат кунад.

Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба охир нарасида бошад ҳам, аввалин нишонаҳои ғалаба аён гашта буданд. Аскарони Советӣ армияи фашистонро дар сарзамини Чехославакияю Полша ва Венгрия шикаст дода, сӯи охирин лонаашон Берлин ҳаракат дошт.

Раиси Абдураҳим барои тӯй пеш гирифтан асос низ дошт, зеро супориши солонаи ба давлат супоридани гӯшту равған ва ғаллаю мевaро хоҷагии Телман барзиёд ба иҷро расонида, аз рӯи нишондиҳандаҳо ин хоҷагӣ дар ноҳия дар байни дигар хоҷагиҳо дар ҷои аввал буд. Аз дигар тараф, синну соли писари ягонааш Рустам ба давраи мактабхонӣ расида, то ҳол расму русуми аҷдодии хатнасурро ба ҷо наовада буданд.

Давру замон коммунистӣ бошад ҳам, раис мисли ҳама мардуми ин сарзамин мусулмон буд ва хоҳу нохоҳ ин расмро бояд пинҳонӣ ҳам бошад, ба ҷо меовард, зеро мардум аз ӯ рӯ мегардониданд. Шармандаи хосу ом мегашт.

Мард бо завҷааш Шарафнисо маслиҳат карда, бо дӯстону ҳамсояҳо, амаки Раҳиму Мулло Мирзо ва дигарон гапро пазонд ва аспи сиёҳмушкинашро савор
шуда, назди раиси ноҳия Назар Солеҳ бо мақсади иҷозати гузаронидани маърака рафт.

Раҳораҳ аз хотир гузаронид, ки дар хусуси хатнасури фарзандаш даҳон намекушояд, зеро мабодо раис хабар ёбад, ба ӯ иҷозат нахоҳад дод.

Миёнамоҳи баҳор, рӯз гарми офтобӣ буд. Хушнасими фораму салқин аз теппаҳои атроф бӯи гулу сабзаву гиёҳро ба машом мерасонид. Дарахтони боғҳои атроф аз паи гул аллакай ба муғҷабандӣ оғоз кардан буданд. Аз миёнаи анбӯҳи баргҳои олуболую гелос, ҳосилбандии дарахтон ба чашм намудор гашта буд.

Агар жола ё барфи нобаҳангом зарар нарасонад, имсол ҳосили боғ муддаои дил хоҳад шуд, аз хотир гузаронд, раиси Абдураҳим, ҳангоми аз роҳи байни деҳу боғҳо сӯи пайроҳаҳои ҷангалзор рӯ овадан ва боз андеша кард.

Баъзан, соли наҳс дар аввалҳои моҳи май ҳам, дар ин мавзеи кӯҳистон барфи зиёд меборад, ки меваи нав аз сари гул ҷудошудаи олуболу, гелос, ноку себ, ҳатто чормағзҳоро нобуд месозад. Худо аз чунин офатҳо нигоҳ дорад.

Назар Солеҳ дар идора ҳамроҳи як гурӯҳ мӯйсафедон, ки як замон фаъолони ноҳия буданд, дар назди ягона радиои танаи деворӣ, ки дар сари пересаи боми идора овехта шуда буду ин соат хабарҳои ҷангро мешунавонид, ба гӯш кардани радио машғул буданд. Занону кӯдакони зиёде низ барои шунидани хабарҳо ба ин ҷо омада, зери дарахтони ар -- ар нишаста буданд.

Раиси Абдураҳим баъди аз асп фаромадан, банди аспро ба танаи олуболуи назди идора баста, одоби салому алейкро ба ҷо оварда ва ба гурӯҳи шунавандаҳо ҳамроҳ шуд.

– Армияи шикастнопазири Советӣ Чехославакия, Руминия ва Булғорияро аз фашистони истилогар озод намуда, ба сарзамини Германия ворид шуд!– аз радио шунида шуд.

Ин садо овози марғуладори ровии номии он замон Левитан буд, ки то ба гӯши мардуми дуродури олам мерасид.

Марди русидоне хабари шунавонидаи радиоро тарҷума кард.

Аз шодии мардум ин лаҳза кас бараъло ҳис мекард, ки аз ин хабари хуш ба дили шунавандаҳо шодию фараҳ ворид гардид, зеро аз ин мулк, аз ҳар оила, фарзанду бародар, амаку тағо, хешу ақрабояшон дар ин ҷанги хонумонсӯз иштирок доштанд.

– Абдураҳим аз Момандиён радиогӯшкунӣ омадӣ ё ягон кори дигар доштӣ? – пурсид раиси ноҳия тарафи мард ба меҳр назар карда истода.

– Ҳам радиошунавӣ ва боз аз шумо иҷозат пурсам гуфта омадам,- гуфт Абдураҳим.

–Чӣ мушкилӣ дорӣ? – пурсид Назар Солеҳ.

–Рӯзи Иди Якуми Май, дар Момандиён мусобиқаи гӯштин ташкил кардан ният карда наздатон омадам.

–Заб кори неке, - гуфт Назар Солеҳ ва илова кард:

– Иншооллоҳ Армияи Советӣ то рӯзҳои ид ғалабаи пурра ба даст меорад. Ба Берлин наздик расиданд. Қариб панҷ сари сол мешавад, ки аз мотам намебароем. Рӯзе нест, ки аз марги ҳамватанон хати сиёҳ нагирем.

– Худо хоҳад, баъди Ғалаба мову шуморо тӯйҳо  дар пешанд. Майлаш, ба гӯштину хурсандӣ иҷозат. Мо ҳам тавонем ба тамошои гӯштин  меоем. Албат, ки  базму  бозӣ мекардагистед?

– Раис, ҳамин ҳозир ай инҷа пеши Мирзоавлиёи паҳлавон меравам, ки гӯштингирони Кӯлобу  дигар мавзеъҳоро даъват  кунад. Ба  шоири халқ Сайдалӣ  Вализода  лафзи акагию  додарӣ  дорам. Аз  ӯ  хоҳиш  мекунам ҳофизҳои номии Кӯлоба меорад. Дар қишлоқ амаки Усто Латифи  думторӣ  ҳаст. Аз Муъминобод  ҳофизҳо  меоянд.

– Майлаш, ба гузаронидани маъракаи хурсандӣ иҷозат, лекин айни тӯлгирии  бузу гӯсфандон  аст. Подабону даҳмардаҳоро бе назорат намонӣ.  Боз вақти  нарм кардани бехи  дарахтони боғ фаро расид. Кишти ғаллаву  нигоҳубини картошкаву пиёз, аз назарат дур  намонад. Раиси номии Абдураҳим, нашавад, ки саҳву  хатоҳо зиёд шаванд, - таъкид кард раиси ноҳия.

Мард ҳангоми бозгашт ба хонааш хушнуд буд. Хурсанд аз он буд, ки ба гузаронидани маъракаи хурсандӣ  иҷозат гирифт. Аз хотир гузаронид, ки Худо хоҳад, дар рӯзи Иди Якуми Май, рӯзи базму хурсандии идона, тӯйи бачаи  ягонааш Рустам низ хоҳад шуд. То имрӯз ҳамроҳи  Шарафнисои занаш чи  орзую  ҳавасҳо  карданд. Қаҳри Худо буд  ё  чӣ хатое аз  худи онҳо  гузашт, ки ғайр аз Рустам  паи ҳам ҳашт фарзанди дигар ёфтанд, вале имрӯз дар ин хонадон ба ҷуз аз Рустам кӯдакони маъсум айёми тифлӣ аз олам гузаштанд. Фарзандони  дигар насибашон нагашт  ва  ҳамагӣ  дар мазори тарафи рости деҳа, як дарра убартар дар зери  хоки  хунуканд. Абдураҳим, ку мард аст, аз субҳ то бевақтӣ  думболи кори хоҷагӣ аз қафои  деҳқону боғкор, чӯпону даҳмардаҳо гузаштани рӯзу моҳу солро  ҳатто  ҳис намекунад.

Дардо ба дарди модаре, ки ҳашт  фарзандашро  паи ҳам пешодумбол ба хок супорида бошаду аз  сӯзу фироқи ҷигарбандон  обу  адо  шуда  зинда  мондааст.

Зану шавҳар шукри Худо, ба қаҳтию мушкилии замони ҷанг нигоҳ накарда бадавлат буданд ва аз ҳама  барояшон азиз ягона фарзанди  аз дами  марг эмин мондаашон ҳамин Рустами дӯстрӯ буд, ки имсол  бояд ба мактаб мерафт.

Модар ба ҳавас  барои Рустамаш  солу моҳи дароз тоқию  рӯймоли миёни нақшин дӯхтаву  ҷомаву  ҷелаки муносиби беқасаб  тайёр карда буд, ки  ҷигарбандашро  дар рӯзи мактабравӣ дар либоси  идона бубинад, армон шиканад.

То ба давари шаҳу арӯсии Рустам кош зинда бимонад.

Дар солҳои  мавҷудияти Давлати Советӣ  (Шӯравӣ) Иди Якуми Май аз рӯи анъана яке аз идҳои маъмулу машҳури он давра ба ҳисоб  мерафт ва ин ид дар саросари мулк бо тантана ва шукӯҳи  хоса  ҷашн гирифта  мешуд.

Аз ин рӯ мардуми деҳаи Момандиён, ки  гузаштагонашон  аз мавзеъҳои  Тавилдараву қадоваи дарёи Ёхсу, Балҷувону  Сари Хосор ба ин ҷо кӯч баста муқимӣ шуда буданд, дар ин рӯз  либосҳои идона ба бар карда ба кӯчаҳо ба табрики ҳамдигар мебаромаданд, махсусан  муаллимону хонандагон ин рӯзро чун рӯзи иди якдилии байналмилалӣ  бо тайёрии махсус истиқбол мегирифтанд. Хонандагони мактабҳо дар баробари либоси тозаю озода  ба бар кардан, ба тавқи сурх (галстук)–и пионерӣ худро оро дода, дар даст байрақҳои  калону хурд гирифта, дар саҳни  ҳавлии мактаб, ки дар поёни деҳа воқеъ  аст, бо ёрии муаллимон саф ороста, дар васфи  диёру  Ватани маҳбуб  шеърхонӣ мекарданд.

Мутрибону фалаксароён, хотири ҷамъомадагонро шод мегардониданд.

Имрӯз бошад, мардум аксаран медонистанд, ки дар баробари ҷашнгирии ид раиси Абдураҳим  тӯйи  писараш Рустамро мегузаронад ва  хароҷоти ҷашнро  ба зима гирифтааст. Яъне аз шаб  сар карда  дар хонааш бузу гӯсфанду  гов куштанду дар шаш деги калон  таомҳои болаззат тайёр карда  истодаанд.

Хурсандии мардум беш аз он буд, ки имрӯз  дар баробари тамошои гӯштин, ҳофизону мусиқинавозони номии Кӯлоб ба роҳбарии шоири халқ Сайдалӣ Вализода ба  деҳаи дурдасту назарногири Момандиён  хоҳанд омад.

Офтоби оламоро низ гӯё ба хурсандию  хушбахтии  аҳли  деҳ  шарик шуда, аз  субҳи саҳар  сар  карда, нурҳои  ҷонбахши худро  аз паси кӯҳҳои  дуродури ин мавзеъ ба талу теппа ва дарраву  ҳамворӣ, ба болои дарахтону одаму олам бедареғ паҳн  менамуд.

Ҳаво софу беғубор буд. Насими форами пагоҳӣ ба машом бӯи ҳаловатбахши гулу гиёҳҳои атрофро мерасонид. Ба гӯш қақбаи кабкони қуша аз зери бутта ва ҷангалзорҳои атроф, ки деҳа дар доманаи он воқеъ аст, баръало мерасид.

Хониши мурғони хушилҳон бо суруди чашмасорону резиши шаршара ва оби ҷӯйҳои аз ду тарафи сангови деҳа равон якҷо шуда, чун оҳанги марғуб дилҳоро ба хурӯш меовард.

Дар баробари ин ғижжаку дуторнавозон бо сарварии Усто Шариф дар саҳни мактаб доиранавозии ҷавонону занони ҳунарманд, шеъру сурудхонии кӯдакон фазои деҳаро ба тӯйхона мубаддал гардонида буданд.

Хонаи раиси Абдураҳим бошад ҳамагӣ андак дуртар аз майдони мактаб воқеъ буд. Каси ба деҳа навомад гумон мекард, ки майдони назди мактаб, ҷои тӯйхона, ҳавлии раис аст.

Рустам, ки модар ӯро либоси тӯйёна ба бар карда буд, дутори аз чӯби зардолу тайёр намуда ва туҳфакардаи Усто Шарифи ҳамсояву ҳамдеҳаашонро гоҳ ба дасту гоҳ пеши бар гирифта ҳамроҳи ҳамсолону ҷӯраҳояш Ҳабибуллову Муҳаммадризо аз хона ба саҳни ҳавлии мактаб омад.

Ӯ аллакай дуторнавозиро ёд гирифтааст. Ду сол инҷониб ҳар ҳафтаву моҳ ба хонаи Усто Шарифи ғижжакнавоз, ки дар ин тобеот касе ба ӯ баробар нест, меравад, аз устод нозукиҳои касбро аз худ мекунад. Дар тӯю маъракаҳо ҳамеша дар паҳлуи Усто Шариф қарор дорад.

Баъзан шабҳо модар аз рӯи меҳрубонӣ Рустамро ба тӯйҳо рафтанӣ намемонад. Ӯ дар ин хусус аз падар ёрӣ пурсида, аксаран падараш маҷбур мешавад, ки хоҳиши фарзандашро рад накарда бо ӯ ҳамроҳӣ кунад, то Рустами ба як ҳисоб эркаи падару модар аз шунидани мусиқию сурудхонии ҳофизон бебаҳра намонад.

Ҳангомаи ид ҳанӯз оғоз нагардида, аз баргаҳи теппаҳои Чашмаи Гул, аз пайроҳаи деҳаи Чаргӣ овози марғуладори сурнай ба гӯши касони дар саҳни мактаб ҷамъомада расид ва
ҳама ба он тараф гӯшу ҳӯш шуданд. Диданд, ки даҳ–дувоздаҳ нафар шахсони харакию аспакӣ думболи ҳам тарафи Момандиён омада истодаанд ва раиси Абдураҳим аз дигарон
дида, бештар шод шуд. Медонист, ки дар ин тобеот танҳо Қорӣ Неъматуллои сурнайӣ ин асбобро менавозад ва қорӣ дар театри Кӯлоб ҳамроҳи дӯсту бародараш Вализода фаъолият доранд. Яъне Вализода дар қатори дигар сарояндаҳо Қорӣ Неъматуллоро низ ба ин ҷо овардааст.

Раиси Абдураҳим мӯйсафедони баобурӯи деҳа Абдуллои Юсуф, Усто Шариф ва муаллими Тағай Бозорро ҳамроҳ гирифта, то саргаҳи деҳа ба пешвози меҳмонон рафт.

– Ай дар хоки поҳот садқа акаи Вализода,- гуфта, раис аз лаҷоми асп дошта, ба шоир гарм вохӯрд ва хайрамақдам гуфта, дигаронро низ хушомадед гуфт.

–Гапата ба замин намонда омадем,– гуфт Вализода, вақте Абдураҳим ба
меҳмонҳо саломро ба охир расонида ба назди шоир баргашт.

–Умедам аз шумо ҳамин буд,– гуфт дар ҷавоб раис ва гапашро идома бахшид:

–Қорӣ Неъматуллоро овардед, ба шумо ака қоил шудам.

–Ҳолӣ Абдураҳим меҳмони асосиро нашинохтаӣ.

–Садқаи қадами муборакашон. Садқаи ҳамаи шумо,– гуфт раис.

–Номи Акашарифи Ҷӯраро ҳамроҳи сурудҳояш шунидаӣ? Ана худи он кас,- гуфта Вализода ба ҳамроҳи аспсавори бари ба бар омадааш ишорат кард.

–Раиси Абдураҳим аз хурсандӣ чӣ гап гуфтанашро надониста, ба марди болобаланди чашму абрӯсиёҳ, ки дар сар тоқии базеби чоргул дошт назар дӯхт ва гуфт:

–Ҷонам садқаи қадамҳояшон. Нури дида тоҷи сар! Қурбонатон шавам шоир, ки маро ба дидори муборакӣ Акашариф муяссар гадонидед. Марҳамат ба деҳа. Мардум ҳама дар интизоратон.

–Акашариф бо дастаи ҳунармандонаш ба Кӯлоб омада буданд. Ба ин кас гуфтам, ки додари раиси Абдураҳимам дар Муъминобод тӯй дорад.

–Меравам,–гуфт Акашариф.

–Номи Муъминобода шунидаму он ҷойҳоро надидаам. Ай дунёхӯр дида дунёдида беҳтар, гуфтаанд. Иди Якуми Майя дар Муъминобод мегузаронем.

Раиси Абдураҳим Мирзоавлиёи паҳлавон, Шумқори Одинабеку дигарҳоро низ мисли меҳмонҳои дигар пешвоз гирифта, онҳоро ба майдони идгоҳи мактаб бурд.

–Барои паҳлавонҳои дар гӯштин ғолиб омада молу ҳол, бузу гӯсфанди бисёр ҷудо кардаем. Маъракаро дуруст ташкил карда мадумро хурсанд кунед,– таъкид кард раиси Абдураҳим ба Мирзоавлиё.

Баъди андак дамгирӣ ва нӯшидани як пиёла чой Вализода ҳофизу мутрибонро ба миёнаи идгоҳ, ба майдони мактаб овард.

Чи базме оростанд меҳмонон ва чи иде шуд он рӯз, хурду калони деҳа, ки ҳама дар ин маърака ҳузур доштанд, то ба охири умр ин базму суҳбаторой, шеъру аскиягӯӣ, шухию базлагӯиҳоро ҳаргиз фаромӯш накардаанд.

Сайдалӣ Вализода гоҳ шеърхонӣ мекард, гоҳи дигар дутор ба даст гирифта, ба сароидани суруди дӯстдоштааш шурӯъ менамуд ва баъд навбатро ба ҳофизи номӣ Акашариф медод. Акашариф бо сетор пайиҳам сарояндагӣ мекард ва боз дутор ба даст гирифта суруди фалакие замзама менамуд.

Бисёриҳо бо ному овози ширадори Акашариф шинос набошанд ҳам, вале дар ин ҳавои беғубори кӯҳистон то ба фалак танинандоз гардидани садои нотакрори устод мадумро мафтуну шайдои худ гадонид.

Ҳофизи хушовоз замзама мекард;

**Эй ҳузури мақдамат дар зиндагӣ бурҳони ман,**
**Мурда будам, зиндаам кардӣ, биё эй ҷони ман.**

Овози нотакрору ширадори Акашариф ба дуриҳои дур танин меандохту мардум ҳаловат мебурданд. Ҷавонон аз оҳанги марғуб ба ваҷд омада ба майдон ба рақсу бозӣ мебаромаданд. Касони аз маркази ноҳия ва деҳаҳои атроф ба ин ҷо ҷамъомада бо кафкӯбӣ ба мусиқӣ ҳамроҳӣ доштанд. Ва Акашариф аз ин истиқболи нек рӯҳ гирифта мехонду мехонд;

**Ай дарраи Камаров,**
**Анора овардеме !**
**Анор ҷонум аноре!..**

Ҷавонону кӯдакон ба оҳанги марғуби ҳофиз дар рӯи сабзаву себаргазори майдон рақсу бозӣ доштанд.

Ва аз ин ҳангомаи мардуми кӯҳистон дили Акашарифи хушовоз ба хурӯш меояду месарояд;

**Сабзак лаби ҷӯ, ёраки нағзак лаби ҷӯ,**
**Мурғобӣ шавам ғӯтта занам ҷӯйи ба ҷӯ.**
**Дастакта нашӯ ҷӯраи ҷон дар лаби ҷӯ**
**То тар нашвад себаргаҳои лаби ҷӯ.**
**Сад чарх задам гирди сари ёранда,**
**Ёрам лаби обанда задай хобанда...**

Чун навбат ба Қорӣ Неъматуллои ҷавон расид, ӯ асбобашро ба даст гирифта ончунон нағмапардозӣ кард, ки тамошобинон дар ҳайрат монданд. Фатҳуллои ҳамроҳаш доираи дар нурҳои офтоб тафсидаро ба оҳанги сурнай қӯш карда, садои доираро то дуриҳои дур мебурд.

–Қорӣ, додар, оҳанги Қашқарчаи Ироқро бинавозда ҷувонҳо рақс кунанд,– хоҳиш кард Вализода ва Неъматулло оҳанги навозишро дигар кард.

– Ҳай ҷонум садқат, бачармад! – гуфта Усто Шариф дуторашро ба оҳанги сурнай ҷӯр карда ӯ низ ба навозиш даромад.

Садои сурнайи Қорӣ Неъмтулло то ба хамгашти теппаву қуллаҳои сар ба фалак мерасид ва пиру барноро шоду масрур мегардонид.

–Акнун боз навбат ба шоири халқ,– таклиф кард Акашариф ва илова намуд.

– Мо андак дам гирем.

Мадум розӣ шуда, ҳама тарафи Вализода чашм дӯхтанд. Шоир мисли он ки суруд замзама мекарда бошад, тоқии чоргулашро аз сар андак боло бардошта боз онро ба ҷояш гузошт ва дастонашро пеши бар гирифта ба шеърхонӣ даромад.

**Бар давлати мо офарин,**
**Дар шашяки рӯи замин.**
**Кард мулки моро нозанин,**
**Ленин бародар раҳнамо!…**

Чун шеър ба охир расид, кафкӯбии мардум гӯё осмонро дакка дод.

–Боз шеър бихон, Вализодаи ҷон, – баромад овози бобои Рауф ва шоир ба хондани шеъри дигар оғоз бахшид:

**Эй ту рафиқ як назар,**
**Рангу рухамро нигар.**
**Сӯхт маро дар ҷигар,**
**Духтари балҷувонӣ…**

–Дуторро ба даст бигир,–хоҳиш кард Акашариф аз Вализода баъди поён ёфтани шеърхонӣ.

Шоир дуторро ҷӯр карда, аз Фатҳуллои доиранавоз хоҳиш кард, ки ӯро ҳамроҳӣ кунад.

–Ма бо ғижжак ҳамроҳ шавам,– гуфт ба завқ омада, амаки Усто Шариф.

–Ҳай хуб мешавад,– шунид овози шоирро Усто Шариф ва ҳамроҳи ӯ ба ғижжакнавозӣ даромад.

Ҷавонҳо аз сари нав ба рақс баромаданд ва боз базми давра рангу намуди тоза гирифт.

Рӯз қариб ба охир расида, офтоб ба ғуруб наздик шуда бошад ҳам, базм давом дошт. Мардум майдонро тарк кардан намехостанд.

Дар охир Усто Шариф базморой карда, аз Вализода хоҳиш кард:

–Ҳами бачаҳак ҳоло–ку хурд асту барои маъракаоройи ҷавон. Чӣ мешавад, ки шумо устодон навозишашро бубинед.

–Ҳай дар ҷони бача садқа! – гуфт Акашариф ва аз дасти Рустами дутор пеши бар дошта, ӯро ба майдони идгоҳ раҳнамун сохт.

Рустам аввало шарм карда баъди ба миёнаҷои майдон баромадан ҳам дутори пеши бар доштаашро ба даст нагирифт, ки овози устодаш Шариф ба гӯшаш расид.

–Рустами ҷон! Шармро як тараф мону ҳунарата нишон те!

Ва кӯдак шерак шуда, дуторро ба даст гирифта бо як панҷа задан ҷӯри асбобро санҷида ба навозиш оғоз кард.

Мардуми майдон ҳама хомӯш шуданд.

Овози дутор аввало оҳиста ва баъдтар фораму алоҳид шунида шуд ва Рустам аз он рӯҳ гирифта оҳанги навозишро баландтар кард. Панҷаҳои дасташ акнун бо мarому озод торҳоро ба ҷунбиш медароварданд.

Назар ба ҳама одамони ин ҷо буда Акашарифу Вализода ба иҷрои оҳанг ва навои дутор диққат медоданд. Ҳатто Акашариф аз машқи кӯдак ба ваҷд омада тарафи Вализода чӣ имою ишорае кард, ки дигарон мазмуни ӯро нафаҳмиданд. Танҳо диданд, ки шоир ба ишорати Акашариф сар ҷунбонида, имои ҳофизро тасдиқ кард.

Навозиш ба охир расид ва садои қарсаки тамошобинонро шунида Рустам дуторашро ҳамоно пеши бар гирифта ба назди Усто Шариф омад.

–Офарин, бачам! – гуфт Акашариф, ки наздики онҳо нишаста буд ва афзуд:

–Худо хоҳад, санъаткори хуб мешавӣ. Ин оҳанги «Хайрбод»–и Карими Шиша аз кӣ омӯхтӣ

–Амаки Усто Шариф ёд дод,– бо эҳтиром, оҳиста гуфт Рустам.

–Бисёр хуб навохтӣ, бачам. Оҳанги «Хайрбод»–а ҳар кас навохта наметавонад. Қандата зан бача, ки бехато навохтие! Ба Худо қоил кардӣ. Аз ҳами деҳаӣ ё ҷои дигар ? Бачаи кистӣ?

–Бачаи раиси Абдураҳим,- ҷавоб дод кӯдак.

–Насиб бошад, бо падарат суҳбат мекунем, хуб ? – афзуд Акашариф.

–Ихтиёр ба шумо,– боодобона гуфт Рустам.

–Насиб бошад, туро ҳамроҳ ба Сталинобод мебарем. Одаму оламро мебинӣ,– гуфт Акашариф…

Иди Якуми Май дар Момандиён ба тӯй табдил ёфту тӯйи раиси Абдураҳим ба иди ҳақиқӣ. Ҳама ин ҳангомаи хурсандию хушбахтӣ дар арафаи Рӯзи Ғалаба бар фашизми гитлерӣ буд, ки ҷанг тайи панҷ сол давом дошт ва ин ҷанги ҷаҳонӣ бо вуҷуди вайрону валангор гардонидани ҳазорон деҳу шаҳр, ҷони зиёда аз панҷоҳ миллион одамонро рабуда буд.

Дар деҳаи Момандиён хона ва оилаҳои азодор зиёд буданд. Мардуми кулфатзадаву азодор бо паи қадами муборакии шоири ғазалсаро Ваизодаву Акашариф як соату рӯз шаҳди хушбахтию хурсандии рӯзҳои нобасомонро чашиданд. Ба зиндагии минбаъда ба меҳр қадам ниҳоданд.

Бегоҳирӯзӣ, баъди фурӯравии офтоб деҳа чодари сиёҳи шабро ба сар карда бошад, дар миёнаҷои ҳавлии раиси Абдураҳим гулхан афрӯхтанд. Кӯдакону мӯйсафедон гирди гулхан давра ороста ҳамагӣ ба умеди боз ҳам баҳра бурдан аз суҳбату базмороии Акашарифу Ваизодаи шоир, сурнайнавозии Қорӣ Неъматулло буданд.

Баъди адои намози шом, базми шодию хурсандӣ идома ёфта, то як ҳисси шаб давом кард.

Дар баробари ҳама аҳли деҳ хурсандии бонуи хона, модари Рустам, Бибии Шарафнисоро ҳадду канор набуд. Бо вуҷуди дастурхонороию пухтупаз ва иззати меҳмонҳоро ба ҷо овардан ин зани боиффат табассуми ба ханда моил дар лабон ҳар замон аз байни мардум ба фарзанди ягонааш Рустам назар карда, дилаш аз фараҳ лабрези шодӣ мегардид ва шукронаи илоҳиро ба ҷо меовард, ки бо ҳамин писар ӯро аз неъматҳои атокардааш бенасиб нагардонид. Ва ин ҳама тӯю маъракаи идонаро сабаб ҳамин бачаи насибгардонидаи Парвардигор аст, ки имрӯз боиси хурсандии ӯ шудааст.

Акашарифи ҳофизу Ваизодаи шоир ба ин доманаи кӯҳсор, ба Момандиён, ба ҳавлию хонаи онҳо омаданд. Рустами бачааш дар паҳлӯи ин ҳунармандони нотакрор дутор навохтааст ва ин бузургон ба бачаи ӯ дуои неку хайр додаанд...

Шаб аз нисф гузашта бошад ҳам, мардум хонаву ҳавлии раиси Абдураҳимро тарк кардан намехостанд. Охир ба ҳар кас муяссар намегардад, ки аз наздик чеҳраҳои базебу нӯронии Ваизода ва Акашарифро бубинад. Бо онҳо ҳамсуҳбат шавад, аз базму ҳазлҳои намакинашон баҳра барад.

Раиси Абдураҳим донист, ки меҳмонҳо аз ҳад зиёд хаставу монда шуданд, вале мардуми деҳа, ҳамсояҳоро аз хонаву ҳавлӣ ронда ҳам намешавад, бинобар ин бояд коре кард, ки ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад. Раис дӯст ва ҳамсояи наздикаш, амаки Раҳимро наздаш хонду хоҳиш кард:

–Акаи Раҳим. Аз дасти худат меояд, ба ҳамсояҳо бифаҳмон, ки меҳмонҳо монда шудаанд. Шаб аз нисф гузашт.

Амаки Раҳим аз хоҳиши раис рамуз гирифта, аз хона ба ҳавлӣ баромада овоз баланд кард:

–Ҳамсояҳову хешу табор!–гуфт ба мардуми гирди гулхан ҷамъ гардида.

– Медонум, ки ҳама муштоқи базми меҳмонҳоем. Иззати меҳмонҳоро ба ҷо оварданамон зарур. Бечораҳо хуб хизмат карданд. Биёед ҳамагӣ ба хонаву ҷою пои худамон равем. Вақти хоб гузаште.

Мурочиати амаки Раҳим таъсир кард ва мардум бо дили хоҳам нахоҳам ба хонаҳояшон рафтанд.

Аз бари болои меҳмонхонаи калону васеъ ва барҳавои раиси Абдураҳим рӯи курпачаҳои мулоим Акашарифу Ваизодаро ҷо дода, дигарон аз рӯи синну сол поинтар аз онҳо нишастанд. Раиси Абдураҳим ҳамроҳи Рустами писараш чун соҳибмаъракa наздики дар ҷо гирифта буданд.

## -2-

Баъди таом суҳбат аз дуторнавозӣ ва сароянддагии Карими шиши кангуртӣ рафт.

– Вақте ҳамин бача дутор навохт,– гуфт ба ҳасрат Акашариф,– симои нуронии худоpаҳматии Карими шиш пеши назарам омаду ҳеҷ не ки аз хотирам равад.

–Шумо, ака бо он кас ҳамсуҳбат шуда будед,– пурсид Ваизода, пиёлаи чойро тарафи ҳофиз дароз карда истода.

–Ҳамагӣ як маротиб бо он кас вохӯрдаам,– гуфт Акашариф.

–Ман дар маҳбаси Сталинобод ҳамзиндонии Карими шиш будам. Айни ҷувонмардиамон буд он вақт,– гуфт Вализода ва илова кард:

–Дар зиндон ҳамроҳаш дутор дошт. Хотири зиндониёнро бо навозишу оҳангҳои дилошубаш шод мегардонд. Ин неъмати бебаҳое буд барои мо, вале ҳозор афсӯс, ки пас аз се рӯзи шиносоӣ моро ба бадарға бурданду дигар аз ҳоли он кас бехабар мондам.

Сухан аз шумо,– гуфта тарафи Акашариф назар кард шоир.

–Ма ҳоли ин марди наҷиба дар маҳбаси Кангурт дида будам,- гуфт Акашариф.

–Ҳарчанд ҷон кандам, ки ӯро аз марг наҷот бахшам, натавонистам. Ӯ вақт чӣ вақти наҳсу куштор буд ба сари халқ.

–Миёнаи солҳои сиюму чилум, дар ҳақиқат озодфикронро ба марг маҳкум мекарданд,– сухани Акашарифро тақвият бахшид Вализода ва оҳи вазнине кашид, зеро падари шоирро бою кулак аст гуфта, корхонаи равғанкашӣ, ҷувоз, дорад, гуён фарзанди Бобои Валӣ яъне Сайдалии нав ба арсаи адабиёт қадам ниҳодаро низ мисли Карими шиши кангуртӣ, чун душмани халқ айбдор дониста аз ватанаш Тоҷикистон бадарға карда буданд.

–Чӣ гуноҳ дорӣ, шоир,–пурсида буд дар зиндони Сталинобод Карими шиш, аз Вализода.

–Атам ҷувоз дошт, барои ҳамин бой гуфта зиндониам карданд.

–Шуморо бо кадом гуноҳе ба маҳбас кашиданд,- дар навбати худ пурсид Вализода аз Карим.

–Дар маъракаи мири Балҷувон Давлатанд суруд хондаӣ, дуторнавозӣ кардаӣ. Ту ҳам душмани инқилобӣ, гуфта маро зиндонӣ карданд,- бо таассуф гуфт Карим ва афзуд:

–Шукр, иҷозат доданд, ки дуторамро ҳамроҳ бигирам. Ягона ғамгусору пушту паноҳам ҳамин дуторай,–гуфта ба тори думра нохун зад мутриб.

Оҳанги «Корвони Ҳиҷоз» - ро ба навозиш сар кард ва аз хушии оҳангу мисли кабӯтар ба қум–қуму ба забон омадани дутор гӯӣ зиндониён ҳама ҳушу гӯш шуданд. Ҳатто мегуфтӣ дару деворҳои маҳбас низ шуниданд оҳанги марғуброву хурсанду хушбахтӣ доштанд.

–Бачаи мардак дар санъати сароянда гӣ ва махсусан дар дуторнавозӣ нобиғаи асру замон буде,- бо овози ларзону ҳаяҷонбахш,– гуфт Акашариф,сухани Вализодаро тақвият бахшида.

–Аз гапи дигар дида, биёед ман ду лаҳзаи ҳаёти фоҷеабори ин Борбади замонара ба шумо нақл кунам.

–Аз таърих ба шумо маълум аст, ки бо гуноҳи навозандаи беҳамтову нотакрор буданаш душманон панҷаҳои дастони Борбади Марвазро бурида будаанд, то дигар ба торҳои асбоби мусиқӣ нохун зада натавонад. Охир суруду мусиқӣ, шеъри асил, ҷозиба дорад, чизе аст, ки ба торҳои асаб, ба хуну пӯст, ба ҷисми инсон, ба дилу дидаҳо нӯри ҳаёт мебахшад. Дили шунавандаю бинандаро ба ишқу муҳаббат, ба рӯзгору зиндагӣ неруву қувват ва қудрат ато мекунад. Хулоса пирро ҷавон месозад, нотавонро тавоноӣ илқо мекунад. Ба тану ҷони инсон ғизои маънавӣ мебахшад. Бе шеъру суруду мусиқӣ инсон аз ҳайвон бадтар мегардад. Кӯтоҳи гап, дуторнавозии Карими шиш ва оҳангофарӣ, моҳирона иҷро кардани суруд обурӯ ва нуфузи ӯро дар байни мардум зиёд гардонида буд.

Акашариф андак хомӯш истода, аз нав ба гап даромад.

–Нақароти як суруди дар васфи маҳбубааш Нозукбӣ хондаи Карими шиш дар ёдам мондааст, ки мехонд:

**Дилбари Хуҷайнурӣ,**
**Мисли ҷоми булурӣ.**
**Дил ташнаи дидорай,**
**Афсӯс, ки ай мо дурӣ…**

Ин нақарота бо рубоӣ хонда Карим фалак мезад, ки шунаванда аз ширaи овозаш серӣ надошт.

Пеш аз зиндонӣ гаштан хаммилатони ҳаинҷоии навозанда, касони зидди инқилоб, ки босмачӣ ном мебурданд онҳоро, Карими шишро бо мақсади нобуд кардан шабе аз

хонааш  пешопеши асп то лаби Ҳалқаҷари деҳаи Чавроқи Кангурт мебаранд ва мепурсанд:

–Ба кадом мақсад дар хонаи тарафдорони сохти нав, яъне  инқилобчиҳо базм ороста, сурудхонӣ  кардай?!

– Ҳамаи ин мардум хешу табор, мухлиси суруду навозиши дуторанд. Барои онҳо хондан гуноҳ бошад, барои шумо ҳам дуторнавозӣ мекунам. Бинавозам?

–Не,– мегӯяд сарвари  босмачиҳо ва дӯғ заданашро давом медиҳад.

– Мо мӯҳтоҷи шунидани дуторнавозии  инқилобчии душман нестем.

–Баред, и малъуна аз ҷар ба зер  ҳаво диҳенда гӯшти баданаш тӯъмаи зоғу зағану каргасҳо шавад! – мефармояд ба зердастон, сарвари босмачиҳо ва Каримро кашола карда ба лаби ҷарии бетаг  мебаранд.

– Мебинам, ки маро куштаниед. Монед, бори охир бо дуторам хайру хуш кунам, оҳанге бинавозаму  аз  олам пурармон наравам,– илтиҷо мекунад  Карим  ва  ба  ӯ  иҷозати навохтан  медиҳанд.

–Мутриб торҳои дуторро ба ҳам ҷӯр  карда ба навохтани оҳанги дилошӯби «Хайрбод», ҳамон оҳанге, ки  Рустамҷон дар байни мардум имрӯз  навохт, ҳамин оҳангро Карим  дар он лаби ҷарӣ пеш аз марг менавозад.

Садои дутор бо ширинии оҳанги Карим дар он  шаби тор то дуриҳои дур танинандоз мегардад. Мард он қадар  ширину гуворо менавозад, ки дили ҳар як шунаванда об мешавад.

–Чӣ мегӯед, ки таъсири ширai овози дутори Карим ҷону дили сардори  босмачиҳоро ба сӯзиш меорад, ки  фармон медиҳад:

–Озод  кунед ин мардро!

– Бирав ҳарҷо, ки хоҳӣ, лекин дар маъракаҳои инқилобчиҳо базморой накун дигар,- мегӯяд ӯ.

Ва Карим чанд муддат озод зиндагӣ мекунад.

Баъдтар шунидам, ки  намояндаҳои инқилобчиён,  дастаи босмачиҳоро нею Каримро зиндонӣ кардаанд.

Ба  пеши  чанде аз роҳбарони онвақта рафтам, то ҷони санъаткори  бегуноҳро раҳонам, ки аз дастам наомад.

–Карим  гунаҳгори  сиёсӣ  аст ва мо ба  ин кор дахолат намекунем,– мегуфтанд  аксари онҳо.

Ман ҳам мисли Карим як хизматгори  халқ будам ва ба ҷуз аз хомӯшӣ  илоҷи дигаре надоштам. Бо андак рафтори ношоиста аро ҳам мисли Карим ба ҳабс мегирифтанд.

Акашариф баъди ин гапҳо хомӯш монд, вале  ҳамсӯҳбатон оқибати ҳаёти Карими шишро донистан мехостанд, бино бар ин Акашариф аз нав  ба гап даромад:

–Падари Каримро Файзулло мегуфтанд ва  шиш лақаб гирифтани мард аз овози ширадори ниҳоят дароз доштани ӯ далолат мекард.

Медонед, ки чун ҳазорон донишмандони бегуноҳ ин санъаткори нотакрорро намояндагони ҳокимияти шӯравӣ  ваҳшиёна  ба қатл мерасонанд.

Шунидам, ки шаби иҷрои фармони  қатли Карими шиш ӯро ҳамроҳи сӣ нафар маҳбуси дигар  ба марг маҳкумшуда, аз зиндони Сталинобод ба беруни шаҳр мебаранд ва дар қатори дигарон ба ӯ низ фармони чуқурии гӯр  кандан   медиҳанд.

–Агар хоҳед, ки ҷасадҳоятон туъмаи зоғу заған ё сагони дайду нашаванд, ба дасти худ гӯрҳоятонро  канед!

Ҳамин буд  фармони Аскарони сурхи руси инқилобие, ки  маҳкумшудагонро ба ин ҷо оварда буданд. Ва Карим низ  дар қатори дигарон барои худ гӯр меканад.

Маълум, ки дасту  бозу ва панҷаҳои дуторнавози моҳир азму қудрати кандани  замини сахтро  надоштанд, бинобар ин ӯ хоҳиш мекунад,  ки чун дар лаби  ғори Ҳалқаҷар инҷо низ бори дигар дутор ба даст гирад. Ба имою ишора ба аскарони рус мақсадашро мефаҳмонад ва  хушбахтона ба ӯ навохтанро  раво мебинанд.

Санъаткори  беҳамто аввало ба  навохтани оҳанги «Аллаи модар» шурӯъ мекунад ва чӣ мегӯед, ки навозиш  он қадар ба сарвари қотилон таъсир мебахшад, ки  ӯ  ба  тамоми ҳастӣ ба шунидани оҳанги марғуб дода мешавад. Шояд навозиши оҳанг дар хотироти

қотил айёми тифлию домони модар, аллагӯию навозишҳои маҳбуби волидайнашро дар ин нисфишабии тираву тор бедор мекунад.

Дигар ҳамроҳон ба белзанию кандани қабри худ машғул буданду Карим баъди анҷоми оҳанги аввала ба навозиши оҳанги «Хайрбод»-и ғамангез дар охирин лаҳзаҳои ҳаёт ба мардуми ба марг маҳкумшуда чӣ таассурот мегузошту дар дили қотилон чӣ шӯр меангехт, инро Худо медонаду онҳое, ки бо ҳаёт ва ҷони ширини хеш хайрбод мегуфтанд.

Пас аз тайёр шудани чуқуриҳои гӯрмонанд, қумандони калон ба парронидани маҳкушудагон шурӯъ мекунад, вале тарафи Карими шиш тиркушоиро раво намебинад.

Аскарҳои инқилобии дар гирди мақтулон давра истода мебинанд, ки сардорашон маҳбуси дуторнавозро аз марг наҷот доданист, якеи онҳо сӯи сардор нигариста мегӯяд:

–Ту хоин, душмани халқро, ки куштан намехоҳӣ, ман ҳардуятонро ба ҷаҳаннам мефиристам!

Ва дарзамон тирҳои ҷонсӯзи камони панҷтираашро сӯи Карими шиш ва сардори аскарон холӣ карда, ҳардуро ба ҳалокат мерасонад.

Мегӯянд, ки сарвари қотилон Оқчурин ном доштааст...

## -3-

Айни бедоршавӣ ва шукуфоии табиат буду Рустам скрипка дар даст, аз боғи марказии ноҳия тарафи мактаби миёнаи ба номи Карл Маркс равон, ки дар роҳ чашмаш ба як гурӯҳ кӯдакон афтод. Онҳо аз афташ, аз теппаҳои болои шаҳрак омада истода буданду ҳар кадом қабзаҳои гули сиёҳгӯш дар даст доштанд. Дили Рустам ин дам гӯи таку рӯ шуд.

–Гулҳо шукуфтанду мо бехабар мондем, - зери лаб гуфт худ ба худ Рустам ва аз хотир гузаронид, ки умри одамӣ чи қадар зуд мегузарад.

Ҷавон фикр кард, ки айёми кӯдакию мактабхонӣ ноайён гузашту хабаре наёфтем. Он вақтҳо ҳамроҳи Ҳабибуллою Муҳаммадризо ва дигар ҳамдеҳагон баробари шукуфтани аввалин гулҳои зардаку сияҳгӯш гулгардонӣ мекарданду бо сурудхонии худ деҳаи Момандиёнро ба сар мебардоштанд. Акнун ҷавони хушқадду қомат шудааст. Имсол нияти ба ягон мактаби олӣ дохил шуданро дорад. Ҳоло бошад, аз устоди мусиқиаш супориш гирифтааст, ки барои хотири хонандагонро шод гардонидан равад.

Ҷавон дар хамгашти роҳ Мирзоавлиёи паҳлавонро диду одоби саломро ба ҷо оварда, аз дами роҳ як тараф истод ва баъди гузашта рафтани Мирзоавлиё ба андеша рафт:

Ба табиат аз рӯи ақл ҳаматаафа ҷиддӣ назар афканӣ, мебинӣ ки гули сиёҳгӯш, ки яке аз гулҳои дӯстдоштаи мардум аст, ҷойи ба худ махсуси сабзиданро дорост. Яъне дар таҳдашт қариб, ки ин гул ба назар намерасад.

Дар кӯҳистон низ баъзан панҷ - даҳ хамгашту теппаро мегузарӣ, ки баъд ба ҷову макони гули сиёҳгӯш бирасӣ ва аз хусуси зебогиву бӯйи махсуси ин муъҷиза баҳравар шавӣ.

Ҳамин тариқ, санъаткору хунармандони асил, паҳлавонони номӣ низ вобаста ба обу ҳаво ва мавзеи зист ягон - ягон дар ҷойҳои хушманзара арзи вуҷуд доранд.

Диёри Муъминобод, ки яке аз чунин ҷойҳои хушобу ҳавои кӯҳистон аст, аслан кони қобилиятҳои нотакрори паҳлавонону донишмандон ва санатварони номӣ аст.

Шамсиддин Шоҳини шоиру Соҳиб Табарови адабиётшинос, Мирзоавлиё паҳлавон барин касон номи ин диёрро машҳур гардонидаанд...

Дар саҳни ҳавлии мактаб муаллимону хонандагон ҷашни наврӯзӣ доштанд ва маълум, ки дар баробари ҷамъомадагон ҳаваскорони санъат низ ба ин маърака даъват шуда буданд.

Рустам, ки дар тӯю маъракаҳои зиёд иштирок карда, аллакай таҷрибаи хуби маъракаоройӣ дошт, медонист, ки дар кадом ҷамъомад, бо чӣ оҳанги мусиқӣ диққати ҳозиринро шод гардонад.

Чун навбат ба ӯ расид, ба навохтани оҳанги тӯёна оғоз бахшид, ки баъди гардиши аввали оҳанг раққосадухтарони ҳаваскор ба рақсу бозӣ шурӯъ карданд. Баъд ҷавонон низ аз оҳанги ҷаззоб ба ваҷд омада, ба майдон баромаданд.

Бояд иқор шуд, ки мардуми кӯҳистон аслан мусиқидӯстдоранд ва ба санъат меҳри беандоза доранд.

Шояд рӯҳияи озодипарастӣ ва ҳаётдӯстиро дар хуни ин мардум табиати ин мавзеъ тарбияву талқин кардааст, ки кас ҳангоми тамошои рақси тӯёнаи ҷавонон хоҳу нохоҳ ҷӯшу хурӯши чашмаву рӯду дарё, суруди шаршараҳои сарозер ҷориро ба хотир меоварад.

Рустам думболи оҳанги аввала ба навозиши оҳанги шӯхи дигар оғоз бахшид ва хонандагон ба рафти оҳанг каф кӯфта, қисми зиёдашон ба майдон ба рақсу бозӣ даромаданд.

Базме шуд диданӣ ва хурсандие шуд идона.

Базм поён ёфту кӯдакони мактабхон гирди Рустами ҷавонро печонида, ӯро ҳарчи аз наздик дидан, бо ӯ ҳамсуҳбат шудан мехостанд. Баъзеҳо ҳайратӣ буданд, ки бо вуҷуди ҷавон будан Рустам оҳангҳоро бо маҳорати баланд, ин қадар марғуб менавозад. Мисли санъаткорони соҳибтаҷриба метавонад бо навозиши дилхоҳ оҳанг дилҳоро ба хурӯш оварад.

–Раҳмат ака, ки хотири моро шод гардонидӣ,- миннатдорӣ кард ҷавони нисбат ба дигарон тануманд, ки ҳамроҳи ҳамсинфон буд.

– Ба шумо раҳмат, ки гӯш кардед,- гуфт дар ҷавоб Рустам ва аз он ҷавон пурсид;

– Чӣ ном дорӣ?

– Восеъ,- ҷавоб дод ҷавон.

– Номи қаҳрамони халқро беҳуда ба ту намондаанд,- гуфт Рустам ва пурсид;

– Медонӣ Восеъ кӣ буд?

– Худи шумо гуфтед, ки қаҳрамони халқ? - ҳозирҷавобӣ кард ҷавон.

– Бале, додар. Восеъ аз Дарраи Мухтори Ховалинг бар зидди зулми манғитҳо бархост, вале сад дареғ, ки шикаст хӯрд.

– Китоби устод Сотим Улуғзода “Восеъ”- ро хондаам, - гуфт ҷавон.

– Бамаърифат будаӣ, бача, - гуфта Рустам тарафи ҷавон даст дароз карду гуфт;

– Ошно мешавем.

– Майлаш, - гуфт ҷавон ва ба Рустам даст дод.

– Синфи чанд мехонӣ?- пурсид Рустам.

– Тамомкунандаам. - ҷавоб дод Восеъ

– Розӣ бошӣ, якҷоя ба донишгоҳ меравем,- гуфт Рустам.

-- Кори нек мешавад,- гуфт Восеъ.

– Дар мактаб кадом забони хориҷӣ меомӯзонанд?

– Англисӣ,- ҷавоб гуфт Восеъ.

– Донишат аз фанни англисӣ хуб аст? - пурсид Рустам шод шуда.

– Бад нест, - гуфт Восеъ.

– Сахт тайёрӣ бин, насиб бошад, ҳардумон ба шӯъбаи забонҳои хориҷии донишгоҳи Сталинобод дохил мешавем...

**- 4 -**

**Хуштар аз айёми ишқ айём нест,**
**Бомдоди ошиқонро шом нест.**

Субҳ дамида буду ӯро хоб намебурд. Ин шаби дарози дарозро ба фикру андеша то ба рӯз расонид.

Ба чунин аҳвол асосан беморони вазнин гирифтор мешаванд. Яъне азияти дард намегузорад, ки кас лаҳзае ором гирад, вале ягон ҷойи бадани ӯ дард намекард. Танҳо андеша ва фикрҳои печ дар печ, балки ҳиссиёти ширину гуворо хаёлоти ҷавонро ба кӯчаҳои сарбастаи зиндагӣ мебурданд.

Ҷавон аз як паҳлу ба паҳлуи дигар мегашт, мехост ҳама ин хаёлоту фикрҳоро аз майнаи худ дур созад, вале хоб ба ӯ ғалаба карда наметавонист.

Қарибиҳои аз нисф гузаштани шабу фаророрасии субҳ ноилоҷ аз ҷойгаҳи хоб хесту чароғро фурӯзон кард. Маҷмӯаи шеърҳои Абдулқосим Лоҳутиро, ки рӯи миз буд, кушоду чанд вароқи онро мутолиа кард. Чашмаш ба банди ғазали дилошӯб афтоду зери лаб хонд;

**Арзандатар аз ишқ ба олам гуҳаре нест.**
**Покиза бидораш, ки ба ҳастӣ сабаб аст ин.**

Банди шеъриро гаштаю баргашта такрор хонд, ки дар хотираш нақш баст. Азёд шуд.

Шояд аз муҳаббати зиёд доштан ба шеъру мусиқӣ аст, ки банду шеърҳои бутуни пурмазмун бо се-чор маротиб такрор хондан азёд мешуданд. Ё Парвардигор ба ӯ ҳамин тариқ хотираи худододро раво дидааст, намефаҳмид.

Ва ҷавон боз хонд;

**Ошиқам, ошиқ ба рӯят, гар намедонӣ, бидон,**
**Сӯхтам дар орзӯят, гар намедонӣ, бидон!..**

Ин ғазалро Рустам гаштаю баргашта хонд ва дар дилаш қарор дод, ки ин дафъа ҳангоми вохӯрӣ байти аввали шеърро, балки саропои ғазалро ҳатман пеши Садбарг мехонад.

Мон духтар бидонад, ки Рустам ба ӯ дил бой додааст. Балки бо тамоми ҳастӣ мафтуну шайдои ӯ гардидааст.

Ҷавон аз ин бозёфтончунон хурсанд шуд, ки гуфтан надорад.

Аввало хост ғазалро ба пуррагӣ болои дафтар нависаду бурда ба Садбарг тӯҳфа кунад ва ба ӯ бигӯяд, ки устоди бузугвор Лоҳутӣ маҳз ҳама сирру асрори ниҳони дили ӯро дидаву дониста дар ин ғазал ифода кардааст, вале аз раъяш гашт.

Бо ду се маротиб хондан ҳатман ғазалро азёд мекунад ва ҳар бор, ки хоҳад мехонад

Ва чашм ба саҳифаи китоб дӯхту хонд;

**Гар пас аз мурдан биёӣ бар сари болини ман,**
**Зинда мегардам ба бӯят, гар намедонӣ, бидон!**

–Ҳай, ҷонум садқат Лоҳутӣ, ки маро бо ин навиштаҷотат аз ғам раҳо кардӣ! - гуфта Рустам китобро рӯи миз гузошту аз шишаи тирезаи хобгоҳи донишгоҳ ба берун нигарист ва дид, ки ҳаво рӯшан шуда истодааст. Ҳатто овози хуши кадом паррандае ба гӯшаш расид, ки байни санавбарҳои қатор ба нағмасарой оғоз бахшида буд.

–Ягон дарду балои дигар не, ҳамин ишқ аст, ки имшаб саропои вуҷудам, ҳастиамро сӯзонду, маро то рӯз ҳатто як миҷа хоб рафтан намонд.

Бале, бале, ба Садбарг ошиқ шудаам, - гуфт худ ба худ Рустам ва болои рахти хоб нишаста аз нав ба фикр дода шуд.

– Аз куҷо омад ин нозанин? Кӣ ӯро пеши ман овард? Балки худам назди ӯ рафтам. Ӯ маро дидан баробар аз шарму ҳаё, монанд ба номаш, мисли гули садбарги сурх ранги рӯ дигар кард. Ва худи ман ҳам, вақти ӯро дидан аз ҳаяҷон дасту по гум мекунам, чӣ гуфтанамро намедонам.

Аз Момандиёни Муъминобод то Кӯлобу Сталинобод кам буданд духтарони хушрӯву нозанин, ки ба ягонтои онҳо дил нadoда имрӯз мафтуну шайдои ҳусни худододи Садбарги ҳисорӣ гаштам?

О, дар донишгоҳ чӣ қадар зебосанамҳои то ҳол очаашон мачак нокарда ҳастанд, ки ҳар кадом дар ҳусну малоҳат ба хироҷи мамлакат меарзанд. Аз рӯи шаклу зебоӣ, ҳунари волоям кадоми аз онҳоро хоҳам, бо андак ишораву ними нигоҳ мутеи худ мегардонам. Лекин дили қайсари сабилам аз байни ҳама нозанинҳои олам ба Садбарг моил шудааст.

Кай буд? Ҳа, вақти консерт дар толори театри тобистона навбати хунарнамоиро ба ман доданду пас аз навозиши оҳанги “ Аллаи модар”, “ Ҷилваи кокул” - ро навохтаму гурӯҳи раққосаҳои ансамбли “Лола” тамошобинонро шод гардониданд. Устод Ғаффор Валаматзодаву Ҳаким Маҳмуд, пас аз анҷоми дуторнавозӣ, дар баробари миннатдорӣ таърифу тавсифам карданд. Ин вақт буд, ки дидам, духтари болобаланди нозанине аз миёни тамошобинон дастагули садбаргҳои шукуфон дар даст, рӯи саҳна омаду онро тақдимам кард.

Дар як чашм расидан дидам, ки рӯи чун кулчаи ширмоли духтар аз ҳаё мисли садбаргҳои тақдимкардааш сурх шуда, ҳарфе нагӯфта сӯи толор рафт. Тарафи қафо баргашта буд, ки

чашмам ба мӯи майдабофӣ кардаи духтар зад, ки мӯ ба қадди базебаш баробар, то хамгашти зонӯяш мерасид.

Баъди анҷоми консерт, дар берун, чашмонам он духтарро ҷӯстанду ёфтанд.

Ӯ дар халқаи духтарони зиёде меистод ва тарафи ҳунармандони аз паси пардаи саҳна ба берун баромада назорат дошт. Духтар, аз нигоҳу ҳаракатҳояш маълум, ки маро меҷӯсту майлу рағбати бо ман вохӯрдану мулоқот карданро дошт, ин дам аз байни

духтарон ҷудо шуда сӯи ман омад. Омаду бо шарму ҳаёи духтарона салом гуфт ва боз чизе гуфтан мехост, ки аз ҳаяҷон буд ё шарм, сӯи қафо гашта, танҳо ҳамин қадар гуфт;

– Моро барои тамошои консерти шумо аз Ҳисор ба ин ҷо оварданд. Ба шумо гап доштаму...

Ӯ дигар гап зада натавониста ба назди дугонаҳояш рафт.

Аз чӣ бошад, ки ман ҳам дар ҷавоб ба ӯ ҳарфе гуфта натавонистам. Мисли аввала чашмам боз ба мӯи мушкинаш банд буд.

Ҳафтае нагузашта Сафои ошноям, ки дар донишгоҳ ҳамроҳ таҳсил мекунем, таклифи меҳмонии Ҳисор карду рафтам.

Табиату обу ҳаво ва мавқеи ҷойгиршавии шаҳру деҳи Ҳисорро тамошо кардам, ба Мӯъминободи мо ин қадар монанду ҳамранг. Кӯҳҳои атрофро печонида, чашмасорону рудҳои мусаффо, боғу ҷангалзорон низ ба мавзеи мо баробар аст.

Рафтем ба ҳавлии хушобуҳавову дилкаши амаки Нодиру холаи Робиаи падару модари Сафо.

Бахти худододаро бубин, ки духтаре ҷустуҷӯяш доштам, хоҳари Сафо будасту мо бехабар.

Дар аввал фикр кадрам, ки шояд духтар аз бародараш хоҳиши маро ба ин ҷо овардан карда бошад, ки не. Аз гулдаста тақдим кардану бо ҳам вохӯрдани ману Садбарг касе огоҳ набуд. Ҳамин хости Худо будаасту Сафо маро чун ёру дӯсту рафиқи ҳамдарс таклифи меҳмонӣ кардааст.

Акнун мушкили дигаре садди роҳам шуда буд, ки Сафо аз муомилаву муносибати ману хоҳараш бохабар шавад, чӣ балоҳое ба сарам хоҳад омад? Баъд, яқин мегуфтагист, ки ин чӣ рафтору кирдори инсонӣ хоҳад буд, ки барои хоҳарам шуда Рустам ба ман муносибати ёру ошноӣ доштааст?

Ба ҳар ҳол Сафо мардбача аст, аз ишқу муҳаббат бохабар будагист. Вале дар ҳар сурат вазъият чандон хубу ба мақсад мувофиқ нест ва бо кадом роҳ онро ба манфиатамон ҳал карданро намедонам.

Воқеан, ба андешаву хаёлот дода шуда, муҳобот ҳам мекунам. Охир миёни ману духтар ҳодисаву воқеае нагузаштааст. Танҳо ҳамин ҷо донистам, ки духтари дӯстдоштаам Садбарг ном доштааст.

Рафту бародар, падару модараш ба муомилаву муносибати мо розӣ нашаванд, дар он сурат чӣ кор карда ҳам метавонам? Аз баҳри ишқу ошиқии ҳанӯз оғоз накардаам мегузараму бо бародари Садбарг ҳамон дӯсту рафиқ хоҳам монд. Вале дилам гувоҳӣ медиҳад, ки Садбаргро дӯст доштаам ва дар ҳаётам аввалин духтарест, ки бо тамоми ҳастӣ ӯро аз даст додан намехоҳам.

Дар ҳар сурат то анҷоми меҳмондорӣ тарзе рафтор кадан лозим аст, ки аҳли хонадон аз ҳиссиётамон хабардор нашаванд.

Маълум, ки он шаб дутор оварданду дойра ва баъди хӯроки шом ҳамсояҳо омаданду базм сар шуд.

Чун дар кӯҳистони мо, инҷо низ расми озодии занону духтарон дар хонадон риоя мешавад ва гоҳ - гоҳ ба қираи чашм зеҳн мемондам, ки Садбарг, бо вуҷуди иҷрои корҳои пухту пазу дастурхондорию иззати меҳмонро ба ҷо овардан, тарафи меҳмонхона гузар карда, бо ишваю нози ба духтарон хос сӯям бо табассуми меҳрубонона назар медӯзад. Аз омаданам ба хонаашон шоду масрур аст. Дар чунин ҳолат чашм пеши худ мегирифтам, то аҳли маърака огоҳӣ пайдо накунанд.

Фикре ба сарам зад, ки шояд тақдирнавис ҳамин зайл дар қисматам ҳамин духтарро раво дидаасту ин ҳама ба меҳмонӣ даъват шуданам ҳам розигии Парвардигор аст. Ва чӣ бадӣ ҳам доштааст, ки қаламкаш дар тақдир ҳаёти якҷояи моро тарҳрезӣ карда бошад?

Дили сабилам намонду бо баҳонаи ҳавохӯрӣ ба берун баромадам ва маълум, ки аз гӯшае бо чашми харидорӣ сар то пойи Садбаргро назар кардам.

Қадду баст, чашму миҷаву абрӯи пайвасти чун ду боли парасту, рӯву мӯ, сафедии гардану рафтор дидаму ёрон, ҳарчи гӯеду нагӯедам, бори дигару дигар ошиқи зори Садбарги нозанин гардидам.

Падарам, раиси Абдураҳиму модари бузургворам, ки аз аҳлу насаби покизамазҳабони Бибиҳои Чақон аст, ба келини хушкардаи бачаи эркаи яккаву ягонаашон розигӣ медода бошанд?
Намегӯянд, ки дар тобеиёти вилояти Кӯлоб духтар ёфт нашуд, ки шон рафта аз ӯ тарафи дунё келин хуш кардӣ?!
Илова ба ин ҳама мушкилӣ, ту ҷавонмард ҳоло донишҷӯи донишгоҳӣ ва ба бист сӯми аз донишгоҳ ба ту медодагӣ оила саришта карда метавонӣ?
Солат ба ҷое расида бошад ҳам, хомӣ бача! Ба ҷойи аз пайи хондану илмомӯзӣ нияти зангирӣ кардаӣ!
Ин кори ношуданӣ аст ва баргад аз ин роҳу ҳаёти духтари мардакро насӯзон!..

## -5-

**Хуршеди сипеҳри безаволӣ, ишқ аст,**
**Мурғи чамани хуҷистафолӣ, ишқ аст.**
**Ишқ он набувад, ки ҳамчу булбул нолӣ,**
**Ҳар гаҳ, ки бимирию наволӣ, ишқ аст.**

Айёми гулгардонӣ ва ба Наврӯзи баҳорон табрикгӯиии кӯдакони деҳа поён ёфта бошад ҳам, дарахтони боғу ҷангалзорҳо ва ниҳолони боровари олуболую гелос, зардолую нок шукуфоӣ доштанд.
Нисфирӯзӣ, вақте Рустам аз донишгоҳ, баъди ба охир расидани дарсҳо сӯи хобгоҳ равон буд, ҷавоне наздаш омаду гуфт;
– Акаи Рустам. Устод Зафар Нозим маро наздатон фиристод.
– Ҷонам садқат. Тинҷӣ ҳаст? - пурсид Рустам аз ҷавон.
– Худоро шукр, тинҷӣ ҳасту устод фиристоданд, ки бегоҳӣ дар бинои филармония консерт доштаанд. Таъкид кардаанд, ки шумо бо дутору скрипкаатон биёед. Дермонӣ накунед.
– Додар, хабар дорам. Ҳамин ҳозир ягон луқмара саросема фурӯ бараму нафси балоро андак ором кунам, расида меоям. Ба акаи Зафар саломи маро расону барои ташвишҳоят мо аз шумо миннатдор.
-- Намеарзад, - гуфт ҷавону рафт.
Рустам хурсанд буд, ки дар баробари таълим дар донишгоҳ ва роҳбарии ҳаваскоронро сарварӣ карданаш ӯ дар дастаи ҳофизи дӯстдоштаи халқ Зафар Нозимов ҳамкорӣ дорад.
Яъне ба қавли худаш, дар қатори чор танга ёфтан аз санъаткорони бомаҳорат Абдулло Назрию Маъруфхоҷа Баҳодур, Боймуҳаммад Ниёзу дигар устодон дарси маҳорат меомӯзад.
Зафар Нозим, ки дар синну сол аз Рустам андак калонсол буданд, бо вуҷуди дар байни мардум шуҳрат доштан, аз маҳорати дутору скрипканавозии Рустам бохабар буд ва бештари ҳолатҳо ӯро ба консерту шабнишиниҳои хосаашон даъват мекарданд, мисли бародар дар тӯю маъракаҳо ҳамнишинӣ доранд.
– Восеъ додар, бегоҳӣ бачаву духтарҳои факултаро бигиру ба филармония биё, - гуфт Рустам ба дӯст ва ҳамсабақаш ва боз ба тарзи нимшӯхӣ таъкид кард;
– Бепул, ки консерт тамошо мекунед, бе гулу гулдаста наоед, додар. Ба устод Зафару дигар ҳунармандон гул тақдим кардан лозим мешавад. Баъд, мо ҳам баромад дорем. Нашаваду бачаҳо ду даст дар бинӣ холӣ биёянд.
– Ҷонам садқат. Мо фармонбардори хоҷаем, - гуфт Восеъ бо табассум ва пурсид;
– Аз донишгоҳи миллӣ акаи Тилло Бобоеву дигарҳоро хабар кунем?
– Барои чӣ не?! Тилло Боборо ҳатман хабар кунед. Ҳолӣ мебинӣ, ки бо гулу гулдаста даҳ бист ёру ошноҳоро гирифту омад. Тилло ҷони одамае! Бо ёрии шумо консерт ба тӯй табдил меёбад.
Ӯ дутор таҳи кашу дар даст скрипка аз хобгоҳ баромада тарафи роҳи калон раҳсипор буд, ки дар рӯ ба рӯяш Садбаргро дид.
Диду як лаҳза дар ҷояш шах шуд. Аз роҳ бозистода тарафи духтар назар дӯхт.
Садбарг бо ҳамон ҳусну малоҳати худодод, дар тан либосҳои тозаву озодаи атлас, наздаш қарор дошт.

– Салом акаи Рустам,- гуфта Садбарг сӯи ӯ даст дароз кард ва ҳарду вохӯрданду духтар барои худро аз хиҷолат баровардан гуфт;

–Хабари консертро шунида омадам.

– Хуб кардӣ, ки омадӣ. Садқаи хоки қадамҳоят. Дил гувоҳи ҳақ аст. Гуфта будам, ки меой. Ку гап зан, дар хона чӣ гапҳои нав? Ҳолӣ ҳам ҷангу ҷанҷолат мекунанд ё ҳамааш тинҷ шудааст?

Пурсам, ки саломатии падару модар, хешу таборҳо чи навъ аст?

– Ҳамааш нағз,- гуфт духтар ва илова кард;

– Бадаш ҳамин ки аз вохӯрию мулоқотҳоямон падару модарам хабардор шудаанд. Мегӯянд, ки дигар бо шумо вонахӯрам.

– Маълум Садбарг,- гуфт Рустам ва илова кард;

– Биё ҳамроҳ ба филармония меравем. Саросемаам. Раҳораҳ гап зада равем, ки дер намонам. Назди акаи Зафар рафта истодаам. Пеш аз саршавии консерт асбобҳоро месанҷем, баъзан машқ кардан зарур мешавад.

Онҳо паҳлуи ҳам суҳбаткунон ба роҳи калон баромаданд.

Аз дидани Садбарг ва қатори ӯ қадам задани духтар рӯҳи Рустам боз ҳам болида гардиду гуфт;

–Ҳоли бигӯ аз мулоқоту вохӯрӣ бо ман манъат карданд. Хайр, ташвиши падару модарро фаҳмида мешавад. Гапашон рост, лекин чӣ кунам, ки падари ман ҳам каси сахтсаранд. Якумр раису ҳоким буданд. Гап задаашон намешавад. Як маротибу ду маротиби дигар, ки рафтам иншооллоҳ об ба лаби ҷӯ баробар мешаваду хостгорӣ меоянд. Муҳим ҳамин, ки мо бо ҳам якҷо бошем.

Мову ту Садбарги ҷон, ғамхори ҳамдигар бошем, ҳама мушкилоти дунё ҳал мешавад.

Очам ку розӣ аст, лекин атаам якравӣ дорад. Иншооллоҳ модарам охири охир ӯро розӣ мекунад. Насиб бошад, ҳафтаи дигар боз ба наздашон меравам. Пеши поҳошон ба зону мезанам, илтиҷо мекунам. Албат, ки дил доштагистанд. Мефаҳманд маро.

Муҳим якҷо будани ҳардуямон аст. Нашуду нашуд, шукри Худо аз ҳунарам се чор танга даромад дорам. Дидем, ки зиндагиамон нагузашт, ба ягон ҷо ба кор медарой. Дунё гулистон мешавад Садбарг.

Кудурати ҷанҷолҳои хонаро аз дил барор, ки боз ба ягон касал назанӣ.

Худоро шукр, тани сиҳат дорем. Ҳама мушкилиро якҷоя ҳал мекунем.

Солам ба ҷое расидаасту нав дар умрам ёри ҳаётӣ ёфтам. Осмон, ки ба сарам фурӯ равад, домони туро Садбарг аз дастам раҳо намекунам, фаҳмидӣ?!

–Фаҳмидам Рустаму зиндагӣ боз пасту баландиҳои дигар дорад. Бе дуою фотеҳаи падару модар хор мешавем,- гуфт бо таассуф Садбарг.

–Иншооллоҳ дуои некамон медиҳанд ва аз зиндагии якҷоя баракат меёбем,- гуфт Рустам ва илова кард;

–Аз як падару модар ма яккаву танҳоям. Падарам гапамро нагирифта илоҷ надорад. Мушкил падару модари туанд, ки онҳо ба заношавхарии мо муқобил нестанд...

Х Х Х

Айни авҷу барор ва хушовозию хушхониҳои Зафар Нозим буду айёми пешравии ҷамъият, ки дар ин шоми зебои табиат консерти ин ҳофизи дӯстдоштаи халқро ташкил карда буданду дар қатори ҳазорон ҳаводорони сурудҳои дилошӯби ӯ шоирону нависандагон бо сарварии устод Мирзо Турсунзода дар ин базм иштирок доштанд. Дар консерт инчунин намояндагони корпусҳои дипломатии мамлактҳои хориҷӣ ҳозир буданд ва Рустами ҷавон дар қатори дастаи мутрибону навозандагон қарор дошт.

Муҳобот нашавад, кӣ ва дар кадом толори консертии ҷаҳон дидааст, ки пеш аз оғози маърака мухлисон саҳнаро гулрез карда бошанд?

Овозаю шуҳрати Зафар Нозим миёни тоҷикону тоҷикзабонони олам то дараҷае нуфуз пайдо кардааст, ки гуфтан надорад.

Ва ин бегоҳ пештоқи саҳнаю атрофи баландгӯякҳо аллакай лабрези гулу гулдастаҳои тару тоза буданд.

Рӯҳи тамошобинон болида буду ҳама интизори баромади Зафари дӯстдоштаашон ва Зафар чун ҳамешагӣ бо тори садафкорӣ ва бо симу нуқра ороёфта, бо лаби пурхандаву хотири шод ба саҳна ворид гардида, ба хондани суруд оғоз бахшид;

**Бигзор то бигирям, чун абр дар баҳорон,**
**К- аз санг нола хезад рӯзи видои ёрон.**

Ин сурудро "Сорбони ду"- и Саъдии Шерозӣ меноманд ва ҷуз Зафар Нозим то ба имрӯз касе онро бо чунин маҳбубият сароида натавонистааст.

Тамошобинон аз овози мисли ширу шакар, балки чун асал ширину гуворои ҳофиз ин сурудро ҳамеша бо ҷону дил қабул доранд.

Овози марғуладори Зафар мазмуни баланди шеърро боз ҳам пурсӯзугудоз гардонида, то ба қаъри дилҳо мерасонид.

Рӯзгори тоҷикон, ки асрҳои аср ба хорию зорӣ ва ғаму андӯҳ гузаштааст ва Саъдии бузург, ки он ҳама азиятҳоро дар ҷони дардманди хеш эҳсос кардааст, бо қофиябандии пай дар пай ин ғазалро сароидааст ва маълум, ки мазмуни онро Зафар Нозим бо тамоми маҳбубият сарфаҳм рафтааст. Инчунин оҳанги офаридаи ин нобиғаи санъат ҷавобгӯ ба мазмуну мундариҷаи ғазал аст ва шираву шарбати овози ҷаззобу дилкаши ҳофиз сурудро шуниданӣ гардонидааст.

Зафар баробари анҷоми суруди аввал, ба хондани суруди шӯху чаззоби дигар шурӯъ мекунад. Ин дафъа ҳофиз суруди " Сиёҳчашмак"- ро замзама карду раққосадухтарони ансанбли овозадори "Лола" хиромон рӯи саҳна омаданд.

**Эй сиёҳчашмак, ту бурдӣ дилам,**
**Эй сиёҳчашмак, ба ту моилам...**

Месароид Зафар ва чӣ диданию шуниданӣ буд иҷрои ин суруд, чӣ ҳузӯру ҳаловат мебахшид ба ҷонҳои тамошобинону шунавандаҳои дар толор ҳузур дошта. Инро танҳо худи онҳо эҳсос мекарданду Худое, ки онҳоро ҳаст кардааст.

Зафар Нозим бараъло медонист, ки бо иҷрои як-ду суруд не, балки панҷ-даҳ шеър ӯро тамошобинон аз саҳна рафтан намемонанд ва ӯ оҳанги суруди дигару дигарро дунболи ҳам оғоз бахшида мехонаду мехонад.

**Эй сорбон, оҳиста рон, к- ороми ҷонам меравад,**
**Он дил, ки бо худ доштам, бо дилситонам меравад.**

Тамошобини дақиқназар бараъло мушоҳида мекунад, ки Саъдӣ ин ғазали машҳури хешро бо чор такта дар ҳамқофиябандӣ бо мазмуни олӣ сурудааст, ки ҳар рукни он ба қадамзании корвон баробар буда, аз доғи ҳиҷрони ошиқу маъшуқ ҳикоят мекунад.

Сурудро дигар кас не, Зафар Нозим хуш месарояд. Хусусан айни авҷи баланди овози ҳофиз, шунаванда гиряву нолаи то ба фалак печидаи қаҳрамони лирикии ғазалро дар садои дилошӯби сароянда эҳсос мекунад, ҳама сӯзу алами ҷудоиро ин лаҳза дарк карда, ӯ низ дар қатори сароянда месӯзад ва чунин эҳсосотро дар дигар намуди санъат дида наметавонем.

Зафар Нозим месарояд;

**Рӯзи васли дӯстдорон ёд бод,**
**Ёд бод, он рӯзгорон, ёд бод!**

Аз толор садоҳои аҳсану офарингӯии мухлисон бараъло ба гӯш мерасанд. Ин лаҳза ҳама тамошобинон ҳушу гӯш шуда, хапу хомӯш, ба шунидани суруд дода мешаванд.

Баъди анҷоми ғазали марғуби Ҳофизи Шерозӣ асли оҳанг дигар мешаваду Зафар замзама мекунад;

**Ало эй нозанин дилбар, зи аҳвол намепурсӣ,**
**Ба ҳар захмам задӣ ханҷар, зи аҳволам намепурсӣ.**

Боз рақсу бозӣ, боз шӯру валвалаи шодию сурур толорро фарогир мешавад.

Баъди ҳар баромад, мухлисон гулу гулдастаҳо пеши бар, аз толор ба рӯи саҳна мебароянд ва Зафар Нозими қариб то зону миёни гулзори саҳна монда мехонаду мехонад...

Навбати саҳнаро ба Рустами Абдураҳим вогузор мекунанду санъаткори ҷавон дар либоси миллии саҳнавии шинаму зебо, дутор дар дасту табассум дар лаб, ба рӯи саҳна меояд. Меояду ба торҳои дутор чун ба торҳои дили ҳасоси худ панҷа мезанад.

Ӯ чун ҳамеша аввал ба навозиши оҳанги классикӣ шурӯъ карда, минбаъд чун устод Зафар Нозим ба навохтани оҳангҳои шӯху ҷаззоб мепардозад.

Устоди рақс Ғаффор Валаматзода, ки ҷавобгарии консертро ба уҳда дорад, медонад, ки дар ин базми пуршукуҳ дар қатори Мирзо Турсузода аз Афғонистону Эрон, Ҳиндустону Туркия меҳмонон ширкат доранд. Ӯ ҳангоми хунарнамоии Зафар Нозим ҳама раққосаҳои ансамблро дар рақс истифода бурда, барои боз ҳам диққатҷалбкунанда баромадани базми консертӣ, раққосаи беҳтарини саҳнаи тоҷик Малика Қаландароваро махсус барои ҳунарнамоии Рустами Абдураҳим нигоҳ доштааст ва ҳангоме ки Рустам баъди навозиши оҳанги “ Танавор” ба оҳанги “Тӯёна” оғоз кард, Маликаи саҳназеб бо ҳама шукуҳу шаҳомат, зебу зиннати ороишӣ, ҳалқаву зангулаву занҷирбанду садафкориҳои қасаба рӯи саҳна ба рақс омад.

Дар толор ҳангомаи ногуфтание бархост. Хусусан ҷавонони тамошобин, ки аксари толорро ташкил медоданд, аз зебогии раққосаву рақси боз ҳам базебу нотакрори Малика бо оҳанги дутори Рустами Абдураҳим чапакзаниашонро мувофиқ кунонида, ба базми имшаба шукуҳи тоза бахшиданд.

Гулдаста тақдим кардани мухлисон чун пештара идома дошт ва дар ҳақиқат, ба ихлосмандон бахшидани ин қадар шодию фараҳ аз тарафи санъаткорон ба мукофотҳои аз ин ҳам баланд сазовор буданд.

Рустам баъди анҷоми навозиш бо дутор, скрипкаро ба даст гирифт ва кӣ медонад, чӣ хаёлоте ӯро фарогир шуду якбора ба навохтани оҳанги машҳури “ Хайрбод” шурӯъ кард.

Шояд андеша кард, ки зиндагӣ дар баробари зиндабодҳо хайрбодҳо низ дорад, ки инсон бояд дар ҳама лаҳзаҳои ҳаёт ин ҳолатҳоро низ фаромӯш накунад.

Аҳли толор бо шунидани оҳанги ғамангез ҳамагӣ хапу хомӯш шуданд.

Ба гӯш ин лаҳза танҳо нола, балки гиряву нолаи симҳои аз кашиши қилҳои зери камончаи скрипка соиш ёфта, ғамангез мерасиду ҷонҳоро ба сӯзиш меовард.

Ин соат хаёлоти Рустам ба дуриҳои дур ба парвоз буду ӯ худро ба ҷои Карими шиши кангуртӣ, дар он шаби тираву тори давраи инқилоб, дар сари ҷарию ғори бетаги Ҳалқаҷари деҳаи Чавроқи Балҷувон медид.

Тобистони соли гузашта, ҳамроҳи ҳамсабақон Рустам ба Балҷувон рафта, он ҷойҳои таърихиро бо чашмони сари худ дида буд. Дид, ки дар куҷо Карими хунёгарро бародарони ҳамхуну ҳаммилаташ нияти кушта партофтан карда буданду хайрият шуд, ки ба дуторнавозӣ ва иҷрои ҳамин оҳанг Каримро аз он вартаи ҳалокатбор наҷот доданд.

Ин лаҳза бошад, навозиши оҳанг дар дилҳо шуру валвала не, балки раҳму шафқатро бедор мекард.

Тамошобинон баъзан ҳайратӣ мешуданд, ки бо нохунзанию камонаки скрипкаро устокорона кашидани Рустами Абдураҳим чуби безабон забон пайдо карда, ин қадар ба нолаву фиғон омада, вуҷуди инсонҳоро ба ларза моварад. Яъне танҳо ӯ қодир аст, ки бо санъати волои худ, ба воситаи оҳанги дилошуби дутору скрипка касро ба корнамоӣ ва ватандӯстии ҳақиқӣ раҳнамун созад.

Навозиши “Хайрбод”поён ёфт ва Рустам ба навохтани оҳанги“ Шодии ёр” оғоз бахшиду овози мусиқӣ гулдухтарони раққосаро ба саҳна даъват кард.

Маълум, ки доирадастони чирадаст бо навозиши оҳанги шӯхи рақсӣ ҳамроҳ гардида, таъсири то ба қаъри дили тамошобинон расонидани оҳангро афзун гардониданд.

Бо дигаргун гаштани оҳанги мусиқӣ ғаму андӯҳ аз дилҳои тамошобинон зудуда гардида, ҷои онро шавқу шодӣ фаро гирифт.

Суруду мусиқӣ ҳамин тарз хусусияти тамошобинонро дар як лаҳза гирёндану лаҳзаи дигар шодӣ бахшидан дорад, хоса вақте ки оҳангро мисли Рустами Абдураҳим санъаткори мумтоз менавозад.

Маликаи нозанину дар рақс беназир ҳамроҳи дугонаҳои хушхиром зери оҳанги дилошӯб, дастафшону покӯбон ончунон рақси нозанин карданд, ки чунинашро аз ин пеш кас надида буд.

Раққосадухтарон Ҳалима Эркаева, Гавҳар Мирҷумъаева, Шарофат Рашидова ва дигар зебодухтарони ансамбл рӯи саҳна зери оҳанги дилошуб давра ороста буданду Малика мисли моҳи шаби чордаҳ даруни ҳолаи давра хунарнамоӣ мекард.

Мусиқӣ поён ёфт. Садои кафкӯбӣ толорро ба ларза даровад.

Восеъу Тилло Бобо ҳамроҳи дӯстон, ки ҳар кадом ба ин ҷо бо гулу гулдастаҳо омада буданд, барои табрики Рустам рӯи саҳна омаданд.

Дар қатори онҳо Садбарги нозанин низ бо дастагули тару тоза ва чеҳраи шукуфон ба шодбошии Рустам рӯи саҳна баромад...

**-6-**

Баробари наздик омадани соли нави хониш роҳбарони мактабҳо барои ба мактаб ҷалб кардани муаллимони беҳтарин гӯё байни ҳам мусобиқа мекарда бошанд, роҳу восита ҷуста аз ошнобозӣ бо мудири шуъбаи маорифи шаҳру вилоят ё хешу таборашон ба кормандони баландрутбаи ҳукумат истифода мебурданд. Охир кадом сарвари мактабро намефорад, ки дар давоми сол дар маҷлису ҷамъомадҳо, кораш хуб аст гуфта таъриф кунанд?

Обрӯи мактабро бошад муаллимони босаводу соҳибтаҷриба баланд мебардоранд.

Ба ҳамин мақсад дар ҳузури мудири шуъбаи маориф Сайид Шариф Азиз Талб ва Табар Сайфиддин, ки ҳарду солҳои зиёд сарварии даргоҳҳои таълимии бонуфузи шаҳр ба ӯҳдаашон буд, хушгӯӣ доштанд.

–Таърифро кӣ дӯст намедорад,- пурсид Табар Сайфиддин аз Азиз Талб ва дарҳол ҷавоб гирифт:

–Ҳама кас,–гуфт Азиз Талб ва шарҳ дод:

–Нест дар дунё одаме, ки таърифро дӯст надорад. Ҳатто кӯдаки нав ду се калима ёд гиифтаро таъифу хушгӯӣ кунӣ, дасту почак зада сӯят ба ханда майл мекунад.

–Одам чӣ, ки дарранда, ки аз авлоди ҳайвон аст, тарафаш қавоқ андозию баландтар дӯғ занӣ, дандон гиз карда газиданиат мешавад.

Ин дам садои мулоим ангушт задани дари мудири маориф шунида шуду ду ҷавони нозанин иҷозат пурсида вориди идора шуданд. Яке миёнаққади чашму абрӯсиёҳ, дар тан куртаи нейлони сафеди тозаву озода пӯшида, монанд ба куртаву шими сафеди хушрӯ дарзмол карда, дар тан дошт.

Ҷавони дуюм нисбат ба якум ба тану туш, паҳлавонмонанд, дар қадду баст як сару гардан аз дигарон боло буд.

Мудири маориф, марди миёнаумр, дар баробари таҷрибаи зиёди дар соҳаи таълиму тарбия доштан, инчунин мардум Сайид Шарифро чун паҳлавони номӣ мешинохтанд ва обурӯи хосеро соҳиб буд. Ӯ бо як назар сар то пои ҷавононро зеҳн монду пурсид:

–Бачаҳои нағз, аз паи коре ба ин даргоҳ омадед?

–Ман Восеи Ғафур, ин кас Рустами Абдураҳим. Ҳарду хатмкунандаи шуъбаи забонҳои хориҷии донишкадаи ба номи Шевченкои пойтахт. Бо роҳхати вазорат назди шумо омадем, устод,– гуфт ҷавони баландқомат.

–Ҷонам садқаи шумо ҷавонҳо, ки мушкилии моро осон мекунед, - хурсанд шуда гуфт мудир ва пурсид:

–Ихтисосманди кадом забонҳоед?

–Ҳардуямон забони англисӣ омӯхтем.

–Бисёр хуб. Ҷои зист доред?– пурсид мудир.

–Ҳардуямон аз Муъминободем. Дар шаҳр хешу табор дорем.

–Медонед, ки шумо аввалин муаллимони забони англисӣ дар Кӯлобед ва бояд тарзе кору фаъолият дошта бошед, ки фардо шогирдону падару модарон, мардум бо шумо ифтихор кунанд, – гуфт мудир ва тарафи роҳбарони мактабҳо рӯ оварда афзуд:

–Азиз Талб, гиря доштӣ, ки муаллими забонҳои хориҷӣ надорам. Хуш карда аз ин ҷавонҳо яктояшро бигир.

–Ҳардуяшон дар ҷонам зананд,- хурсандона гуфт Азиз Талб ва илова кард:

–Муаллим! Аз шумо некии зиёд дидаему чӣ мешавад як некии дигарро аз мо дареғ надоред. Ҳарду ҷавонро ба мактаби ман роҳхат медодед.

–Э не–е! Шаҳри моро Кӯлоби калон гуфтаанд. Чӣ қадар мактаб бе муаллими забонҳои хоириҷӣ аст, худат медонӣ. Гуфтам аз ду ҷавон якеро интихоб кун!

–Дар паҳлуят Табар Сайфиддин шиштааст. Ба он кас ин таклифро накардам–ку.

–Ин тавр, ки бошад Рустами Абдураҳимро интитхоб кардам. Насиб бошад якҷоя кор мекунем.

–Мо ҳам муҳтоҷи муаллими забони хориҷием. Ин ҷавонмардро ба мактаби мо роҳхат медодагистед,- илтимос кард аз мудир Табар Сайффиддин..

–Не, ака, – ҷавоб гуфт мудир ва шарҳ дод:

– Директори мактаби рақами шаш Сайдалӣ Назриро хуб медонӣ. Бо мақсади муаллими забонҳои хориҷӣ дарёфт кардан назди Ниёз Сафари ошнояш рафтааст. Ниёз Сафар, мудири соҳаи илми Кумитаи Марказиянд. Телефон карда супориши қатъӣ дод, ки Сайид Шариф, сарата дар санг мезанию хоҳиши Сайдалӣ Назриро иҷро мекунӣ, фаҳмидӣ, Табар Сайфиддин?!

Мудир андак хомӯш истоду гуфт:

– Ҳоли аввали моҳи август. Худо хоҳад, ҷавонҳои нав донишкадаро хатм карда боз меоянд. Ҳамин ки омаданд, навбат аз шумо.

Директори мактаб ҳарфе нагуфт.

Баъд мудир ба ҷавонҳо рӯ овард:

– Рустам, додар, шумо бо роҳбаратон шинос шудед. Ҷои коратон мактаби рақами чор, ба номи Ленин.

–Ғафур Восеъ, мактаби миёнаи рақами шашро дидай?– пурсид мудир.

–Дидам устод.

– Дида, бошӣ, назди Сайдалӣ Назрӣ медароиву мегӯӣ, ки мудир равон кард, фармону ҳуҷҷатҳоятонро худам дуруст карда мефиристам. Барори кор, ҷавонҳои нағз.

***

Бинои мактаб дар назди бозори марказии шаҳр воқеъ буд ва маълум, ки кӯдакони шаҳрӣ чӣ қадар шӯху қайсаранд. Баъзан хонандагони синфҳои болоӣ баробари садои занги танаффус роҳи мошингузарро гузашта, худро ба бозор мезананд ва мебинӣ, ки дарс кайҳо оғоз шудаасту қисман талабаҳо нописандӣ карда, дар бозор гаштугузор доранд.

Рустам андеша кард, ки ҳангоми таълим ба хонандагон дар баробари меҳрубон будан муносибати қатъӣ доштан зарур, набошад дар дилхоҳ синф баъзан талабагон ба муаллимони сустирода чандон итоат намекунанд. Болои ин ба Рустам он миқдор соати дасрӣ ҷудо када буданд, ки аз оғози кор то бегоҳ вақти сархорӣ намеёфт. Соати дарсиашро дар як синф ба охир мерасонду баробари занг ба синфхонаи дигар ворид мешуд. Шумораи хонандагон дар баъзан синфҳои болоӣ то ба чил талаба мерасид.

Санъаткор буданашро дониста, директори мактаб Азиз Талб ӯро рӯзе ба идоарааш даъват карду гуфт:

–Бача дуторнавози хуб будаӣ, таърифат мекунанд. Роҳбарии дастаи ҳаваскорони мактабро ба зимаат бигир!

–Муаллим дар як ҳафта сию шаш соат дарс дорам. Баъзан ба хуроки нисфирӯзӣ вақт намеёбам,– бо дили нохоҳам гуфт Рустам.

-- Дар мактаб мисли шумо муаллими ҳунарманд надорем,–гуфт директор ва афзуд:

– Да як моҳ ду маротиб, дар рӯзҳои бозор ҷамъомад гузаронӣ бас будагист. Илоҷи дигар надорем, додар. Болои маошат боз ду–се сӯми дигар илова мешавад, чӣ зарар дорад. Фаҳмидам, ки зану кӯдак дорӣ.

Рустам андеша кард, ки гапи директорро нагирифта намешавад. Розӣ шуд, вале барои муаллими навкор болои зиёд будани дарсҳо роҳбарии дастаи ҳаваскорон илова шуд.

Яъне дар давоми ҳафтаву моҳ ӯ дар рӯзҳои корию истироҳатӣ аз саҳар то шом дар мактаб, ба таълиму тарбияи фарзандони мардум машғул буд ва бегоҳӣ, аксар вақт баъди фаро расидани торикӣ шалпару хаста ба хона бармегашт.

Ҳамин вақт буд, ки рӯзе роҳбари театри мусиқӣ–драммавии шаҳр Қурбон Зардак наздаш омаду таклиф кард.

–Ҳунармандита ҷӯра, аз Сайдалӣ Ализода шунида будам. Ба театр ба кор биё.

– Панҷ сол ҳавас карда дар донишкада забони англисӣ омӯхтам, ки ба фарзандони диёр таълим диҳам. Санъаткориам аз рӯи ҳавас аст. Касби асосиам муаллимист,– гуфт дар ҷавоб Рустам.

–Шон муаллим будааст,–гуфт ба шухӣ Қурбон Зардак ва афзуд:
– Касби ман муаллими таъриху филология аст. Ман ҳам донишкадаро тамом кардам. Имрӯз, чунон ки мебинӣ, санъаткору директори театр.
–Касби муаллимӣ хушам меояд,- гуфт Рустам ва илова кард:
–Ҷои кори хуб дорам. Дӯстони нав пайдо кардам. Музди маошам бад нест.
–Ин хел бошад, вақтҳои зарурӣ одам мефиристам, дар ҷамъомаду консертҳо баромад мекунӣ.
–Ростӣ, вақти холигӣ ҳам надорам,– таклифи Қурбон Зардакро рад кардан хост Рустам.
– Аз чечак раҳоӣ дорию аз Қурбон Зардак не,– ба шӯхию ханда гуфт мард ва илова кард.
–Якравӣ накун бачаву биё. Дар театр Ҳаким Маҳмуду Анвари Барот, баъд мо ҳастем, шинос мешавию маҳорат нишон медиҳӣ, ба сафарҳои ҳунарӣ мебаремат. Дӯстони ҳунарманди нав пайдо мекунӣ.
–Майлаш, акаи Қурбон. Вақт шавад меоям,–гуфт Рустам.
–Ана ин гапи дигар. Ба Худо, хурсанд кардӣ додар,–гуфт Қурбони Зардак...
Дутору ғижжакнавози моҳир буданашро фаҳмида, Рустаро баъзан ба шабнишинию маъракаҳо даъват мекарданд ва ӯ бо ҳамкору ҳамкасб ва дӯсти давраи бачагиаш муаллими Шоҳгурези Шариф, ки дар ҳамин мактаб бо ӯ якҷоя фаъолият дошт, ба ҷойҳои даъватӣ мерафт.
Рустам дар баробари санъаткор будан, маҳорати аскиягӯию латифабофӣ дошт. Дар маъракаҳо баъзан шӯхию ҳазлҳои зарофатомезро обу ранги бадеӣ дода, он қадар ширину гуворо суханронӣ мекард, ки шунаванда дар баробари мафтуну шайдо гадидан, лаззате мебурд, ки гуфтан надорад.
Соҳиби ҳамин ҳунарҳо буд, ки бегоҳие директори мактаб ба ӯ гуфт:
–Акаи Абдусамади Абдуқаюм ба меҳмонӣ даъватам кардаасту хоҳиш кард, ки шуморо гирифта биёям.
Рустам андеша карду гуфт:
–Шоҳгурези муаллим ҳамроҳамон равад чӣ?
–Зарар надорад. Шоҳгурез мисли мо як коса шӯрбо мехӯрад. Меравему дутората ҳамроҳ бигир.
Соҳиби маърака меҳмонҳоро аз рӯи синну солу мансабу обурӯ чор–панҷ касӣ рӯи катҳои хушсифат ҷо дода буд ва вақте Азизи Талбу Рустам ҳамроҳи Шоҳгурези муаллим вориди ҳавлӣ гардиданд Рустам дид, ки Қурбон Зардак рӯи кати аз ҳама боло, ба қавле сикка зада, бо тор нағмасароӣ дорад.
Қурбон Зардак аслан марди маъракаоро, сарояндаи хушовоз буд ва чун омадани Рустамро дид, баробари ба охир расидани суруд ба овози баланд гуфт:
–Рустами Абдураҳим пеши мо биё! Бароят рӯи кат дар бари худам ҷо мондаам.
Ва Рустам ноилоҷ аз Азизи Талб узр пурсида ба назди Зардаков рафт.
Дар маърака асосан ёру дӯстони Абдусамади Абдуқаюм ҳузур доштанд. Мардак бадавлат, ки ҳаст ҳамроҳи ёрони ба дил наздик чорта нишастан хоста, маъракаи хосаи хурде ташкил кардааст. Сабаби ба ин ҷо овардани Рустам бошад Зардаков шудааст, ки аз ҳунармандии ӯ бохабар буд.
Баъди таъом Зардаков аз нав тор ба даст гирифту сурудхонӣ кард, то хотири меҳмононро шод гардонад.

**Гуфтам ғами ту дорам,**
**Гуфто; - Ғамат барорам.**
**Гуфтам, ки моҳи ман шав,**
**Гуфто:– Агар бароям.**

Баъди хондани ин ғазали Хоҷа Ҳофиз Зардаков оҳанги ҷаззоби рақсиро бо маҳорати ба худ хос навохта, аз ҷо хест ва дар баробари навохтани тор, аз шавқу завқ китфак задаву суруд хонда мардумро ба ваҷд овард:

**Маҳи нав оламоро куртасурхак,**
**Зи ишқаш сӯхт моро куртасурхак.**

Хондани ин суруди шоири тавоно Раҷабалии Роғӣ дар иҷрои Қурбон Зардак чӣ хӯш омад ба сомеъон. Баъди чанде латифаҳои намакин гуфт ӯ, ки аҳли нишаст хушҳол шуданд ва якбора ба ҳозирин эълон кард:

–Барои аҳли маърака чун туҳфа Рустами ҳунармандро овардам, ки аз дуторнавоизиаш бебаҳра намонед.

Бигир Рустамҷон, ба хурсандии мо шарик шав !

Рустами маҳтали ишорат, дутор ба даст гирифт ва шурӯъ ба навохтан кард. Ӯ аввал оҳанги «Сӯзи дил»–ро замзама кард ва сомеъон ҳис карданд, ки дар дуторнавозӣ мард маҳорати беҳамто дорад. Нуқтаҳои авҷи оҳангро Рустам чунон дақиқкорона навозиш медод, ки шурӯ шар ва ширинии овози дутор ба дил ҷо гирифта, касро ба хаёлоти орзуҳои гуворо водор мекард. Ҳузуру ҳаловате, ки касро дар ҷону тан аз навозиши дутори Рустами Абдураҳим фаро мегирад, аз навозиши дигар санъаткор гирифта наметавонӣ.

Оҳанги «Сӯзи дил» поён ёфту Рустам ба усули рез–рез ба навохтани оҳанги «Шодии ёр» шурӯъ кард.

Овози дутор дилҳоро ба шӯр овард. Бисёре аз шунавандаҳо зери ин оҳанг рақс кардан мехостанд. Ҳатто Қурбон Зардак тоқат накарда, аз ҷо хеста, болои кат чанд муддат рақс ҳам кард, вале барои дигарон ҷо тангӣ буд.

–Диден рафиқо, обу хоки Кӯлоб чи муъҷизаҳо дорад,– баъди анҷоми дуторнавозии Рустам гуфт Қурбон Зардак ва афзуд:

– Ба маҳорати дуторнавозии ин ҷавонмард қоил шудед?! Як мӯъҷизаи Ватан ҳамин санъати Рустами Абдураҳим аст. Худо умрашро дароз кунад, ҳолӣ ба мадруми диёр хизмати арзанда мекунад.

Қурбон Зардак аз нав ба латифагӯӣ даромаду хоҳиш кард.

–Баъди чанде Рустам ягон хушгӯӣ мекардагист. Санъаткор мардум латифадон мешавад. Ва Рустам ноилоҷ ба латифагӯӣ оғоз бахшид:

Санъаткори номӣ Ҳошим Гадо ба Кӯлоб сафари ҳунарӣ доштаасту дар бари девори театр эълонеро овезон мекунад, ки дар он навишта шудааст:

**СОФОКЛ**
**ЭДИП**

Ҳамроҳи дӯстам, муаллими Юлдош Абдуллоев аз назди театр мегузаштем , ки чашми Юлдош ба эълони бари девор афтоду аз роҳ боз истод. Эълонро хонду ба ман рӯ оварда гуфт:

–Дидӣ Рустам?

–Чиро дидам?–пусидам аз ӯ.

–Не ту бухон, ки ба эълон чи нависондагӣ.

–Чӣ навиштагӣ? Софокл, Эдип,– хондам.

–Маъноша паҳмидӣ?– пусид Юлдош.

–Драматурги Юнони Қадим, Софокл, фоҷеаи Эдипро навиштааст. Онро Ҳошим Гадо ба саҳна гузоштааст. Дар театри Кӯлоб намоиш медиҳанд.

–Не Рустам, напаҳмидӣ,– гуфт Юлдош ва шарҳ дод:

–Софокл не. Ай авлоди худи мо Сапоқул, гуфтагӣ мардак, кадом асре, ай ҳами Қаршии Узбекистон гуреза шуда Юнонда бурафтагӣ. Ҳаму Сапоқули мо Эдипа навиштагӣ. Паҳмидӣ, Рустам,– гуфт Юлдош ва ман ба гуфти авлоди Сапоқул бовар накардам.

Аҳли маърака завқ карда хандиданд.

–Додар боз ягон аниқдоди коғазпеч дошта бошӣ бигӯ, - хоҳиш кард Қурбон Зардак ва Рустам ба сухан даромад:

–Аниқдоди дигар ҳамин, ки рӯзи шанбеи гузашта ҳамроҳи Юлдош Абдулло назди директори мактаб Азиз Талб даромадем, димоғашон сӯхтагӣ, қошу қавоқашон овезон, дуғ зад, ки муаллимаи Сафарбиро наздаш биёрем.

Муаллима омад. Директор ба тарафи ӯ ба дӯғу пӯписа гуфт:

– Эълони шанбегиро шунида будӣ?!- пурсид директор аз муаллима.

–Шунида будам,– гуфт муаллима.

–Барои чи ҳамаи талабаҳои мактаб ба шанбегӣ омаданду хонандаҳои синфи 8 «б»,ки шумо ба он роҳбари синфед, ягон нафар наомадааст?!

–Хабар карда будам. Наоянд гуноҳи ман чӣ?– ҷавоб гуфт муаллима.

–Азиз Талб аз ғазаб дигар худро идора карда натавониста дар ҳузури ману Юлдош Абдулло ба муаллима гапҳои сахт гуфт.

–Ҳе–е–е!..

Ва муаллима гиря карда, аз идора баромад.

Азиз Талб аз афташ ҳис кард, ки муаллимаи шаттоҳи даъвобоз аз болояш ба шуъбаи маорифу идораҳои боло ҳатман аризаи шикоятӣ менависаду ману Юлдош Абдуллоро шоҳид мегузаронад, зеро директор муаллимаро дар ҳузури мо ҳақорат дод.

–Шутури сафеда дидед бачаҳо?!–пусид аз мо Азиз Талб, баъди паст гаштани ғазабаш.

–Ҳа ака! Ба Худо ма дидам,–гуфт Юлдош Абдулло ва илова кард:

–Ҳе, мара падарум уштурван буде, гузари завутда. Ма уштури сапеда нухта кадагӣ, зину лаҷом зада, тақа сувар шудагимай, ака!

–Мо дар чӣ хаёлему фалак дар чӣ хаёл,- гуфт Азиз Талб ва илова кард:

–Худо намегира туворӣ маълими уштурсаворае!…

–Бахудо, тоза роҳат кардем, додар, ягонта аниқдоди обнарасида бигу,- баромад овози касе аз маърака ва Рустам гуфт;

-- Марди узбеки сафаракие ба масҷиди сари роҳи деҳа даромада намози пешин мехонаду баромада рафтанӣ мешавад, ки муллоимом мепурсад;

–Ҳой мардак! Чӣ ном дорӣ? Меҳмонут мегирифтем.

–Худо, мегӯяд мард, ки кофир шудӣ гуфта, ӯро мезананд.

– Ҳе, ака! Маани бердиш бест! Маара атам Худойибердӣ ном мондагӣ. Гунаҳ надорим. Мода Худойиқул ҳам хастаю, неки ма Худойибердӣ нам дорим. Паҳмидӣ!- Гуфтааст мард.

–Рустамҷон, ягон аниқдоди ҳаётиша бигу,- хоҳиш кард Зардаков ва Рустам ба аниқдодгӯӣ даромад;

-- Акаи Ҷалил аз ҷанг бо як по бармегардаду роҳбари ҳукумати ноҳияи Муъминобод ӯро раиси шуъбаи ҳифзи иҷтимоӣ таъйин мекунад.

Вақти қабули муҳру ҳуҷҷатҳо, акаи Ҷалил асобағал таҳи каш дар идора аз раиси пештара узр мепурсад;

–Рафиқ Шарифов, боз ай ма хафаву малол нашавен. Мара раиси ҳукумат худаш ба ҷои шумо раис таъйин карданд. Ана фармону имзои раис.

–Не, акаи Ҷалил, - гуфтааст Шарифов.

–Ма ай шумову раиси ноҳия дар дил кудурате намегирум. Ма ай ҳаму бачаҳалоки немис хафаву малолум.

–Барои чӣ? - пурсидааст, акаи Ҷалил.

–Бароe, ки лаънатӣ сар мондагӣ потона ба тир задааст. Агар тираш ба сартон мезад, ма боз чанд соли дигар дар и идора раисӣ мекардум...

Солҳои минбаъда Азизи Талбро ба мактаби рақами ҳашт роҳбар таъин карданду ӯ Шоҳгурези Шарифу Рустамро ҳамроҳ ба он мактаб бурд.

Аз Рустам ҷудоӣ надошт, зеро дигар чунин муаллими соҳибтаҷриба, оқилу донову ҳунарманд, дар баробари ин дӯсту рафиқи дилсӯз ёфта наметавонист.

Дар ҳамаи ин давра Рустам бо ҳамсинфони замони кӯдакию ҷавонӣ Ҳабибуллои Раҳиму Ғафур Восеъ, Қурбон Зардаку Анвар Барот, Абдусалом Раҳиму Фаттоҳ Одина, Зафар Нозиму
Одинаи Ҳошим ва садҳо санъаткорону дигар ҳунармандон дӯстию ҳамкорӣ ва рафоқат дошт.

Ӯ чӣ қадар тӯю маъракаҳои мардумро обод гардонидаю хизмат адо карда буд, ҳисоб надоштанд.

Дар симпозиуми байналмилалию ҷашнҳои давлатӣ иштирок карда, бо чи мукофотҳо сарфароз гашта буд, ҳама маҳсули истеъдоди худодод, заҳматҳои шабонарӯзиаш буданд, ки бо хизмати шоиста азизи мардум гардида буд.

Дар ҳама ҷо гули сари сабади маърака меҳисобиданд Рустами Абдураҳимро.

Х Х Х

Саҳари барвақт, ҳанӯз офтоби оламоро аз паси кӯҳҳои сар ба фалаки Ҳазрати Эмом аскара рух нанамуда Қурбон Зардак, ки вазифаи мудири шуъбаи фарҳанги шаҳриро ба ӯҳда дошт,
бо мошини ГАЗ–21 аз роҳи мумфарши деҳаи Боғи Ҳабиб, ки дар саргаҳи Кӯлоб воқеъ аст, ба роҳи байни шаҳрӣ гузашта, ба маҳаллаи даҳум ворид гардид ва мошинашро дар майдони назди хонаи баландошёнаи рақами 25 қарор дода аз он фаромаду сӯи хонае, ки дар он Рустами Абдураҳим зиндагӣ мекард, равон шуд ва мард хушхабар оварда буду мехост дар баробари хотири дӯсташро шод гардонидан ҳамроҳи ӯ баъзан корҳои тайёрӣ ба сафарро ба анҷом расонад.

Завҷаи меҳрубони Рустам, янгаи Садбарг аз рӯи одат чун ҳама соҳибхоназанҳои тоҷик, субҳи барвақт аз хоб хеста буду баъди анҷоми рубучини хона ба пухту пази наҳории пагоҳирӯзӣ машғул буд. Рустами шавҳараш ин дам ба рӯи ҳавлӣ хамбида машқи пагоҳирӯзии бадан мекард.
Мард аз солҳои ҷавонию донишомӯзӣ худро ба ин кор одат гардонида буд.
Ҳар пагоҳӣ ҳатман баъди дастурӯйшӯӣ чанд муддат машқи баданро ба ҷо оварда, ҳамроҳи фарзандон наҳорӣ мехӯрданд. Баъд кӯдаконро сӯи мактаб раҳнамудӣ мекарду худ ба кор мерафт.

Янгаи Садбарг ҳангоми мошинро дар майдонча манъ кардану аз даруни мошин баромадан амаки Қурбоноро аз тирезаи хона дида хурсанд шуд, ки ин саҳарӣ шавҳари меҳрубонаш ҳамроҳи дӯсти деринаи ин хонадон аз ширбиринҷ наҳорӣ хоҳанд хӯрд ва акаи Қурбон аз рӯи одат кӯдаконро навозишкунон меҳрубонӣ мекунад.

–Рустам машқро мону куртата пӯш, ки ба хона меҳмон меояд,– ба овози андак баланд гуфт Садбарг.

–Аз куҷо медонӣ, гуларӯс?– дар ҷавоб гуфт Рустам.

–Акаи Қурбон мошинша дар майдонча монду ба ҳамин тараф гузашт. Ғайри хонаи мо ба куҷо ҳам меравад?

– Гапат рост. Чӣ зарурате пеш омадааст, албат, ки дар ин барвақтӣ омадааст,–гуфт Рустам ва куртаашро пӯшида ба роҳрав баромад.

–Рустам шодиёна биёр, ки бахтат омад кард, – баробари ба ҳам вохӯрдан гуфт Зардаков ва илова кард:

–Аз миёни ҳамаи санъаткорон туро ҷудо карда ба Ленинград даъватат кардаанд. Ба озмуни умумииттифоқии санъаткорон меравӣ,– хабар дод мард ва афзуд:

–Ҳамин субҳ худи вазири фарҳанг Меҳрубон Назар телефон карда хабар дод ва таъкид кард, ки то Иди Якуми Май ба шаҳри Ленинград расиданат даркор. Тайёрита бин.

Бонуи хона меҳмонро бо табассуму чеҳраи хандон пешвоз гирифта, баъди одоби саломро ба ҷо овардан, хуш омадед гуфт ва дари меҳмонхонаро кушод то меҳмон ворид гардад.

–Зардаков гаштаву баргашта таъкид кард, ки Рустам дастаи ҳунариашро иборат аз чор нафар интихоб кунаду пагоҳ ҳатман ба вазорат биёянд. Вақт кам аст, боз дар назди роҳбарони олимансаб шарманда нашавем,- нишастан баробар гуфт Зардаков.

–Чӣ шарманда мешавед,– гуфт Рустам ва ҳарду дӯст боло - поин, рӯи курпача нишастанд.

Маблағ ҷудо карда бошанд, ҳамин рӯз мо ба вазорат мерасем,–суханашро давом дод Рустам.

–Ҳамагӣ чор нафар санъаткор бас аст, фамон дод вазир,– гуфт Зардаков ва афзуд:

–Киро интихоб мекунӣ?

–Ҳотами Юнусу Олим Кабири дойрачӣ ва аз раққосаҳо Зӯҳро,– баъди андеша гуфт Рустам.

–Ихтиёрат. Ҳозир як пиёла чой менӯшему аз пайи кор мешавем. Ту ҷӯра сару либоси сафарӣ омода мегардонию ба театр, ки омадӣ маслиҳати рафтанатонро мебинем. Ма рафта одамҳои гуфтагиатро хабар кунам,– гуфта Зардаков аз ҷой хеста буд, ки Садбарг лаълии ширбиринҷ дар даст вориди хона шуду гуфт:

–Ака, меҳмон бо ихтиёри худ ба хона меояду бо иҷозати хонадор меравад,– гуфтаанд. То ин вақт иззат надида ягон меҳмона берун аз хонаам баромадан намондаам. Дар панҷ

дақиқаи дигар осмон ба замин омада намечаспад. Ба шумо артистҳо доим ҳамин хел одати саросемагӣ ёр шудааст.

Зардаков ҳарфе нагуфта аз сари нав рӯи курпача нишаст ва ин лаҳза кӯдакони нав аз хоби ноз бедор шуда овози гап–гапро шунида, ба меҳмонхона ворид шуданд.

–Ай садқаи гулдухтарҳое,– гуфта акаи Қурбон ба кӯдакон салом карда дарҳол даст ба кисса бурда сӯм баровадан хост, ки Рустам намонд.

–Акаи Қурбон, ай ҳамин одати бадат намондӣ,– гуфт Рустам.

–Сӯм доданӣ бошӣ як садсӯма ба худам те, ма ҳисоби инҳоро меёбам.

–Рустам сӯм аз бародар боло нест. Ман кӯдакҳоро хурсанд кунам гуфтам, ки намондӣ...

–Шукри Худо, оташон сӯм дорад. Дар театр кор мекунам, касби муаллимиро хор накардаам, дар тӯю маъракаҳо бологузарам. И қадар ёру ошное, ки ман дорам, ёрдамам мекунанд. Илова аз ин очаи бачаҳо кор мекунад. Ҳисоб карда барои ҳама ин даромада ба сарам мезанам? Қасру қибла сохтан ният надорам. Ҳунарманд, ки ҳастам, муҳтоҷӣ намекашам.

Қурбон Зардаков аз хонаи Рустам хурсанд баромад ва андеша кард, ки чӣ рӯзгори хуше дорад Рустами Абдураҳим ва чӣ марди ҳалиму меҳрубон аст. Дуруст аст, ки дуруғгуву ҳиллаву найрангбоз, фиребгарҳоро бад мебинад ва камбудию норасоии ҳар касро мардона рӯйрост мегӯяд ва шояд ин кораш низ аз одати неки уст. Дар ҳунари машоқию навозандагӣ хунёгари бемисл аст. Бин ки вазир аз миёни ҳазорон ҳунарманд ӯро интихоб кардааст.

Сафари ҳунарӣ ба Қазоқистону Узбекистон, Туркманистону Афғонистон зарур шавад, бе Рустами Абдураҳим ин сафарҳо намегузаранд. Имрӯз бошад ӯро ба маркази мамлакат даъват кардаанд.

## -7-

Дар фурӯдгоҳи байналмиллалии Пулковои шаҳри Ленинград дастаи ҳунариро ҷонишини вазири маданият Алла Барисовна Афанасева бо гулдаста истиқбол намуда, онҳоро аввало ба тамошои шаҳр бурд.

Чӣ хонаву кӯча ва чӣ иморатҳову манзараҳои зебою дилраборо диданд.

Дар Ленинград Рустами Абдураҳиму Ҳотами Юнус ва Олими Кабиру Зӯҳрои Назар ба осорхонаи дар ҷаҳон машҳури «Эрмитаж» рафтанду олами афсонавии дидании дигареро тамошо карданд, ки бо ҳазорон ҳазор нигораҳои нодир ақлу ҳуши бинандаро мафтун и хеш мегардонад.

Меҳмононро, ки аз гӯшаи дурдасти кӯҳистон ба ин шаҳр омада буданд, тамошои шаҳр тасхир намуда, саҳифаи наверо дар ақлу шуурашон бедор кард.

Оби мусаффои дарёи Нева чун ҳазорсолаҳои пеш аз миёнаҷои шаҳр дар ҷараён, қаиқу киштиҳо дар шино, зиндагии серу пури мардум, озодапӯшию маданияти олии шаҳрдорӣ дар ин ҷойҳо ҳанӯз асрҳои пеш аз ин дили Аҳмад Махдуми Дониш барин суханварони Шарқро мутеи хеш гадонида буд ва имрӯз , вақте ки меҳмонон вориди киштии инқилобии «Аврора» гардиданд, Рустам сӯи Ҳотами Юнус баргашта гуфт:

–Аввалин садои табли озодӣ аз тӯпҳои ҳамин киштӣ моҳи октябри соли 1917 садо додаанд, додари ҷон! - гуфт Рустам ва илова кард: - Ҳама он мактабу табобатхонаҳо, нури чароғи электрик, китобу рӯзномаву радиою телевизион, санъату маданияте, ки дар саросари Ватан, шаҳру деҳи мо имрӯз мебинӣ, баъди ғалабаи Инқилоби Октябрӣ ба мову шумо муяссар гардидаанд…

Ва чун дар либосҳои миллии тоҷикӣ ҳузури тоҷиконро онҷо мардуми русу касони аз хориҷ ба тамошои нигораҳои киштӣ омада диданд, ҳусни таваҷҷӯҳашон зиёд гардида, яке тоқии чакани ба сар мондаи Ҳотами Юнусро гирифта, ба сар мениҳоду дигар нақши куртаи чакани

Зӯҳрои раққосаро даст–даст карда, донистанӣ мешуд, ки нақшҳо бо рангу бори зебо оро ёфтаанд ва ё бо абрешим дар матоъ дӯхта шудаанд. Сеюмӣ аз Рустами Абдураҳим, ки

байнашон калонсолтар менамуд, кию куҷоӣ будани онҳоро пурсиданӣ мешуд. Ва чун мардум донистанд, ки меҳмонон санъаткоранд, метавонанд бо навозишу суруде хотирашонро шод гардонанд, илтиҷо карданд, ки ҳунарнамоии хешро ба онҳо нишон диҳанд.

Рустам, ки ҳангоми донишҷӯӣ ва вақти хизмати аскариро ба ҷо овардан асарҳои Горкию Чехов, Хемингуею, Мопассан, Шукшину Есенин барин бузургони адабиёти русу хориҷиро хонда буд, бо забони русӣ озодона суханронӣ мекард. Ҳатто бо ду латифаи намакини тоҷикӣ мардуми руси дар дохили киштибударо мафтуни хеш гардонид.

–Ҳотам, додар, ҳамроҳи Олим рафта, дутору доираву тори худата аз мошин гирифта биёр, ки аз дасти ин мардум ҷои халосӣ нест. Дида истодай, ки то мусиқию суруди моро нашунаванд, аз инҷо намераванд,–хоҳиш кард Рустам ва одамони ба гирдашон давра ороста, майдони тамошогоҳро дар киштӣ васеъ кардаанд.

**Ба назми Рӯдакию ишқи сӯзон,**
**Равам то мулки Искандар ба Юнон.**
**Чи тоҷикам, агар Рухшонаамро,**
**Ба шеъри худ наорам Тоҷикистон?!.**

Бо чунин тарона аз роҳрави киштӣ даст ба гӯш бурда, бе оҳанги мусиқӣ, фалаки даштӣ зад Ҳотами Юнус ва овози то ба фалак печидаи ҷавони ҳунарманд, дару девори киштии «Аврора»–ро ба ларза овард ва баъд Ҳотам оҳанги шухи рақсӣ навохту сароид.

**Ҳар гаҳе бе касу танҳо монӣ,**
**Қиссаи ишқ варақ гардонӣ.**
**Аз миёни варақи зардшуда,**
**Номае гирию онро хонӣ,**
**Боз як бори дигар ёдам кун.**

Зӯҳро аз ширинхонии Ҳотам ба ваҷд омада дигар тоқат накард, ихтиёр аз даст дода ба рақс даромад.

Рустами Абдураҳим бо дутору Олими Кабир бо доира Ҳотамро ҳамроҳӣ карданду саровоз шуданд. Мардуми тамошобин ба рақсу бозӣ бархостанд ва гирди Зӯҳрои нозанин покубону дастафшон шуданд. Даруни киштии «Аврора» ба идгоҳи ҳақиқии наврӯзие табдил ёфт, ки мислашро дар олам намебинӣ.

Ҳотами Юнус аз ин ҳолат рӯҳ гирифта боз ҳам ширинтару гуворотар сурудеро аз пайи суруд замзама мекарду оҳанги торро ба оҳанги навбатии шӯх дигар карда, ба завқ месароиду мардум рақсу бозӣ, шодию хурсандӣ мекарданд.

Дар ин миён, ҳангоми андак танаффусу дам рост кардан Рустами Абдураҳим дар баробари навохтани оҳанги марғуби «Гулафшон» ба навохтани оҳанги машҳури русии «Калинка» шурӯъ кард, ки бо садои дилангези доира басо шинаму шуниданӣ буд. Баногоҳ касе аз дохили мардум ба сароидани суруд сар кард ва маълум, ки аксар касони русзабон ин суруди машҳурро азёд медонистанд. Ва бо фароҳам омадани шароит аҳли тамошобинон рақскунон бо сарояндаҳо ҳамовоз шуданд. Ҳангоми сурудхонӣ ҳангомае бархост, ки дар ягон толори консертӣ чунин хушхонию базму бозӣ ба чашм намерасид.

Кӣ медонад, базм чӣ қадар вақт давом кард, ҳама аз он хушвахту хушбахту хуштолеъ ба санъаткорон миннатдорӣ изҳор кардаву сурат гирфитанду хушхонӣ карданд.

Баъди аз ҳалқаи тамошобинон озод шудани санъаткорон мӯйсафеде дар тан либосҳои озода, дар сар фуражкаи сабуки сафед, назди Рустам омаду ӯро ба оғӯш гирифт.

Рустам ҳис кард, ки қиёфаи мард аз ҳаяҷон меларзад ва вақте аз канори мард озод шуд, Рустам ба чеҳраи мӯйсафед назар карду дид, ки ашки чашмони мӯйсафед дар бари рухсораҳои пур аз ожангаш намудор буданд.

–Бачам,–бо лафзи ширини тоҷикӣ ба гап сар кард мӯйсафед,– Ма ай Доғистони Шӯрообoдаму солҳои сол инҷо зиндагӣ мекунум. Зану бачаҳои нозанин дорум. Хушбахти оламуму лек дур ай Ватан. Дурустай, ки ватани ҳамаи мо советиҳай, лекин зодгоҳай ватани мо бачаму ма ай зодгоҳ бенасибам.

Ғиҷова мӯйсафедо гулӯгир карду хомӯш монд.

–Зӯҳрову  Ҳотам ва Олими доирачӣ ҳамроҳи Рустам гирди мӯйсафед хапу хомӯш меистоданд ва ӯ боз ба гап даромад:

–Имрӯз ба тамошои хона–музейи  киштӣ омадаму хушбахтона шуморо дидам, сурудхонию  рақсу бозитона  тамошо кардум. Сарум ба осмон расид. Худо умри ҳазорсола бинен.

Мӯйсафед  аз киссааш  рӯймолча бароварда  ашки дидагонашро  пок кард ва оҳи сабук кашиду гуфт:

–Номум  Алихонаю ба хонаам меҳмонӣ даъватон  мекунум. Бадавлатум. Ай ягон чӣ камбудӣ надорум. Мехоҳум зану  фазандонам  ҳамшаҳриву ҳамватанома  ай  наздик бубинанд, ҳасратома ба гӯр набарум…

То саршавии озмуни санъати умумииттифоқӣ, ки аз ҳамаи понздаҳ  ҷумҳурии  бародар санъаткорон дар он ширкат меварзиданд, ҳоло вақт буд ва рӯзи панҷуми май, ки ба рӯзи мавлуди Рустам рост меомад, соҳибҷашн аз чӣ  бошад, ки баъди тамошои ҷойҳои хушманзараи шаҳр ҳамроҳонро таклиф кард, ки ба зиёрати қабристони Пискарёв мераванд. Ин фикр дар чунин рӯзи барои мард  фараҳбахш аз куҷо омад, худ медонаду Худо.

Аслан ӯ ҳамин тариқ одат ҳам дорад, ки дар лаҳзаи шодию фараҳ аз лаҳзаҳои мушкили ҳаёт, аз  ғаму  андӯҳ ёдовар мешавад. Шояд ин хислат дар ӯ аз он буд, ки марди ба хушбахтию мотами одамон ҳамеша наздик, ғамхору дилсӯз буд. Барои толеи нек ва рӯзи  хӯш  ба ҳар кас некии аз дасташ омадаро дареғ  намедонист.

Шояд дар олам оромгоҳи дигаре чун қабристони Пискарёв  вуҷуд надошта бошад ва Рустам  ҳамроҳони худро ба мақсаде ба ин ҷо овард, то аз таърихи на чандон дур огаҳӣ пайдо кунанд, бо чашмони худ бубинанд, ки чанги хонумонсӯз, хоса фашистони гитлерӣ дар ҷанги дуюми ҷаҳонӣ шаҳри Петроград–Ленинградро  беш аз нуҳсад рӯз дар муҳосира қарор доданд, то дар ин шаҳри азамат ҳама  хурду бузург ба ҳалокат бирасанд, аз инсони зинда дар ин ҷо ному нишоне боқӣ  намонад, вале инсон бо рӯҳу иродаи қавӣ ба чӣ қаҳрамонию корнамоӣ  қодир аст, ҳама медонанд. Як нишонаи қаҳармонӣ дар ин шаҳр ҳамин қабристон аст.

Рустам аз филмҳо дида, аз китобҳои хондааш аз ҳамроҳон дида бештар медонисту огоҳ буд, ки  онҳоро ба инҷо овард.

–Додари ҷон,– муроҷиат кард Рустам ба Ҳотами Юнус ва дигар ҳамроҳон,–суруди «Қабристони Пискарёв»–ро аз сурудхонии Сураёбону ба ёд биёред. Ба фикрам ин суруд дар эҷодиёти Сурайёи Қосим беҳтарин офаридаи ӯст ва чӣ қадар  ширину гуворо ва чӣ қадар ғамангез  месарояд ин сурудро. Ҳар боре  дар иҷрои ӯ хоҳ дар саҳна ва хоҳ аз радиою телевизион ин сурудро мешунавам, ашки дидагонамро дигар раҳ гирифта наметавонам. Ҳама дарду қиниву азоби ҷанг дар он суруд ниҳон аст.

Зиёраткунандагон дар роҳравҳо гулу гулдастаҳо дар даст ба  оҳистагӣ
қадам зада, ба ҳар як лавҳаю  нигоришоти рӯи сангҳои кандакоришуда ба диққат назар карда, худ шоҳиди  қадрдонии зиндагон гузаштагони хешро  дар лавҳаҳои мазор медиданд. Дар ин қабристон беш аз як миллион муҳофизони шаҳри қадима ба  хок супурда шуданд, то падаронамон,  мову шумо зинда монем, рӯз бинем, пеши роҳи  ҷангро бигирем.

Ва ҳангоми баромад аз ин оромгоҳ, баъди дуою фотеҳа Рустам  оҳиста гуфт:

Лоиқи  бузугвор  фамудааст:

**Барои зиндагон бояд бигӯям,**
**Ки қабристон барои мурдагон нест,**
**Ки қабристон барои зиндагон аст,**
**Ки то донанд фардо қадрашон чист…**

Толори иттифоқи композиторони  шаҳри Ленинград ҷои озмун  эълон  гардида, як ҳафта боз санъаткорону ҳофизон, мусиқанавозону раққосаҳоро қабулу гусел карда, беш аз се ҳазор тамошобину ҳайати доварон ба маҳорати  даъватшудагон баҳо медоданд  ва маълум, ки дар чунин озмун ҳар  кас танҳо иҷозати иҷрои як суруду мусиқӣ ё рақсро дорад.

Рустам  дар ин чанд рӯзи тайёрӣ ба озмун бо маслиҳати ҳамроҳон нақшаи баромадҳоро тарҳрезӣ кардаву  дақиқназарона фаҳмонд ба  Ҳотаму Зӯҳро ва Олим, зеро

аз як тараф таҷрибаи ин хунёгари бемисл дар интихоби суруду мусиқӣ ва оҳангофарӣ зиёд бошад, аз тарафи дигар вобаста ба макони баргузории озмун, талаботи давру замон ва қонеъ

гардонидани табъу завқи мардум маҳорати махсусро доро буд ва ҳамкасбон танҳо аз рӯи нишондоди ӯ амал мекарданд.

Чун навбат ба ҳайати вакилони Тоҷикистон расид, Ҳотами Юнус аз қисмати боло, Зӯҳрои раққоса дар қисмати ҷануб, Рустами Абдураҳим ҳамроҳи доиранавоз Олими Қабир дар миёнаҷо қарор гирифтанду бо ишораи Рустам Ҳотами Юнус дар дасти рост тори гулкорӣ гардида, кафи дасти чап дар баногӯш аз гӯшаи аввали толор фалаки даштиро оғоз бахшид ва бе ягон мусиқӣ бо тамоми маҳорат сар кард ба сароидани суруд.

Тамошобинону ҳайати доварон баъди эълони ровӣ ҳама ба саҳнаи толор чашм дӯхта рӯи саҳна ворид гардидани санъатваронро интизор буданд, вале бо шунидани овози ширадори Ҳотам ҳама ҳайратӣ гашта, ба роҳрави толор, сӯи овоз дида дӯхтанд. Ва диданд ҷавони дар қадду қомат зебои чашму абрӯсиёҳ, бо мӯи ҷингилаи зери тоқии нақшини диққатҷалбкунанда, дар тан ҷелаки гулдӯзии чакан, рӯймоли миён низ бо косагулҳои ниҳоят зебо ороёфта, кафи даст ба баногӯш бо лаҳни ниҳоят форам оҳиста қадам монда фалаксарой дорад.

Чеҳраи Ҳотам низ базеби тоҷикона буд ва ҳар як бинандаро хӯш меомад. Дилхоҳ бону симои ҷавонмардонаву базеби Ҳотамро дида дар дил орзу мекард, кошки Худои таъоло ҳамин хел ҷавони нозанинро муяссараш гардонад.

Бурутҳои қайчизадаи ӯ ба лабу рӯяш зебогии дигар илова мекарданд ва Ҳотам фалаксарой дошт:

**Ин моҳа бубин, ки мерава лав–лави ҷар,**
**Ай сӯзиши дил пора шидай ними ҷигар.**
**Мадумо меган ҷигари садпората дӯз,**
**Мо медӯзему пора шавад ҷои дигар…**

Суруди фалак поён меёбаду рафти оҳанг дигар шуда, Ҳотам торашро нохун мезанад. Овози дутори Рустами Абдураҳим ба овози тор ҳамҷӯр мегардаду садои доираи Олим рез–рез ба гӯш мерасад. Зӯҳрои раққоса, ин духтари дар ҳақиқат нозанин гӯи аз авҷи осмон ба саҳна фуруд меояду дасту остин бар зада ба рақс оғоз мебахшад.

Ҳарду қоши ӯсмакашида, рӯймоли гулбаст, тангаву гӯшвори қафасӣ, зиреҳи гардан, куртаи чакани кӯлобӣ, ҳама ин зебогӣ ба ҳусни худододи Зӯҳрои заминӣ тавъам гашта, ҳангоми рақс ақлу ҳуши бинандаро мебарад. Кас ба як нигоҳи назар, бо як дидан ошиқи ҳамаумраи Зӯҳро мегардад.

Аз ин ҳангома аҳли толор , ҳатто ҳайати доварон аз ҷо кафкӯбон мехезанд ва овози сурудхонии Ҳотами Юнус ба дуриҳо танин меандозад:

**Бачагиям яккаву танҳо гузашт,**
**Бо дарав, бо хушачиниҳо гузашт.**
**Доманаш аз хӯша пур аз домани саҳро гузашт.**

–Ҷон фидоят!– мерасад овозу лаҳни тоҷикона аз толор ва дар ҳақиқат Ҳотам аввалин ҳофизи тоҷик аст, ки ба ин шеъри шоири нобиға, Лоиқи бузургвор оҳанг офарида дар саҳнаю радиою телевизион мехонд ва то ба имрӯз ҳофизу хунёгаре пайдо нашуда, ки ба ин қадар маҳбубияту овози ширин ин сурудро мисли Ҳотам сароида, то ба дили шунаванда расонида тавониста бошад.

Ҳотам гардиши оҳангро ба рез–рез табдил дода ба сароидани суруди дигар оғоз мебахшад:

**Каси бедард дарди олами моро чӣ медонад,**
**Ҳубоб аз рӯравиҳо таҳти дарёро чӣ медонад?**
**Фақат парвона месӯзад пари худро ба шамъ охир,**
**Азоби ошиқии Қайсу Лайлоро чӣ медонад?..**

Ва ин чор нафар санъаткорони тоҷик суруд хондаву рақсида рӯи саҳнаи толор мебароянду шукӯҳу шаҳомати базм ба авҷи аълои худ мерасад.

Чанд нафар русдухтарони зебо расмиятро итоат накарда, аз толор ба саҳна ба рақс меоянд. Аҳли толор ҳама рост истода бо чакзанӣ базми тоҷиконро ҳамроҳӣ мекунанд.

Садои офарингӯӣ ва ҳамду сано ба овози сароянда ва оҳанги мусиқӣ якҷоя ба фалак мепечад...

**- 8-**

Сарвари мактаб Азизи Талб бо мақсади дарсгӯии муаллимонро санҷидан, мудири қисми илмӣ Махсумовро ҳамроҳ гирифта, ба дарси Шоҳгурези Шариф даромаданд.

Ҳанӯз дарс ба нисф нарасида, директор ба Махсумов, ки ҳарду паси як миз менишастанд, оҳиста чӣ гӯшакие карду аз синф баромад.

Дар роҳрав чашмаш ба синфхонаи 9 «б» афтод, ки дари синф кушода буду хонандагон бе муллим хапу хомӯш, ҳар кадом ба хондану навиштан машғул, ғавғою бетартибӣ чӣ, ки ҳатто овозеро намешунавӣ.

Директор ҳайрон ба синф даромад ва маълум ки ҳама хонандагони дар синф ҳузӯр дошта аз рӯи эҳтиром аз ҷояшон хестанд ва директор ба онҳо иҷозати нишастан доду пурсид.

– Дарси кӣ? Муаллим куҷост?

– Дарси таърих дорем. Муаллим Одинаев, беморанд. Имрӯз наомаданд,- боодобона ҷавоб дод сардори синф.

–Бале, бачаҳои нағз. Ҳамин тарз ба тайёр кардани вазифаҳо машғул шавед. Ғалоғула накунед, ки ба хонандагони дигар синфҳо халал мерасонед? – таъкид кард директор.

–Хуб,- гуфтанд хонандагон ва директор аз дари синф баромадан баробар фикре ба хотираш расиду баргашта пурсид.

– Роҳбари синфатон кадом муаллим аст?

– Рустам Абдураҳимов,- ҷавоб дод сардори синф ва илова кард.

– Дар синфи паҳлу ба талабаҳои синфи даҳ дарс гуфта истодаанд.

Азиз Талб ҳарфе нагуфта, тарафи идорааш рафт ва роҳравон аз дил гузаронид, ки дар кори таълиму тарбия, дар ҳақиқат Рустами Абдураҳим дар байни беш аз панҷоҳ муаллими мактаб намуна аст.

Директор, ки таҷрибаи бисёрсолаи роҳбарӣ дошт, аз кору муваффақияти ҳар як муаллим огоҳ буд.

Ин дам Азизи Талб, вақте донист, ки хонандагони синф бе муаллим хапу хомӯшанду ғавғое надоранд, ҳайратӣ шуд. То ҳол надида буд, ки қариб чил нафар талаба дар синфхона, вақти дарс чунин тинҷу ором, ба тайёр кардани дарс машғул бошанд.
Чун донист, ки роҳбари синф Рустами Абдураҳим асту боз ин соат дар синфи паҳлӯ ба дарсгӯӣ машғул аст, хулоса баровард, ки дар ҳақиқат муаллим тавонистааст бо донишу муносибати нек дар дили хонандагон меҳри донишомӯзиро афзун намояд.

Сиёсату корбариро бин, ки хонандагони синфи 9 «б» бе муаллим ин қадар тинҷу ором нишастаанд. Медонанд, ки роҳбари синфашон дар ягона синфхонаи лингафонии таъсисдодаи худди муаллим, Рустам ба таълими талабаҳои дигар банд аст. Мабодо бетартибӣ, ҳатто овозашонро шунавад, танбеҳи сахте гунаҳгорро интизор аст.

Воқеан, дар дили хонандагон бедор карда тавонистани завқи азбар кардани забони англисӣ, усули пешқадами роҳи таълим аст, ки ҳар сол чор - панҷ нафар хонандагони мактаб ба шуъбаи забонҳои англисии донишгоҳҳо дохил мешаванд. Шогирди Рустами Абдураҳим Ҳомидхӯҷаи Додар бо тавсияи Рустам аз ҳамин мактаб ба донишгоҳ дохил гардида, баъди хатми донишгоҳ боз ба ҳамин мактаб баргашта , ба хонандагон аз фанни забони англисӣ дарс мегӯяд,- хулоса кард Азизи Талб.

–Вақти аз мактаби рақами чор ба мактаби рақами ҳашт роҳбар таъйин шуданам, кори нағз кардам, ки Рустамро ҳамроҳ ба инҷо овардам, - зери лаб худ ба худ гуфт АзизТалб.

-- Мактаб дар ҷои ноobod бунёд ёфта буд ва хоҳу ноҳоҳ, майдони гирду атрофро мебоист бо қувваи муаллимону хонандагон обод мекардем.

Азиз Талб бо чунин фикрҳо аз роҳрав ба ҳуҷраи кориаш нею ба ҳавлии мактаб баромад ва чашмаш ба сарву санавбарҳои хӯшқадду сарсабз афтод, ки зери онҳо ниҳолҳои гулҳои садбарги сурху сафеди шукӯфону дилрабо намоён буданд.

–Он вақт обод кардани ин гӯшаи майдони мактабро ба Рустами Абдураҳим ва синфе, ки муаллим ба он роҳбар буданд, вобаста карда будам,- гуфт Азизи Талб.

–Вақтҳои берун аз дарсу рӯзҳои истироҳатӣ Рустам ҳамроҳи шогирдонаш заҳмат кашида сангобзаминро ба гулзор табдил доданд.

Ана ҳамин сарву санавбарҳои зебо дастниҳолони Рустами Абдураҳиманд.

Дареғ, ки Қурбон Зардак ӯро ба театру идораи фарҳанг ҷалб карду аҷаб не дар он муассисҳо ба ягон кори роҳбарӣ баранд ӯро. Қобилияти хуб дорад мард ва дар кадом ҷое кор кунад, аз уҳдаи кор албатта мебарояд.

Соли гузашта буд, ки ӯ дар байни муаллимони шаҳру ноҳия унвони муаллими солро соҳиб гашт. Ин кори ҳазл нест. Номи мактаб, обурӯи муаллимонро баланд бардошт. Муомилаву муносибат, дӯстию рафоқаташро намегӯӣ. Мард ҳамин қадар мешавад.

Ва дар ҳақиқат, меҳри санъат ва ҳунари воло буд, ки Рустамро ба боргоҳи театр бурд.

Акнун ӯ бештари вақт ҳамроҳи Бобоҷони Азизу Одинаи Ҳошим, Сурайёбонуву Гулчеҳраи Содиқ ба сафарҳои ҳунарӣ, миёни мадум мерафт.

Санъаткорон ба шаҳру ноҳияҳо, вилоят, ҳатто ҷумҳуриҳои бародар мераванд ва Рустами Абдураҳим ҳамроҳи онҳо ҳунарнамоӣ мекунад.

Дар радиою телевизион сабтҳо анҷом медиҳад, оҳангҳо меофарад. Бо ҳунари волои дутору скрипканавозӣ, бо иҷрои оҳангҳои дилошуб хотири ҳазорон ҳазор тамошобинро шод мегардонад.

Дар тӯю маъракаҳо, шабнишиниҳои адабӣ ширкат меварзад. Сухандону маъракоро, гули сари сабади санъаткорон аст ӯ.

Дар ин миён боз мард вақт ёфта, ҳамроҳи ёру дӯстону ҳаммактабиёни давраи кӯдакию ҷавониаш Ҳабибулло Раҳиму Ғафур Восеъ, Тилло Бобову Гурези Иброҳим ва боз дигар ҳамсолон лаҳзае, соату рӯзе бо ҳам нишаставу суҳбату розидилгӯӣ макунанд, хотири онҳоро бо латифаву аниқдодҳои ширину намакин болида мегардонад.

Мард оромиро намеписандид. Худро аз маъракa ба тӯю шабнишиниҳо мезад. Ҳунарманди асилу уҳдабаро, ки ҳаст, мурдум ӯро мисли бародару фарзанд дӯст медоранду эҳтиромашро ба ҷо меоранд. Хӯшгуию оҳангнавозии марғубаш писанди мардум гаштаасту шӯҳраташ то ба дуриҳои дур рафтааст…

***

**-9-**

Бегоҳие, вақти хӯроки шом сари дастурхон Рустам ҳис кард, ки духтари хӯрдиаш Адиба ким чӣ хел бо димоғи сӯхта, мисли одами ранҷидагӣ, авзояш якнавъ аст. Духтарони калонӣ Шаҳлою Дилором ва писарчаи ягонаaш Зафар ҳамроҳи модар ба сҳбату шӯхӣ хӯрок хӯрда истодаанду Адиба бо ангушташ рӯи гилемро хат кашида бедимоғ менамояд. Падар сабаби хафагии духтарашро аз модараш донистан хоста пурсид;

--Садбарги ҷон. Адибаи маро кӣ малол кардааст?

–Ду по дар як мӯза, даъво дорад, ки бароям пианино харид кунед, - гуфт модар ва шарҳ дод;

–Духтарҳои калонӣ ку феълу атвори шуморо доранду ин Адибаи эркаат каллаву кандаи худат мегӯӣ. Шон, мисли шумо санъаткор шуданӣ. Ду рӯз боз зорӣ дорад, ки ба атаам бигу пианино харид кунад. Шумо, ки шаб кӯдакҳора бо овози дутор алла гуфта мехобонеду саҳарӣ боз бо овози дутор аз хоб бедор мешаванд, ҳамин хел эрка шудаанд. Ҳарчанд фаҳмондам, ки барои пианино навохтанат ҳоло вақт аст. Аққалан даҳ дувоздаҳсола шавӣ баъд даъвои асбоби мусиқӣ кун, ки не.
Акардион ё дигар асбоб талаб мекард нархаш арзонтар буд. Пианинои гуфтагии духтарат панҷсад сӯмае! Маоши думоҳаи шумо як пианино намешавад. Димоғи сӯхтаи духтари эркаат ҳамин.

–Очаҷонаш, ба ҷои шукрона, албат, ки маро дур дида Адибаро танбеҳ додӣ?

Ма ҳазор бор шукрона мекунам, ки аз фарзандонам якеи онҳо пайрави падар шудааст, - гуфта буд Рустам, ки духтарчаи калонӣ Шаҳло ба гап даромад.

– Ма забони англисӣ омӯхта, алакай хондану навиштан як тараф монад, ба забони англисӣ тарҷума карданро ёд гирифта, пайрави падар набудаему Адиба ба як тинг- тинг навохтани пианино пайрави падар мешудааст. Очаам рост мегӯяд. Пианино қимат аст. Ягон асбоби арзонтар харед намешавад?

Ана дар хона доираву ғижжаку дутору скрипка. Боз чӣ зарурат доштаст, ки пианино хирид кунед?

– Ҷонам садқаи шумо гуларӯсҳову модари хона, - ба ханда гуфт Рустам ва илова кард;

– Даъвои шуморо шунидаму як ҳодиса ба хотирам омад. Аввал даъворо соф мекунему баъд ҳодисаро нақл мекунам.

Биё Адибаи ата, дар бари худам нишину гиреҳи қавақота бикушо. Пианино чӣ, ки арган (арғунун), хоҳиш кунад Адиба барояш муҳаё мекунам. Ба духтаре, ки устод Турсунзода ном мондааст, молу чиз магар дареғ аст? Баъд, бигӯед, ки дар ин дунё ба ғайр аз шумову очаи нозанинатон ман кию чӣ дорам?!

Пули думоҳаи кори муаллимӣ будааст нархи пианино. Мебинӣ, ки ҳамин рӯз ё рӯзи дигар ба ягон тӯйи давлатдоре даъватам карданд. Пули пианино бо пойи худаш давида меояд. Баъд медонен, ки Худо ба ҳар кас ризқ додааст. Раваду ризқи Адиба аз дигарон зиёдтар бошад, баъд шумо ба Худо ҳам даъво мекунед?

Парвардигор ҳунарам додааст, шумо парвои олам накунед, ки пианино Худо хоҳад, ҳамин ҳафта дар хона мешавад.

Суханҳои падар ба Адиба рӯҳ бахшиданду ӯ табассум дар лаб аз ҷойи аввалааш хеста паҳлӯи падар нишаст.

–Як хандаи Адиба ба ҳама дунё меарзаде,- гуфта табассум кард Рустам ва суханашро давом дод;

–Акнун ба сари нақли ба хотирам расида меоем.

Пакорский ном марди рус, дар охирҳои асри Х1Х дар кони тиллои Шукнови Ховалинг роҳбар будааст. Маълум, ки он давра, замони подшоҳии Николаевҳо дар Русия буду он замон кони тиллои мо дар тасарруфи русҳо.

Пакорский барои зани меҳрубонаш аз Петроград, аз ҳамон қадар роҳи дур ба деҳаи Сияҳфарки Шукнова пианино меорад.

Азму иродаро бин, ки он вақт техника вуҷуд надошт. Пианиноро ба воситаи корвони уштуру аспу хар, аз лаби дарёи Нева то ба ин ҷо ношикаставу бе осеб меоранд ва шояд ин аввалин пианиное буд, ки ба Тоҷикистон он замон оварда буданд.

Пас дар ин қадар соли тинҷию доройӣ, барои Адибаи нозанина ма ай ҳамӣ Кӯлоб ё шаҳри Душанбе пианино намехаридаам?

Худо хоҳад, хонданатона хуб давом диҳед, ҳамаатон чӣ орзӯву ҳавасе дошта бошен, падаратон иҷро мекунад.

Насиб бошад, Шаҳло, ки ҳавасманди забони англисӣ аст, ба мисли худам ба донишгоҳ дохил мешавад. Дилором ба таъриху ҳуқуқ ҳавас дорад, ба донишкадаи милӣ ба хондан меравад. Зафар духтур шудан мехоҳад. Мон кадом касбро интихоб кунад, орзую ҳавасашро бинад.

Ту Адиба орзуи санъаткор шуданро дар дилат мепарварӣ, ҷонам садқат.

Фикр кун, ки пианино дар хона аст. Хезу дутора биёрда як навозиш кунаму баъд шумо аз пайи тайёр кардани дарсҳо шавед.

Кӣ медонад? Дар хуни авлоди мо ки санъат ҷӯш мезанад, як рӯз Адиба мумкин санъаткори номӣ шаваду ба халқу ватан хизмат кунад. Адиба санъаткор нашавад, бача ё духтараш ҳатман роҳи санъатро пеш мегирад. Шаҷараи санъаткорон дар авлоди мо Худо хоҳад, давом мекунад.

Адибаи хурсанду хушбахт бо мақсади овардани дутори падар ба хонаи дигар рафт...

–Атаи Зафар, кӯдакҳо Момандиёна ёд карданд,- вақти думорнавозии Рустам гуфт Садбарг ва гапашро давом дод;

–Мӯйсафеди падарта чанд вақт боз хабар нагирифтем. Пеш вақтҳо қишлоқ бисёр мебурдимон. И вақтҳо кор бисёр шидаст гуфта, ай баҳор, ки хешу таборҳора хабар нагирифтеме. Ҳами тобистон дар кафтархонаҳои мадании шаҳр, ай гармӣ ба ҷон расидеме. Сад нобути мо, неки кӯдакҳо як ҳавои тоза мегиранд. Рӯзи шанбею бозор, рӯзҳои истироҳатӣ дорен. Як сари қадам равем мегум зарар надорад. Бачаву духтарҳо дами беғам мезананд, баҳои оламае.

– Садбарги ҷон, рафта рафта баақл шуда истодай, мегум,- гуфт Рустам ва гапашро давом дод;

–Намегӯи, ки тирамоҳ асту вақти мевачинӣ. Равем як миқдор севу муруду нашпотӣ биёрем.

–Хайр ана худат гуфтӣ, атаи Зафар. Ба баҳонаи севу нашпотӣ Холаи Ойбиву дигар духтарҳо, мӯсафеди атата хабар мегирем. Мошин дорӣ, чӣ зӯр меомадаст?

Ҳар шанбею бозор кори шумо мардҳо маъракаравиву кайфу сафо. Мо қатии бачаву духтарҳо дар кунҷи кафтархонаҳои баландошёна дилгир шидем. Мо ҳам ҳаққи нафас рост кардан дорем охир.

– Сару либоси бачаву духтарҳора ба тартиб биёр, саҳарӣ меравем. Як маротиб гапи очаи Зафара ба замин намонем, боз мебинӣ, ки баракати зиндагӣ дигар мешавад, - гуфт Рустам ва аз ин маслиҳат дар баробари модар, бачаву духтарҳо он қадар хушнуд шуданд, ки гуфтан надорад.

Миёнамоҳи тирамоҳ, айни ҷамъ овардани ҳосили боғҳо фаро расида буд. Кӯдакони дар ҳасрати тамошои манзараҳои табиат аз даруни мошин дар баробари тамошои буттаву дарахтони қад - қади роҳи мошингард, бештар аз ҳосилбандии дарахтони боғҳо лаззат бурда, дар баробари ин манзараҳои теппаву кӯҳҳои дар дуродур воқеъро тамошо мекарданд.

Дарахтони дулонаи дар наздики роҳ ва андак дур рӯида онқадар ҳосил баста буданд, ки мисли дарахтони себи боғҳо аз зиёдии ҳосил сархам ба назар мерасиданд.

Роҳи мошингард, аз шаҳри Кӯлоб то маркази ноҳияи Муъминобод асфалтпӯш буда, баъди гузаштан аз деҳаи Кӯлчашма тарафи дасти рост, сӯи қишлоқи Момандиён мошини сабукрави Москвич рӯболо, ба роҳи сангфарш ҳаракат мекард ва маълум, ки дар фасли тирамоҳ, дар баробари ба дохили мошин даромадани чангу хок, раҳи сангӣ барои ронанда ва мошин он қадар табъи дил набуд, вале ба ҳар хол роҳ бо вуҷуди каму беш чуқурӣ доштан, мушкилгузар ҳам набуд.

Муҳим он буд, ки ҳушу ёди кӯдакон ба тамошои манзараҳои нозанин, дарахтони қади роҳ ва боғҳо банд, дарозии роҳро ҳис намекарданд. Ҳарчанд онҳо бо ин роҳ борҳо ба ҳавливу хонаи бобояшон омада бошанд ҳам, балки бештари тобистонро аксрашон дар ҳамин деҳа мегузаронанд ва боз дили онҳоро ҳавои салқину оби чашмаҳои хушлаззати деҳа, манзараҳои нотакрори Момандиён тарафи худ мекашид.

Рустам аз ин сафар шод буд. Мошин ронда истода фикр кард, ки дар баробари аёдати падару хешу табор дар қатори фарзандон ӯ низ чанд муддат аз обу ҳавои беғубори кӯҳистон баҳра мебарад, ёру ҷӯраҳои давраи мактабхониашро мебинад, хастагии аз ташвиши кору рӯзгор бударо рафъ месозад.

Ӯ аз ҳавои салқину форам нафас рост карда, андеша кард, ки ба ғайр аз одамизод ҳама мавҷудоти зиндаи табиат бо фарорасии айёми баҳор , баробари гарм шудани ҳаво, худро ба ҷойҳои нисбатан салқин мегиранд. Махсусан паррандагон ҳамеша, дар давоми тамоми зиндагӣ бо мусоидии обу ҳаво ҷои зисташонро дигар карда, табъи дил зиндагӣ мекунанд. Танҳо инсон аз рӯи нарасидани шароит ва ё аз бефаросатӣ аст, ки ҳама умр муқимии як маконро ихтиёр дорад, ба ҳама мушкилот тоқат мекунад. Ҳол он ки бо гузаронидани зиндагии табъи дил метавонанд инсонҳо умри аз ин ҳам дароз бинанд.

Мард андешид, ки Садбарги очаи бачаҳо хуб кард, як ё ду рӯз ҳам бошад, кӯдаконро аз вартаи шаҳр берун баровард. Дар баробари аёдати хешу табор, як соат ҳам бошад, дами бе ғам насибамон мегардад.

Рустам мошинро назди Чашмаи гул, ки дар сари роҳ воқеъ аст, манъ дошта, аз он фуромада, ба лаби чашма рафту дасту рӯ шусту ду каф оби мусаффо аз оби чашма нӯшид. Ба хаёл овард, ки ба шаҳру мамлакатҳои гуногун сафарҳои ҳунарӣ карда одаму олам дидааст, вале лаззати оби ин чашма аз ёдаш нарафт, ки нарафт.

Ӯ кӯдаконро аз мошин фароварду гуфт;

–То хонаву боғи бобоятон чанд қадам, ӯ қадар роҳи дигар намонд. Аз ин чашма об хӯрда сайр карда равен, ки дар кӯтали сангов оби мошин ҷӯш омад. Ма андак баъд мерасам.

Садбарг ҳамроҳи кӯдакон бозию шухикунон рафтанд ва Рустам ба атрофи боғу ҷангалзор назар карду зебогии фасли тирамоҳ мафтунаш гардонд. Ин вақт барги дарахтони олуболу
зарди сурхнамо шуда бошанд, барги баъзан дарахтони себ сурхи ҷигарӣ ба назар мерасид. Ба гулхорҳои сари марзҳо ҳанӯз хазон нарасида, кабуди сабзранг менамуданд.

Ҳосили себи хубонию шоҳисеб тамом шуда бошад, сурхсебҳо ончунон ҳосил баста буданд, ки бинандаро ҳайратӣ мекарданд.

Соҳибони боғ чени зӯррас ба зери навдаву шохҳои серҳосил поя зада буданд, то навдаҳо нашикананду ҳосил талаф наёбад.
Меваҳои мурудҳоро чинда бошанд, нашпотиҳои бобоӣ ҳанӯз пурра пухта нарасида буданд. Дар миёни дарахтон себҳои навъи зимистонӣ низ зиёд буданд ва меваи сабзранги ин навъи себҳо мисли нашпотии бобоӣ дер мепазад.
Рустам назар кард, ки чормағзҳо низ имсол ҳосили хуб доранд ва баъзан сокинони деҳа аллакай ҳосили чормағзҳои қоғотиро меғундоштанд.
Чӣ файзу баракате дорад мулки кӯҳистон, аз дил гузронид Рустам. Ҳосили меваву боғҳоро ба пуррагӣ ҷамъ кардан амри муҳол аст. Ҳар навъ бошад, хонаи мардум пур аз мева мешавад.
Бо вуҷуди гову гӯсфанду бузу бузғола доштану ҳосили зироатҳои ғалладонагиро ҷамъ кардан, меваи хушку тар боз дороии ин мулк аст, ки мардум рӯзгорашонро ба сомон мерасонанд, нафъ мебинанд.
Кӯдакони Рустам омаданд, гуфта момою бибӣ, бобою амаву холаҳо, ҳамсояҳо омаданд, то меҳмононро хуш омадед бигӯянду дидорбинӣ кунанд.
–Сайлигули ҷон, духтарум хуб кардӣ, ки омадӣ,- гуфта бобои Абдураҳим ба пирию барҷомондагии худ тан надода, ба пешвози набераҳо омад ва ҳар кадомро ба бағал гирифта ошноӣ кардаву дӯстдорию меҳрубонӣ анҷом дод.
– Бахудо чашм ба роҳ будум, ки меоен Сайлигул, - гуфта мӯйсфед шод шуд.
-- Бобои ҷон, ҳеҷ не ки номи худама Садбарг- гуфта ном бубарӣ, - гуфта зани Рустам, хотиррасон кард ба мӯйсафед, ки бобои Абдурраҳим розӣ нашуду гуфт;
–Садбарги ҷон, мара бубахш, ки аз рӯзи аввали ба ин хонадон қадам монданат, аз рӯи хушрӯгию хонама пури духтару бача карданат туро Сайлигул гуфта будум. Барои Рустаму бачаву духтарҳот, барои ҳама олам Садбарг бошӣ, барои ма Сайлигули ростинаи очаи нувераҳомӣ.
Ин дам холаи Ойбию Бибинисову Файзинисову Маҳтовбӣ, Гурезу Абдулло, занону кӯдакони ҳамсоя, хешу таборон омаданду аз шодию нишот ҳавлии бобои Абдураҳим ба тӯйхона мубаддал гардид..

**-1О-**

Консерти ҳисоботии Одинаи Ҳошиму Гулчеҳраи Содиқ ва Рустами Абдураҳимро дар рӯзи ҷашни Истиқлолият ба нақша гирифта буданду маълум, ки эълонҳо ҳанӯз понздаҳ рӯз пеш ба воситаи рӯзномаю радио ва телевизион паҳн гардида, ҳаводорону ихлосмандони зиёде баҳри гирифтани ғизои маънавӣ ба Қасри фаҳанг омада буданд.
Муаллимону донишҷӯёни донишгоҳу омӯзишгоҳҳо гурӯҳ–гурӯҳ бо гулу гулдастаҳо ба базмгоҳ омаданд. Ва ин ҳама аз қадршиносӣ ва арҷгузории мардум нисбат ба санъаткорони дӯстдоштаи халқ буд.
То оғози чорабинӣ вақти кам монда бошад ҳам ҳанӯз аз Рустами Абдураҳим хабаре набуд ва аз дигарон дида ин ҳолат мудири шуъбаи маданияти шаҳр Валӣ Зарифро асабонӣ кард, зеро мутассадии асосӣ ҳамин мард ба ҳисоб мерафт. Дар сурати ҳодисае сар задан маърака маънои худро гум мекард. Охир, аз маркази ҷумҳурӣ, аз вазорату идораҳо намояндагон дар консерт иштирок доштанд ва ин чорабинӣ як навъ ҳисоботи сарварони санъату маданияти вилоят дар назди ташкилотҳои болоӣ ба ҳисоб мерафт. Онҳо аз ин маърака ҳунармандони арзандаро барои сафарҳои ҳунарӣ ба давлатҳои ҳамсояи дуру наздик ҷудо карда, тавсия медоданд.
–Ака, Рустами Абдураҳим то ҳолӣ наомадааст,– бо асабоният гуфт Валӣ Зариф ба Одинаи Ҳошим дар роҳрави Қаср.
–Асабӣ нашав, меояд, ҳоло вақт ҳаст, – оромона гуфт оғои Одина ба Валӣ Зариф назар карда.
–Чи қадар вақт ҳаст? Ана соата бин, даҳ дақиқаи дигар мондасте. Боз ягон балора ба сар набурда бошад, мегум, – бо авзои беҷо гуфт Валӣ Зариф.
–Дина ҳамроҳ машқ карда будем. Як гала латифаи нав гуфт. Рустам дар дарё афтад тар нашуда ай гирдов хушк мебарояд. Парво накун Валӣ Зариф. Бигу, кӣ барандаи консерт аст?
–Худойиназари Тилава интихоб кардем– нисбатан оромона ҷавоб дод Валӣ Зариф.

–Ҳо,–гуфт, аз рӯи одат Одина Ҳошим ва афзуд:

–Бачаи бамаънӣ аст. Бигу ки апаи Гулчеҳра омадааст? Вазъи саломатиаш он қадар хуб набуд.

–Апаи Гулчеҳра омаданд,–гуфта буд, мард, ки:

–Оғои Одина, ассалому алекум! – гуфтани Рустами Абдураҳим ба гӯши Валӣ Зариф расиду мард ҷони тоза гирифта сӯи овоз рӯ гардонду норозиёна гуфт:

–Ту Рустам ба и рафторҳо мара куштаниӣ?!.. Маъракае нест, ки нағма накунӣ.

–Касабаи мо мардум нағма карданай, калон! – ҳозирҷавобӣ карда гуфт Рустам.

–Медонум, ки кори шумо нағма асту лекин нағмаҳои ту зиёданд. Барои чӣ дер кардӣ?-Гуфт Валӣ Заиф.

–Шумо Валӣ Зарифи муҳтарам, вақтҳои охир пеш аз оғози консерт ба ҷои сари моро дасмолу диламонро шод кардан, истинтоқамон мекунед. Ба ин хел рӯҳия мо мардума ба кадом усул шод гардонем? Пеш аз куштор пурсиш гуфтанӣ гап ҳаст.

Сабил, харуки дутора кӯдакҳо куҷое афтонда гум карданд, наёфтамаш. Маҷбур шудам корд тез карда харуки нав тарошам. Хуб ки дар хона дидам. Ин ҷо мешуд чӣ кор мекадам? Бе харук дутор овоз намебарорад, домулло.

–Ҳо, баҳонаи ёфтаи Рустам дуруст,– ба ҷанҷол хотима бахшиданӣ шуда гуфт Одина Ҳошим ва ҳарсе мард ба паси пардаи толори Қаср гузаштанд...

**Гулчеҳа фалак занад, фалак маст шавад,**
**Ҳатто ба қадди ду найза он паст шавад!**

Шунида шуд овози ширадори ровӣ Худойназари Тилав ва аҳли толор аз ҷо бархоста бо кафкӯбии бардавом ҳофизаи дӯстдоштаи мардумиро истиқбол гирифтанд.

Соли апаи Гулчеҳра ба ҷое расида, дар пиччаҳояшон сафедӣ намудор бошад ҳам, бо докаи гулбасту куртаи чакан дар миёнаҷои саҳнаи ороёфтаи Қаср зебою дилрабо менамуданд. Нурҳои рушноӣ равонакунандаи асбобҳои дар рӯ ба рӯи саҳна махсус васлгадида ҳусни занро боз ҳам зеботар мегардониданд.

Апаи Гулчеҳра бе асбоби мусиқию дутору доира ба сароидани рубоии халқӣ дар оҳанги фалаки даштӣ консертро оғоз бахшиданд ва овози хушсадои ҳофиза дар толори Қаср танинандоз гардид:

**Чархи фалако, маро ба чарх овардӣ,**
**Кӯлоб будум, маро ба Балх овардӣ.**
**Кӯлоб будум, оби ширин мехӯрдум.**
**Баргашта маро, ба оби талх овардӣ.**

Чӣ шӯру оташи ҷонсӯз, чӣ ҷозибаи меҳри Ватан дорад ин рубоӣ, ки дар лаҳни овози ба дилҳо наздики модари тоҷик ба гӯш мерасаду ҷонҳоро ба хурӯш меоварад?

Магар сухане аз ин болотару гуворотар ҳаст, ки аз меҳри Ватану ватандорӣ, сӯзу фироқи ҷудоӣ аз он, дар сар то сари чор мисраъ ҷо дода шудаву мазмуну мундариҷаи онро ин лаҳза Гулчеҳраи хушсадо ба сомеъон мерасонид?

Садои дилошуби овози ҳофиза рӯҳу ҷонҳоро навозиш бахшида, ҳушу ёди шунавандаро аз ширинтарин, болаззаттарин манбаи ҳаёт, оби ширини Кӯлоб то ба мулки дури дур, ба азияту мушкилоти зиндагӣ, ба оби талхи Балх мебарад. Чархи фалак қудрате дорад, ки ҳамин тариқ рӯзгори ширинро бо гардидани чархи хеш ба зиндагии талху сангин мубаддал созад, чуноне ки сухани гузаштагони мо дар симои гуяндаи рубоӣ ба воситаи овози беҳамтои Гулчеҳраи нозанин ин лаҳза ба гӯши сомеъон мерасид. Лаззати сурудро мисли лаззати оби ширин аз ширинии овози форами апаи Гулчеҳра ҳама дар дилу ҷон, шарёни рагу пайванд, хуни хеш эҳсос кардаву ба шаҳомати сароянддагии санъаткор таҳсину офаринҳо мехонданд.

Ҳофиза оҳанги рубоиҳояшро ба нағмаи халқии рақсӣ гардонида мехонд. Ин ҷо фарзандонаш бо скрипка ва най ба ӯ ҳамроҳӣ мекунанд.

**Духта гули гулинай,**
**Раҳгаштанош ширинай…**

Ва раққосаҳои хушхиром Зӯҳро Назарова, Хайрӣ ва Арафамоҳ дар миёнаи саҳна бо хушхиромидану дасту по кӯбидан маҳорат нишон медоданд.

Бинандаи дақиқназар медиду эҳсос мекард, ки ин гулдухтарон бо тамоми вуҷуду ҳастии хеш саҳнаороянд. Бо нигоҳи чашму ҷунбонидани абрӯ, ба миҷазаданҳои нозанин, бо ҷунбиши дасту остин, бо ларзонидани қадду қомату дасту панҷаву бозу дил мебаранд аз тамошобин ва ҳар як бинандаро ошиқи шайдои рақсу бозии худ мегардонанд.

**Зи дурӣ то ба кай моро чунин маҳҷур медорӣ,**
**В–агар наздик меоям, ту худро дур медорӣ.**

Ин буд байти аввали ғазали Ҳилолӣ, ки Гулчеҳраи Содиқ дар хониши навбатӣ манзури тамошобинон гардонид. Ва садои санъатвари номӣ мебурд ақлу ҳушу ёди шунавандаро ба ишқу ошиқии беолоиши инсонӣ, ки дар зиндагии хеш ҳар як инсон ин ишқро мепарварад,
асоси мустаҳкамии оила мешуморад ва ҳамин ишқ аст, ки ҷавонон ба ҳамдигар меҳру муҳаббати содиқона мебанданд. Ҳамин ишқ аст, ки фарзандони солеҳ ба дунё меоянд. Шаҷараи авлодии инсоният аз насл ба насл давом мекунад. Ва шунидани ғазали шоир хаёлоти шунавандаро хоҳу нохоҳ ба асри зулмот, ба бозори Ҳирот мебарад, ба андеша водор месозад, ки аз ихтилофи дину мазҳабӣ Ҳилолии шоири нобиғаю беҳамторо ба қатл
ҳукм мекунанд ва бубинед чӣ ҳукми қатле. Ӯро дар бозори Ҳирот мадум бо сангсор ба марг мерасонанд.

Чӣ даҳшати ногуфтание, ки доғи қатли шоир панҷсад сол инҷониб то ҳанӯз, балки фардо низ миллату халқияти тоҷику дарию форсизабони оламро дар назди ҷаҳониён осию сарпаст мегардонад. Яъне бубинед, ки чӣ инсонҳо дар ин сарзамин арзи вуҷуд доранд ва ба чӣ ваҳшоният қодиранд.

Гулчеҳраи Содиқ навбатро ба Одинаи Ҳошим медиҳад ва саҳнаро ба нобиғаи санъат вомегузорад.

Акаи Одина, ҳофизе, ки дар қитъаи Осиёю Аврупо беҳамтост, ҳамроҳи фарзандону мутрибони дигар оғоз мебахшанд ба базми ин соату месароянд.

**Намемирам, агар сад сол нодон н–оварад ёдам,**
**Вале мирам, агар як дам кунад доно фаромӯшам.**

Месарояд оғои Одина ин шоҳбайтро зери рези тору оҳанги мусиқӣ ва тобиши оҳангро дигар карда ба хондани ғазале аз Сайидои бузург оғоз мебахшад:

**Нигаҳи масту ту хуни дили аҳбоб хӯрад,**
**Теғи бедоди ту аз дасти аҷал об хӯрад.**

Сароянда бо лаҳни ширину гуворо ва оҳанги маҳзунона ҳар калимаву ибора ва мисраро ончунон тозаву озодона адо мекунад, ки шунаванда аз паи дарки маънӣ шуда, ҷои нишасту мавқеи худро фаромӯш мекунад. Ҳаводорони ҳофиз гӯё худ низ сароянда мешаванд ва зери лаб мехонанд.

**Аз ҷаҳон гум шуда меҳри падару фазандӣ,**
**В–ар чӣ боис, ки Рустам сари Суҳроб хӯрад?**

Дареғу ҳасрату ҳайфо, ки на ҳамаи мо дарки маънии ин мисраҳоро дорем, ки оғои Одина бо чӣ маҳорати сарояндагӣ ва санъати олии овоз ба мо мерасонад. Мазмуни ин гуфтаҳо баъди чорсад соли таълифи ғазал имрӯз ва асрҳои оянда низ аз манфиат холӣ нестанд, зеро бародаркушию ба сари фазанд теғ кашиданро касони ноасл дар ҳеҷ давру замон аз даст доданӣ нестанд…

Ва чун ғазал поён меёбад, оҳанги мусиқӣ дигар мешаваду ҳофиз мехонад:

**Хиҷил аст сарви бӯстон, бари қомати баландаш,**
**Ҳама сайди ақл гирад, сари зулфи чун камандаш.**

Тахти сурудхонии шухи Одинаи Ҳошим раққосаҳо ба майдон мебароянд. Дар толор нишастагон ба ваҷд меоянд ва дар ҷо–ҷои роҳравҳо ҷавондухтарон ва ҷавонписарони зиёде дар ҷои худ рост истода ба раққосаҳо ҳамроҳӣ мекунанд. Дар толор нишастагон аз шавқи зиёд бо кафкӯбии худ ба оҳангнавозон ҳамроҳ мешаванд. Толори Қасри муҳташам аз садои овози фораму то ба фалак расидаи Одинаи Ҳошим, аз ваҷоҳати раққосаҳову чапакзании мардум ба ларза меояд.

Хушбахтию хурсандӣ давом мекунад. Ва ҳофизи нозукадо аз ин рӯҳу илҳоми тоза гирифта месарояд:

**Ашк як лаҳза ба миҷгон бор аст,**
**Фурсати умр ҳамин миқдор аст.**

Ғазали Бедил дар оҳангу иҷрои Одинаи Ҳошим чӣ қадар хушу гуворост, ки шунавандаро ба андешаю таҳаммул водор месозад. Ҳамин аст, ки ҳазорон нафар мардуми дар толор ҳузурдошта ҳама дар як лаҳза хапу хомӯш, тинҷу ором гардида, гӯё паша пар занад шунида мешавад ва мусиқинавозон вақти ба охир расидани шеър оҳанги навозишро ба дигар суруд мебахшанд. Оғои Одинаи Ҳошим гӯӣ дарёи беканори назмро саросар гузашта, аз он дурдонаҳои шеърро ҷудо кардаву ҳамроҳи Анвари Бароту Рустами Абдураҳим, Абдусаломи Раҳиму Фаттоҳ Одина оҳанги мувофиқ офарида, бо овози аз чаҳ–чаҳи булбул дида
ширинтар месарояд, дили ҳазорон ҳазор шунавандаро мафтуну шайдои лафзи дарии тоҷикӣ мегардонад.

**Хуштар аз айёми ишқ айём нест,**
**Бомдоди ошиқонро шом нест…**

Бо шунидани ин ғазали Саъдӣ дар иҷрои Одинаи Ҳошим толор аз сари нав ба ҷунбиш медарояду қарсакзании пиру барно ба оҳанг қӯш мегардад. Раққосаҳои нозукхиром ба миёнаи саҳна ба ҷавлон медароянд. Ҷавонони дар толор ҳузурдошта низ ба рақс мебароянд.

Одина Ҳошим оҳанги сурудро ба дигаре иваз месозад.

**Рафтам ба боғ сарви хиромони ман набуд,**
**Олам шукуфта ғунчаи хандони ман набуд…**

Баъди адои ин ғазали Мавлоно Ҷомӣ оғои Одина боз ғазали дигар месарояд. Ҳарчанд хаста шуда бошад ҳам, тамошобинон ӯро аз саҳна рафтан намемонанд. Дар бадали ҳар суруд ба оғо таҳсину офаринҳо, гулдастаҳо тақдим мекунанд ва саҳнаи гулрезгашта саҳни чамани наврӯзиро ба хотир меорад...

–Навбати ҳунарнамоӣ аз Рустами Абдураҳим аст! – эълон медорад ровӣ ва садои қарсак гӯё боми толорро боло мебардорад.

Рустам чун ҳарвақта табассум дар лаб, дутори бо нигинаҳои зебои ҷиллодор зебу орододаи пупакдор ба рӯи саҳна меояд ва даст болои сина гузошта, одоби салом ба ҷо меорад. Дуторро барои ӯ Усто Ғуломи ховалингӣ аз чуби зардолуи махсус сохтааст. Ӯ бо чеҳраи шукуфон як ба дутор ва сипас ба толор назар меафканад.

Мард он қадар хушлибос, тозаю озодапӯш аст, ки гуфтан надорад. Инро ҳама санъаткорон, балки мардуми шаҳр нағз медонанд.

Ин лаҳза ӯ яктаки саҳназеби гулдӯзӣ ба бар кардааст, ки симои мутриброи дилкашу ҷозибу диданӣ оро додааст.

–Баъди ҳунарнамоии Одинаи Ҳошим дили тамошобинро ба даст овардан кори осон нест,– аз дил гузаронид Рустам ва рӯи курсӣ нишаста, торҳои дуторо бо панҷааш оҳиста ба ларза медарорад, то бидонад, ки ҷӯри торҳо халал наёфта бошанд.

Бо навозиши оҳанги «Сӯзи дил» оғоз мебахшад, Рустам ва панҷаҳои гирои ӯончунон рӯи торҳоро навозишкорона ба ҳаракат медароранд, ки бинанда дар ҳайрат мемонад. Шунидани суруди марғуб шунавандаро ба ваҷд меоварад, вале навозиши дутору оҳанги хуш аз навозанда маҳорати беҳамтои устокоронаи то ба қаъри дили шунаванда расонидани ҳар як рукни оҳангро тақозо дорад.

Ва Рустам чӣ дар офариниши оҳанг ва чӣ дар иҷрои он таҷрибаи ғанӣ дорад, ончунон устокорона мақомро навозиш медиҳад, ки хаёлоти шунавандаро батамом мутеъи худ мегардонад. Торҳои то ҳанӯз накшудаи асабу дили шунаванда аз ин навозиш ҳаловат мебаранд.

Кас маҳорати дуторнавозии Рустами Абдураҳимро дида худ ба худ ихтиёран суол медиҳад, ки Парвардигор аз чӣ ба ин бандаи дӯстдораш ин қадар маҳорату табъро раво донистааст, ки бо панҷазании ду тори ногӯё чӯби хушки дами теша хӯрдаи зардолу оҳанги дилнавоз баровардаву гӯё мешавад, оҳанги дилошӯб аз навозиши мутриби чирадаст ба дилҳо роҳ мeёбад ва касро аз ин навозиш хаёлоти гуворо саросар фаро мегирад. Дилҳоро ба зиндагии хушбахтона раҳнамун месозад, дили сахту сангинро

нарму мулоим гардонида, орзую ҳаваси инсонҳоро ба некию накукорӣ, ба меҳру муҳаббат нисбат ба фарзанд, ёру бародар, инсонҳои дигар гарм мекунад.

Дар олам мусиқанавозону машшоқон, оҳангсозон, санъатварон зиёданд, вале кам аст навозандаю оҳангсозе, ки чун Рустами Абдураҳим дуторро ба ин нозукадоӣ навозиш дода тавонад, дили шунавандаро тасхиру мутеъи хеш гардонад.

Шояд чунин истеъдоди худододро Борбади Марвазӣ, Карими шиши кангуртӣ, Акашарифи Ҷура, Зафари Нозим, Аҳмад Зоҳир, Одина Ҳошим ва чанде дигарон мисли Рустами Абдураҳим соҳиб бошанд, ки дар байни мамолики Шарқ маҳбубанд. Бар ивази қобилияту табъи худодод ба санъаткор, боз меҳнати шабонарӯзии пайваста низ лозим аст, то тавонад аз худ номи нек ба ёдгор бимонад.

Оҳанги «Сӯзи дил» поён ёфту Рустами Абдураҳим қомат рост карда, ба навозиши оҳанги дилнавози «Ҷилваи кокул» гузашт. Доирадастон ӯро ҳамроҳӣ каданд. Рез–резии оҳанг дар ҳақиқат ҷилваи духтарони хушкокулу нозукхиромро ба хотир меовард, ки дар назди ошиқ зебо будани худро намоиш додан хоста, бо ҳар як ҳаракати худ, дили ӯро аз сандуқи синна рабудан мехоҳад.

Ракққосаҳои нозукадою бемисл, Мунаввара Аминова, Садбарг Қосимова, Зӯҳрою Хайрӣ бо чилкокулони майдабофии то хамгашти зону, куртаҳои чакани кӯлобӣ, докаҳои гулбасти пур аз нақш вориди саҳна гардиданд.

Дастафшонию покубӣ, ҷилваи рӯю мӯю чашму абрӯ, ғамзабанози духтарон, бо оҳанги марғуби дутор дар толор нишастагонро ба по хезонд. Чанд нафар ҷавондухтарон рақскунон аз роҳрави толор ба рӯи саҳна баромада ба раққосаҳо ҳамроҳ гардиданд.

Садои офарингӯӣ ва ҳамду сано хондани тамошобинон ва бо чапакзанӣ ба мақоми оҳанг ҳамроҳшавии аҳли толор ҳангомаи дидание буд, ки аз ин пеш касе дар ягон тӯю маърака ва ҷамъомад чунинашро надида буд. Аксари тамошобинон дар дил шукронаи илоҳиро ба ҷо меоварданд, ки Парвардигор онҳоро то ба имрӯзи хушбахтӣ соқу саломат, зиндаву солим расонида, ки чунин замзамаи санъат насибаву рӯзиашон гардидааст.

Пешорӯи саҳна болои гулу гулдастаҳои пеш аз ин тақдимгардидаро дастагулҳои тару тозаи нав аз тарафи тамошобинон ба Рустами Абдураҳим туҳфакарда зебу оро доданд. Рустам аз хурсандӣ, ханда ба лаб дуторро бо скрипка иваз намуда, баъди садои хомӯш гаштани кафкӯбиҳои бардавом ба навохтани оҳанги «Хайрбод» оғоз бахшид.

Мутриб ва оҳангсози асил медонист, ки «Хайрбод» оҳангест, шояд аз замони Борбади Марвазӣ то ба Карими шиш ва аз он кас то ба худи ӯ омада расида ва халқ ҳамин тарз қудрати нигоҳ доштани беҳтарин ганҷро дорост, ки мисли лафзи аз ҷон ҳам ширини хеш, забони модарӣ, суруду оҳанги марғубро аз насл ба насл ба ёдгор мегузорад ва ҳамеша чун ҷон азизу муътабар медонад. Ҳамин муқаддасот аст, ки то ба мо китоби Авастову Шоҳномаи Фирдавсӣ, фалаку шашмақом ва дигар ганҷинаҳои маънавӣ омада расидаанд.

«Хайрбод» низ аз зумраи чунин шоҳкориҳои беназири санъатварон аст ва ин лаҳза Рустами Абдураҳим бо тамоми ҳастию маҳорати тавоноии дар соҳаи санъат доштаи худ оҳангро менавохту аҳли толор гӯш мекард. Дар ин лаҳза кас гумон мекард, ки ба ҷуз навозанда ва садои ғамангези скрипка дар толори Қаср касе ҳузур надорад.

Хаёлоти Рустам ин соат лаҳзае ба навозиши Карими шиш ва ба ёрии ин оҳанг аз марг наҷот ёфтани хунёгар аз дасти босмачиҳо дар шоми тираву тори хами Ҳалқаҷари Кангурт дода шуду дилаш андак ба сӯзиш даромад. Вале ӯ дарҳол худро ба даст гирифта навозишро давом дод.

Оҳанги охирине, ки Рустам базми имшабаро анҷом бахшид, «Шодии ёр» буд, ки мисли «Ҷилваи кокул» мақоми шодию сурури рақсӣ аст ва маълум, ки вақти навозиш боз дар саҳна ва толор ҳангомаи рақсу бозӣ, чапакзании бо мусиқӣ якмаром сар шуд.

Хурсандии мардумро ҳадду канор набуд ва ин хурсандию хушбахтиро ба онҳо навозандаи моҳиру беҳамто Рустами Абдураҳим аз мардум дареғ намедонист…

***

**-11-**

Бегоҳие баъди намози шом, вақте ки торикӣ ҳама ҷоро фаро гирифта буд, ҳамкасб ва дӯсти Рустам Қурбон Зардак ҳамроҳи мӯйсафеди қоматбаланд, ки дар сар тоқии чоргул ва риши кулула дошт, ба хонааш омаданд.

Чароғҳо хомӯш, ки буданд дар торикӣ Рустам танҳо аз овозаш Қурбон Зардак будани мадро шинохт, вале кӣ будани ҳамроҳашро надонист.

–Биёед, ака, марҳамат, - гуфт Рустами шамъ ба даст, хиҷолатмандона ва меҳмонҳо хапу хомӯш вориди меҳмонхона шуданд.

–То кай дар ин торикӣ зиндагӣ мекарда бошем,– бо таассуф гуфт Қурбон Зардак, баъди нишастану дуову фотеҳа.

–То рӯзи қиёмат, – ҳозирҷавобӣ карда гуфт Рустам ва дарди дил кард:

–Аз даъвои намояндаҳову исломиҳои навбаромад Маҳкамуфи президент ба истеъфо рафту Набиев ба ҷои ӯ интихоб шуд. Ин бечораро ҳам рӯз доданӣ нестанд. Рӯзу моҳу сол даъво рӯи даъво. Рӯзи сиёҳа бубин ака. Дар ҳафтод соли Давлати Шӯравӣ чунин рӯзи сиёҳ ба сарамон наомада буд.

-- Рустам додар, мо ҳам ба ҳамӣ мақсад наздат омадем,– аз гапҳои соҳибхона рӯҳ гирифта гуфт Қурбон Зардак ва суханашро давом дод.

–Шамъа ба миёнаи хона мону мара гӯш кун.

И мардака мешиносӣ?

–Ростӣ, и акама бисё дидаму насиби шиносоимон ҳамин шаб будааст,– гуфт Рустам.

–Номи Гул Шерро шунидаӣ?

–Бисёр шунидаам,– ҷавоб дод Рустам.

–Шунида бошӣ, ҳамон марди ҳақиқатҷӯ, ғаюру нотарс ҳамин мӯйсафед аст. Тамоми умр барои ҳақиқату ростқавлӣ мубориза бурдааст. Омадем, ки ҳамроҳ созмоне барпо кунем. Замони озодфикрӣ, ҳақиқатгӯӣ фаро расид. Пеш вақт роҳбари аз худ болоро гап зада, камбудиашро рӯйрост, баён кардан имкон набуд. Худат медонӣ, ки одами андак озодфикрро ба маҳкама мекашиданд.

–Акаи Қурбон меҳмонӣ омада бошед, биёед аз сиёсат гап назанем,–аз суханҳои Қурбон Зардак рамуз гирифта, гуфт Рустам ва афзуд:

–Мову шумо ҳама умр аз шеъру мусиқӣ, адабиёту маърифат гап мезадем.

–Рост додару лекин ба шеъру мусиқӣ шикам сер намешавад. Аввал нону баъд имон гуфтаанд. Ҳоли мардум рӯз аз рӯз бад шуда истодаасту ягон рӯз ба чоҳи бетаг фурӯ меравем. Ба мардум ману шумо барин шахсони ҷаҳондида, босавод, пешрав нашавем, кӣ ба халқи кундсавод роҳ нишон медиҳад?

Давлат ба нури чароғ халқа таъмин карда наметавонаду баъд зиндагӣ беҳ мешавад? Мардум на ҷои кор дораду на рӯзгор. Корхонаву муассисаҳо ҳама баставу валангор. Марди зӯр нозӯрро хомохом мехӯраду касе пишакаша пишт гуфта наметавнад. Худоро шукр, дар байни мардум обурӯву эътибор дорем. Мову шуморо дар сар то сари мулк ҳама иззату эҳтиром мекунанд. Хаёлам соати раҳнамои мардум буданамон ҳамин вақт аст.

Зардаков дид, ки Рустам ӯро бодиққат гӯш карда истодааст, гапашро давом дод:

–Шумо беҳтарин сухандону ровӣ, дар дутору ғижжакнавозию оҳангсозӣ ба шумо дар ин тобеот касе баробар шуда наметавонад, илова ба ин бо забонҳои русию англисӣ мисли булбул сухан мегӯед. Ҳамин хислатҳои некатонро ба назар гирифта, бо ҳамфикрон маслиҳат карда пешатон омадем, ки ёвару раҳнамои мову мардум бошед.

Баъди анҷоми сухани Қурбон Зардак Рустам хеле вақт гапе нагуфт. Андеша кард, ки меҳмонҳо маро ба гирдоби сиёсат кашиданианд. Аввало хост гапи сахту танбеҳ гӯяд ва ба даъво хотима бахшад, вале дар хонаи худ ба меҳмон гапи зиштро раво надиду гуфт:

–Акаи Қурбон медонед, ки ман дар умри кутоҳам ягон вақт ба сиёсат ҳамроҳ нашудаам. Оқубати сиёсатбозӣ ва зидди ҷараён ҳаракат кардан, шикасту шармандагиҳо дорад. Хоҳ малол шавед ва хоҳ не, ман ба фикратон розӣ нестам. Ба сиёсат ҳамроҳ намешавам.

Баъди ин Рустам ҳис кард, ки кадом як бори вазнинеро аз китф ба замин гузошт ва оҳи сабук кашид.

–Паноҳат ба Худо додар! –ба қаҳр гуфт Қурбони Зардак ва аз ҷо хесту гапашро давом дод:

–Наздат ба умед омада будам Рустаму ноумедам кардӣ. Вақт зиёд аст. Фикр кун, ки мову ту мисли гӯшту нохунем. Моро аз ҳам ҷудо карда намешавад.

Дар ин миён мӯйсафеди Гул Шер ҳарфе нагуфт ва меҳмонҳо лаби дастурхон накушодаву пиёлаи чой нанӯшида, хонаи Рустамро тарк гуфтанд…

Баъди рафтани меҳмонҳои нохонда ҳиссае аз шаб гузашта бошад ҳам, ба дидагони Рустам хоб намеомад, ки намеомад. Аз ин хона ба хонаи кӯдакон, аз он ҷо ба хонаи паҳлу гузашта
дуторро ба даст гирифт, то бо навозише андешаҳои хилофро аз худ дур созад, вале асабҳояшро ором карда натавонист. Аз асабонӣ дасту панҷаҳои гирояш ногиро гашта буданду ӯ дуторро мисли фарзанд аввал ба бағал, баъд ба оғуш гирифту рӯи курпача каҷпаҳлу зада ба фикр дода шуд.

Ба акаи Қурбон чӣ бало зада бошад, ки ин қадар ба сиёсатбозӣ дил бастааст, аз хаёл гузаронд Рустам, вале ҷавоби аниқ ёфта натавонист ва боз андешид:

Ману ту хушбахти оламем, ки Худо ба мо ҳунари сарояндагӣ, навозандагӣ, оҳангофарӣ додааст. Аз рӯи ин ҳунар рӯзу шаб дар маъракаҳо бологузарем. Шукри Худо рӯзгорамон шоҳона аст.

Кӣ медонад, шояд акаи Қурбонро, ки маро ба сиёсат ҳамроҳ кардан мехоҳад, шахсони дигар васвасаю маҷбур кардаанд, то ба ин роҳ равад.

Бароям як лаҳзаи бо дутору скрипка оҳанги дилхоҳ навохтан аз ҳама ганҷи олам болост. Чӣ камбудӣ дорам, ки сари бе дардамро дар офату бало бизанам?!

Ҳамин буд хулосаи Рустам ва ӯ дар андеша хато накарда буд.

Ҳафтаву моҳҳои минбаъда ба назди ӯ оммию мулло, шахсони босаводу бемаърифат, сарвари корхонаву ноҳия, тоҷику русу афғону ӯзбеку эронӣ онқадар бешу беш омаду рафт карданд, ки баъзани онҳоро ёд надорад. Мақсади ҳамаи онҳо асосан ҳамин буд, ки ӯро ба гирдоби сиёсат кашанд. Ба ҳар роҳу восита, чӣ тадбирҳое наҷӯстанд, ки Рустами Абдураҳими санъаткор сиёсатмадор шавад.

Ҳамаи касони ин роҳро пеш гирифта охир ба мақсади нопокашон расиданд.

Мард рафта–рафта рӯзу шаб, моҳу сол ба ҷои оҳанги марғуби мусиқӣ офаридан, аз сиёсати давру замон сухан мегуфт. Дар сари дастурхону мактаб, идораву бозор ақидаи сиёсатмадоронро муҳокима мекард, дар ҷамъомадҳои ташкилкардаи гурӯҳҳо ӯро ҳатман ба суханронӣ ва танқиди сохти давлатдорӣ даъват мекарданд.

Рустам, ки нутқи бурро, овози форам, ақли солим, ҷаҳонбинии васеъро доро буду дар қатори забони модарии худ, забонҳои русию англисиро хуб медонист, аз аксар воизон дида бехатою бурро, бе ягон мамонияту лакнат нутқ баён менамуд, чун сиёсатмадор дар байни мардум ном баровард.

Ӯро сарвари ҷамъияти бо ном «Ошкоро» интихоб карданд ва кори ин ҷамъият ташкил кардани ҷамъомадҳо дар ташкилоту муассиса ё миёнаҷои шаҳр буду танқиди сохти давлатдорӣ. Худи ташкилкунандагони ҷамъият ва шахсони дар байни омма баромад мекардагӣ намедонистанду намефаҳмиданд, ки сарваронашон аз худи боло, зархаридони мамлакатҳои берунаанд, ки мақсад доранд бо ҳар роҳу восита тоҷикону Тоҷикистонро пора–пора карда ба нестшавӣ биёранд.

Расид он лаҳзаву соату рӯз, ки дар пойтахт ҳазори дар ҳазор мардум дар майдонҳои «Шаҳидон»–у «Озодӣ» ҷамъ оянд. Дар ин майдонҳо бародарони ҳамхун ба муқобили ҳамдигар, чун душман сангар гирифтанд.

Рустам акнун Рустами пешина набуд. Ӯ ҳафтаву моҳҳо дуторнавозӣ намекард, балки ғижжаку скрипкаву дутор ба гӯшаи хотираш намеомаданд. Ҳатто ба хонаи обод, зану фарзандони нозанинаш чандон аҳамият намедодагӣ шуда буд.

Ҳамроҳи ҳамон дӯсташ Қурбон Зардаку мӯйсафеди Гул Шер ва садҳо дигар манфиатҷӯён дар ҷамъомадҳо, радиою телевизион баромадҳои бодабдаба анҷом медод.
Дар миёни хориҷиёни ба ин сарзамин омада вазифаи тарҷумониро адо мекард, зеро мисли Рустами Абдураҳим дар ин мулк ровию забондони соҳибтаҷрибаи дигаре вуҷуд надошт.

Бурданд ӯро ба майдони «Озодӣ»–и пойтахт то мадумро ба сулҳу ваҳдат, ҳамдигарфаҳмӣ даъват кунад ва ӯ дар он ҷо инчунин вазифаи тарҷумониро ба ҷо меовад. Ӯ рӯзеро ёд надорад, ки аз Англияю Покистон, Эрону Россия хабарнигорону ҳайати вакилон ва боз ким киҳои дигар аз барои дидану шарҳи ҳоли мардуми

раҳгумзада, ба майдонҳои таъсисдода наоянд ва бо Рустам аксари онҳо вохӯрдаю мулоқот анҷом медоданд. Илова ба ин, ба воситаи баландгӯякҳои пуриқтидор ба мадруми ҷамъомада вазъ мегуфт.

Ҷанги бародаркӯш саросари Тоҷикистонро фаро гирифта буду роҳбари Фронти халқӣ Сангак Сафаров Рустамро ба наздаш, ба шаҳри Қурғонтеппа даъват кард.

Вақтҳое ҳам буданд, ки ӯ дигар ба ягон ҷо рафтан намехост, вале овозаи шӯҳрати тарҷумонию ровии бомаҳорат буданаш аз ходимии санъат дида ӯро дар ин давра баобурӯю

боэътибор гардонида буду мансабхоҳон ин маҳорати Рустамро ба манфиати худ истифода бурдан мехостанд. Ӯ маҷбур буд, ки хоҳу нохоҳ даъвати ҳар кадоми онҳоро бо ҷону дил қабул кунад, зеро хориҷиён ҳазор– ҳазор яроқу аслиҳаро ба дасти мардум тақсим карда дода буданд, то ин ки тоҷик тоҷики бародари худро бо дасти худ несту нобуд созад.

Дар марказу шаҳру ноҳияҳо қариб, ки ҳар рӯзу соат олиму донишманд, санъаткору варзишгар, хешу бегона, бештар касони андак табъу тамиз, номи баланд, маҳорат доштаро

ба қатл мерасониданд. Яроқбадастони хуношом, ба шикорчиёне монанд буданд, ки оҳӯи аз ҳама зебою бардаму бақувватро аз миёни гала ҷудо карда ба нишон мегирифтанд.

Ӯ чанд муддат тарҷумонӣ ва хизмати Сангак Сафаровро адо кард ва санъати ровигию нутқи таъсирбахш доштан, далерию шуҷоатмандиашро истифода бурдан хоста сиёсатмадори шинохта, Сафаралӣ Кенҷаев ба ҳар роҳу восита Рустамро ба Ҳисору Регар бурд.

Мард бо ҳама донишу ҳунар ва таҷрибаи зиндагӣ бозичаи дасти сиёсатмадорони мансабхоҳ гардида буду ӯро ба манфиати хеш истифода мебурданд.

Рустам ҳамаи инро медонист, вале аз ин гирдоб берун шуда наметавонист. Таскини дилаш он буд, ки дар ҳама вазъият ба манфиати халқ сухан мегӯяд ва тарафдори давлату ҳокимияти конститутсионӣ аст.

Аз ҳар як баромадаш дар ҷамъомаду барномаҳои радиою телевизиону матбуот мақсаду мароми ӯро мардуми Тоҷикистон мешуниданду медонистанд.
Ягона орзую умедаш анҷом ёфтани ҷанги бемаънӣ, сулҳу ваҳдату оромӣ, зиндагии осоиштаи халқ буд...

Гурӯҳи исломӣ дар қатори нуқтаҳои асосии идоракунии давлат, барои амалӣ кардани мақсадҳои худ дастгоҳҳои асосии тарғиботи сиёсӣ, Кумитаи радио ва телевизионро ҳукмрон гашта буданд. Кор ба ҷое расид, ки ҳар рӯзу бегоҳ «Ахбор»–и телевизиони давлати исломии Эрон ба воситаи шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон пешкаши аҳолӣ гардонида мешуд, ки аксар мадум онро қобили қабул надоштанд.

Раиси Шӯрои Олӣ, Сафаралӣ Кенҷаев, яроқу лавозимоти ҷангиро аз кӣ харид кард, инро танҳо худи ӯ медонисту Худое, ки ӯро ҳаст карда буд.

Дар Ҳисор, вақте Сафаралӣ Кенҷаев аз мақсади ҳуҷуми яроқнок ба хонаи радио бо Рустами Абдураҳим маслиҳат анҷом доду гуфт, ки имшаб ҳамроҳ ба он ҷо меравем, Рустам ба тариқи ҳазлу шӯхӣ ба ӯ гуфт:

–Хара чию шавчарӣ чӣ?! Биёед, Сафаралӣ маро ба ин куштор набаред. Ман дар умрам камону яроқ ба даст нагирифтаам ва нахоҳам гирифт. Ба тарафи бародару фарзанд тирпарронӣ ҷаллодӣ аст, Сафаралӣ!

– Корро ҷавонмардон ба ҷо меоранду баъди ба даст овардани радиову телевизион шумо баромад мекунед! – сахт истода гуфт Сафаралӣ Кенҷаев ва илова кард;

– Шуморо ҳама мардум чун сулҳҷӯю сиёсатмадор медонад. Бе шумо намешавад, Рустам!

– Ман аз баромад ҳам безор шудаам ва аз сиёсат ҳам. Ба ман курсию мансаб даркор нест. Ман ба шеъру оҳангу мусиқӣ сару кор дорам, бо санъатам дар байни мардум соҳиби обурӯ ва эҳтиромам. Биё, бародар, маро ба ҳоли худ гузор,- гуфт Рустам ва афзуд;

– Пагоҳ ба назди саркардаҳои мухолифин, ҳамин зайл, бе яроқу аслиҳа рафта гуфтушунид мекунам. Мегӯям, ки бас аст хунрезию бародаркушӣ. Ҳамаи мо тоҷики мусулмонему фарзандони як падару модар. Биёед яроқҳоро ба замин монему аз пайи ободии ватан шавем.

– Рустам, ҳамроҳи мо меравию ҳамин гапҳоро аз минбари баланд, ба воситаи радиою телевизион, ба халқ мегӯӣ!

– Кенҷаев, сахтам нагиру ба рафтан маҷбурам накун! - гуфт Рустам, ва илова кард;

– Радиою телевизион дар дасти мухолифин аст. Онҳо ҷон медиҳанду радиою телевизионро аз даст додан намехоҳанд. Боз хунрезию куштор, боз бародаркушӣ мекунед?! Биёед шумо ҳам яроқҳоро ба замин монед, онҳо низ. Об ба лаби ҷӯ баробар мешавад.

–Ҷойи номусу нанг омадаст, Рустам! - сахт омада гуфт Кенҷаев ва боз ба алам гуфт;

–Шумо як вақт гуфтушунид мекунем гуфта, ба дасташон афтода будед, чӣ рӯзро дар саратон гардон карданд?! Ин дафъа ба дасташон афтед зинда намемонед, Рустам!

Ман сарама ба ҳазор дар зада панҷсад автомат дастрас кардам. Ҳамроҳи мо хоҳӣ ҳам меравӣ, нахоҳӣ ҳам меравӣ!

– Ман бозичаи дасти касе шудан намехоҳам! - Ба қаҳр гуфт Рустам, ва афзуд;

– Намеравам, гуфтам, намеравам! Аз дастатон ҳар коре ояд дар ҳақам кардан гиред!

– Бе шумо, ҷӯра намешавад! – андак оромона фаҳмонд ба Рустам Сафаралӣ Кенҷаев.

Рустам ин соат миёни яроқбадастони сар то по мусаллаҳ қарор дошт ва аз маслиҳати Кенҷаев саркашӣ ба ҳукми марг баробар буд...

Дар яке аз шабҳои тираву тори тирамоҳ дастаи Кенҷаев хонаи радио ва телевизионро ба муҳосира гирифт.

Садои тирпаронӣ ва ҷанги кӯчагӣ то субҳ давом кард ва чун диданд, ки гурӯҳҳои исломиҳои навбароад ғолибанд, ба таҳлука афтоданд.

Дар ин ҷанг чӣ миқдор тоҷик ҷон бохт, касе намедонад. Баъдтар маълум гашт, ки гурӯҳи ҷанговарони ҷон ба саломат монда, бо мақсади ба дасти мухолифон наафтидан роҳбари худ Сафаралӣ Кенҷаевро даруни мошине пинҳон карда, тарафи Ҳисор гурехтанд...

Рустам медонист, ки яроқбадастони Мулло Абдуғаффор гурӯҳи аз ҳама ашади мухолифин аст ва хост бо мулло гуфтушунид анҷом диҳад. Бо ин мақсад саҳаре роҳи бинои Девони Вазиронро пеш гирифт.

Ин дам офтоб аз паси кӯҳҳои сар ба фалак рух намуда, ба олам нурҳои ҷонбахши хешро дареғ намедошт. Кӯчаҳои шаҳр аз одам холӣ, равуои мошинҳо низ ками кам ба назар мерасид.

Ба Мулло Абдуғаффор хабар доданд, ки Рустами Абдураҳим бе яроқу аслиҳа, бе ягон муҳофиз, бо дасту пои худ, тани танҳо дар даҳани дар истода, хоҳиши бо шумо сӯҳбат кардан дорад.

–Биёред ӯро! – фармуд мулло ва ду нафар ҷавонмарди ба сарҳо лентаи сафед бастаи автомат сари гардан аввал киссаву сару тани Рустамро даст–даст палмосида, чун донистанд, ки мард бо худ яроқ ё тезинае надорад, ӯро ба ҳуҷраи дарун, назди мулло даровարданд.

Рустам номи қумандон Мулло Абдуғаффорро шунида, худи ӯро то ҳол надида буд ва ҳангоми вориди ҳуҷра гардидан одоби саломро ба ҷо овард.

Мулло ин дам дар паси мизи ҷиллодори мудаввар қарор дошт ва Рустам қадам зада хост бо мулло вохӯрад, ки ин дам садои тири автоматро шуниду панҷаи пои росташ якбора сахт ба сӯзиш даромад.

Рустам аз вохӯрӣ бо мулло худдорӣ карда, ба ҷои тирхӯрдаи пояш назар намуд ва дид, ки попӯшӣ аллакай пури хун шудааст. Ӯ ҳарфе нагуфта, ба сӯзиши ҷонкоҳи ҷои тир тоқат карда натавонист ва ба замин нишаста, пои тархӯрдаашоро ба бағал гирифт. Панҷаҳои дуторнавозаш ғарқи хун гашта буданд.

–Баред ӯро! – баромад овози Мулло Абдуғаффор ва тобеъонаш дастони Рустамро ба қафо, ба паси пушт тоб дода, бо банд маҳкам баста, аз китфаш дошта, ӯро рӯ–рӯи фарш кашола карда аз хона бароварданд.

Мулло Рустамро бо дасти дигарон куштан хоста, андеша кард;

–Кӣ медонад, чархи таърих пагоҳу фардо сӯи кадом тараф тоб мехӯраду ғалаба насиби кӣ мешавад?

Рустам одами андак нест, барои куштори ӯ ҷавоб додан лозим меояд...

Бурданд ӯро ба даргоҳи муассисаи нақлиётии рақами се, ба ихтёри гурӯҳи яроқбадастони Ҳазрати Ризвон.

-- Султон Маҳмуди говкаш! Рустами Фирдавсиро қапида овардем! – ғолибона овоз дод камонбадасте ва афзуд:

–Бигир, ба тайи пойи фил мепартоӣ, ё ба ҷазои дигаре қатлаш мекунӣ, овардемаш!

Куҷо баремаш?!

–Кира оварден?– хурсандона баромад овози Маҳмуд ном камонбадаст, ки вазифаи ҷонишинии Ризвонро ба уҳда дошт ва ин лаҳза сӯробаш аз хонаи бари роҳрав намудор гашта, дидан баробар Рустамро шинохт.

–Ба Худо, ки Рустами артиси номиву овозадорае! Чӣ хел ира дастгир карден?!– гуфт Маҳмуд.

– Ҷоду кардагӣ ворӣ, (барин) аҷалаш расид, ки ба пову дасти худаш наздамон омад.

–Мард будааст. Ай аҷал наметарсидааст. Кӣ ӯро инҷо фиристод? – пурсид Маҳмуд.

–Мулло Абдуғаффор,- гуфт камонбадаст.

–Ҳами соатҳо Ҳазрати Ризвон меояд. Ба и артис чӣ ҷазора раво бина, худаш медонад.

Баред ӯро, аз роҳрав дур партоед! - фармуд Маҳмуд.

--Ба Худо, худи Рустами Абдураҳимае! – бори дигар назар карда гуфт Маҳмуд ва аз назди онҳо дур шуда вориди хона гардид, то ҳарчи зуд дар ин хусус телефонӣ ба сарварони худ хабар диҳад.

Рустам бо хаёлоти парешон ва ҳоли табоҳ ба Маҳмуд як назар карду пеши рӯяш Абдуллои додараш намудор гашт. Аз дил гузаронид, ки рангу рӯ ва афту андоми Маҳмуд каллаву кандаи Абдуллоро мемонад.

Дар аввали дидан як шӯълаи умед дар дили Рустам пайдо шуду боз хомӯш гашт. Ӯ бори дигар ба симои Маҳмуд чашм дӯхту дид, ки Маҳмуд риши ғӯлии дароз ва мӯи ба сару рӯ давидае дорад.

Рустам яқин кард, ки ин ҷавон Абдуллои додари ӯ нест ва бо хавоси парешон аз хотир гузаронид, ки ҳамаи мо тоҷикон ба ҳам монанд, мисли фарзанди як падару модарем. Ин ҷавонмард яқин дигар кас аст. Додари Абдуллои ӯ имрӯзҳо чӣ рӯзгоре дораду дар Момандиёни Муъминобод, дар ин давраи куштору хунрезию муҳосираи иқтисодӣ аз пайи сариштаи зиндагии нобасомони худу фарзандонашон аст, то аз нарасидани ғизо талаф наёбанду нобуд нашаванд...

Ҷасади Рустамро яроқбадастон рӯ– рӯи хок кашола карда, рӯи хасу хошоки нимсӯхтаву хокистаролуди дуртар аз бари роҳрав буда партофта рафтанд.

Аз панҷаҳои пойи тирхӯрдаи мард ҳамоно хун заҳида, қисман даруни попӯшӣ лаъл баста, қисмани дигари хун аз он берун мебаромад, ки дар андак вақт рӯи хоку хасу хошоку хокистар лолагун гашт.

Ӯ бо дастҳои баста имкони аз пои тирхӯрда бадар кардани попӯширо надошт. Танҳо ҳамин қадар тавонист, ки сарашро аз рӯи хокистартӯда андак боло бардорад ва бо қувваи тану пои сиҳат коре карда рост нишинад.

Ин дам такядораш касе набуд. Танҳо нурҳои зарҳалини офтоб буданд, ки баробари ба замин нишастани ӯ сару рӯяшро мисли модар навозиш карданд.

Ӯ чашм кушоду офтобро дид ва ҳис кард, ки пои захмхӯрдааш бо вуҷуди карахт шудан, сӯзиши тоқатфарсо дорад, вале мард дардро фурӯ бурда, рӯяшро бори дигар сӯи офтоб гардонид. Ба офтоб назар карду сарчашмаи ҳаётро аз нав диду ин заҳза гӯиё бо хуршед хайрухуш мекард, ки зери лаб «хайр», гуфт.

Аз рафтани хуни зиёд сараш чарх зад, дилаш сустӣ овард, вале худро ба даст гирифт…

Дар андак вақт осмонро абрҳои тира печонида, рӯи офтобро панаҳ карданд. Тундбод гарду чангу хокро ба ҳаво омехт. Аввал борони майда, баъд резаборон ба борони сахт табдил ёфт.

Борон ба сару рӯи марди майиб мерехту мерехт ва ӯ имкони худро ба ҷое панаҳ кардан надошт. Хун аз баданаш метаровиду ҷисму ҷонаш месӯхту месӯхт...

Ба атроф назар кард. Гирдогирд дар чашмаш қатори дарахтон намуданд, ки ин лаҳза аз навдаву шохаву баргҳояшон борон қатра–қатра ба замин мерехт.

–Осмону замину замон, абрҳои ҳаво, балки дарахтон ба ҳоли ман зор мегирянд, - зери лаб худ ба худ гуфт Рустам ва андеша кард, ки илоҷи дигар нест. Ин даррандагони хунмаст яқин ӯро мисли Аҳмад Зоир, Кароматулло Қурбони нозанин, Нурулло Ҳувайдуллоев, Муҳаммад Осимӣ, Муродулло Шерализода, Давлаталии Раҳмоналӣ ва садҳо дигарон ваҳшиёна ба қатл мерасонанд.

Тақдир ҳамин будааст,– гуфт худ ба худ ва ин дам дутораш ба ёдаш омад.

Ӯ аз рӯзе, аз соате, ки аз дутораш ҷудо шуд, дигар рӯзи некро надид.

Мемонданд, ки дар лаҳзаҳои вопасини ҳаёт мисли Карими шиши кангуртӣ бо оҳанги «Хайрбод» олами ҳастиро падруд мегуфтам, аз дунё ин қадар пурармон намерафтам. Ҳай дареғи зиндагӣ…

Борон ҳамоно мебориду меборид.

Аз чӣ бошад, пеши дидагонаш дар паси пардаи турии риштаҳои борон симои нӯронии модари меҳрубонаш аранге намудор гардид. Ин лаҳза бо навозишу меҳрубонӣ модар мехост, даст болои сари фарзанди дар олам якаву ягонааш гузорад, ки дастони модар дар ҳаво муаллақ монда то ба сари фарзанд нарасиданд.

Гӯё модар ким–чӣ таъкид кардан мехост. Шояд гуфтан мехост, ки бачам, алайҳи марг низ мардонагӣ шараф аст, вале Рустам гапҳои модарро нашуниду нафаҳмид.

Модар хомӯш буду ду дидааш ба рӯи ӯ ва Рустам дид, ки чашмони модар пур аз ашк шуда, донаҳои оби дида рухсораҳои нозанинашро тар карданд.

Ин лаҳза дар бари модар симои Садбарги модари фарзандони ҷигарбандаш бо он ҳама ҳусну латофати худодод пайдо гашт. Модар фарзандони худро ҳамроҳ оварда буд. Гӯӣ аз ин фоҷеаи ҳалокатбор хабар ёфта зану фарзандон ҳамагӣ ба аёдаташ омаданд. Омаданд, ки бо ҷони ширини худ ҷони Рустами азизу меҳрубону дӯстдор, ғамхору такягоҳи ягонаашонро аз марг раҳоӣ бахшанд...

–Садбарги ҷон!– зери лаб оҳиста садо баровард Рустам ва овозаш аранге ба гӯшаш расид.

–Садбарги ҷон!– боз овоз дод мард.

–Дар дами марг сари бе пушту паноҳ, сари савдоиямро пеши поят мегузорам, Садбарг!

Гуфта будам, ки илоҳо пеши пои ту бимирам ва Парвардигор зориамро қабул карду ҳамроҳи фарзандонам ин лаҳза, дар дами охирини ҳаётам наздам омадӣ.

Дар ин умри кутоҳ чи қадар азиятат додам. Ҳамаи онро бардошт мекардӣ.

Дар зиндагӣ ҳама нозу адоҳоям бо ту буданд. Мани сарсахти ягона фарзанди модарро бо лутфу меҳрубониҳо, бо ишқу муҳаббати беолоишат хушбахти олам гардонидӣ, Садбарг.

Чӣ рӯзҳои хушбахтӣ буданд он рӯзҳои туро дидану ба ту меҳр бастанҳо?

Бароям фарзандони дӯстрӯву беҳтар аз ҷонам Шаҳлову Дилбар, Зафари нозанину Адибаи нозпарварамро ато кардӣ, чун ҳадяи Парвардигор ба олами ҳастӣ овардӣ. Ҳама ин дӯстрӯяконро чу гул парваридию ба мактаб бурдӣ, таълиму тарбия додию ба шоҳроҳи ҳаёт ҳидоят кардӣ.

Садбарг, чӣ азобҳое дидӣ, чӣ азият кашидӣ, чӣ рӯзҳои мушкил гузаронидӣ, худ медонистию Худое, ки моро ҳаёт ато кардааст.

Ту будӣ, ки дар олами санъат маҳбубияти оламиён шудам. Медидаму баръало эҳсос мекардам, ҳар боре чун ба торҳои дутор нохун мезадам, чеҳраи Садбаргам дар пеши дидагонам аз нав гул–гул мешукуфт, боз ҳам зебою дилрабо мегардид. Табассуму хандаҳои шакаррезат болу парам мебахшиданд, то дар олами мусиқӣ номбардори туву фарзандон, халқи азизам бошам.

Бо қатраҳои хуни таровида барг–барги варақҳои ҷонам хазон мегардаду дар ин соати вопасини ҳаёт ягона умеду орзуям ҳамин аст, ки фарзандонамро мисли пештара сарпараст бошӣ, то дар зиндагӣ рӯи хориро набинанд. Чун ҳама умр ба ҷои ман вазифаи падариашонро ба ҷо биёрӣ...

Аз ту Садбарг дар дами марг пиҳилӣ металабам. Медонам, ки мисли замин - модар дили бузург дорӣ. Ҳама кудуратро аз дилат берун месозӣ. Бе ризоияту дуои неки модаронаат ман дар ду олам рӯсиёҳ мемонам.

Гиря накун Садбарг. Охир дар зиндагӣ ту аз ман дида мардӣ кардаӣ. Мард бояд ашк нарезад. Аз ашки сари миҷгонат дидам, ки бо дили бузурги модарона ҳама гуноҳҳоямро бахшидӣ. Худо нигаҳбонат бошад, Садбарг!..

–Шаҳлову Дилбару Адибаи ҷони падар! – Ба фарзандон рӯ оварда зери лаб муроҷиат карда гуфт Рустам.

– Ғамхори модар бошед. Чун модари шумо зани бурдбору меҳрубони дигареро дар олам надидаам. Шумо, ки фарзандони чунин модари ғамхоред, аз ӯ бурдборӣ биомӯзед.

Рӯзгори босаодат бубинед! Зафари азизамро дилбардорӣ кунед…

Ростгуву ҳақиқатҷӯ будаму тамоми умр ба роҳи ростию ҳақиқат, барои беҳбудии зиндагӣ ва хушбахтии халқу миллат ба Модар - Ватан хизмати фарзандиамро адо кардам. Озодона хоҳам мурд, зеро дунёи фасоду ҳаром одами тозаю озодаю ҳунармандро ҳамин хел ба марг маҳкум мекунад.

Марди зиндагидӯсту шуҷоъу далеру мубориз будаму барои озодою ободии диёрам мардона мемирам. Дар ин роҳ мемирам, ки шумо фарзандонам хушбахт бошед.

Шумою модари бузугворатон борҳо маро бо илтиҷоҳои хеш аз ин роҳ баргардондан хостед, вале мани қайсари якрав шуморо гӯш накардам. Ба марги худ худ гунаҳгорам...

Зафари ба ҷон баробари падар! Ман аз дӯстдорию савганди бародарӣ бо Зафар Нозими яккаву ягона ҳофизи дӯстдоштаи халқ номи туро Зафар ниҳода будам, ки мисли ҳамон Зафари овозадор номбардори падар мешавӣ. Садои овози нозанинатро мешунаваму аз олам ҳасрат намебарам. Мисли ман яккаписари падар будӣ.

Дареғу ҳасрату ҳайфо, ки орзуҳои дар дил парваридаамро ба хоки тар мебарам....

Аз се духтару як писари қадрас тӯйи хонадоршавии ягонтаи шуморо надида меравам.

Дигар Садбарги модари ҷонат бо ман маслиҳати келин хуш кардану келинбиёронро намекунад. Зафари ҷонамро бо ягона келинам бари тахти шаҳу арӯсӣ намебинам. Рақсу бозии ҳофизону арғушти духтарони нозанинамро дар рӯзи тӯй, дар пеши тахт намебинам. Дигар дар тӯйи ягонтаи шумо бо дутор оҳанги “Тӯёна”- ро навохта наметвонаму наменавозам. Дигар шумою набераҳои ояндаамро бо овози дутор ҳар субҳ аз хоби хӯш бедор намекунам, намекунам...

Вале мард будан шараф аст ва ҳоло Зафари ҷон, ту дар қатори мардони замон қарор дорӣ. Боиси ифтихору сарбаландии модару хоҳарони нозанинат, боиси зафармандии халқи азизамон шав!

Барои хушбахтии шумо мемирам.

Зафар ёрат бод, Зафари ҷону ҷигарбандам, фарзандони азизам!!!

Маро бубахшед, ки дар зиндагӣ қарзи падариамро адо карда натавонистам...

Мудате гузашту чун рӯъё пеши назари Рустам деҳаи Момандиёни Муъминобод, хонаву ҳавлии падар, холаи Ойбӣ, додаронаш Гурезу Абдулло, хешу ақрабо, расиданд, ки ҳама чӣ саргадониеро интизор буданд.

–Чӣ одами хушбахт будаам, ки дар қатори ҳазори дар ҳазор ёру дӯстон, хешу таборонам барҳаётанд ва Худо тараҳҳум кунад, ки зиндагии хушбахтона бинанд…

--Фарзандони падар, ба шумо васиятам ҳамин аст, – рӯ овард ба Гурезу Абдуллои додаронаш Рустам:

**Дар мурдаи ман ду дида пурнур кунед,**
**Ғамро зи дили ғамзадагон дур кунед.**
**Хоҳед, ки аз ин ҷаҳон ризо даргузарам,**
**Андар бари модарам маро гӯр кунед...**

Ба хотири Рустам симои Борбади Марвазии хунёгар, бо панҷаҳои буридаи хуносо, Карими шиши зиндаёд расидаду мард оҳи бадард аз дили пуралам кашид...

Ба ёдаш боз дутори нуқракӯбу садафкории тӯҳфакардаи Усто Ғулом расид, ки ин дам дар бари девори хона, дар рӯ ба рӯи фарзандонаш овезон буд.

Аҷабо! Дар рӯи қолини зери дутор навиштаҷотеро хонд;

**Ту бисмиллоҳи Раҳмону Раҳимӣ,**
**Навои Рустами Абдураҳимӣ.**
**Туро куштанду оҳанги дуторат,**
**Бинолад, то ба фардои қиёмат...**

Дареғи ин миллату қавм, ки ҳамин тариқ фарзандони нобиғаи хешро бо дасти худ ба қатл мерасонад, то мансаберо минбареро соҳиб шавад ва мусаллам аст, ки шояд он соату рӯз мисли Карими шиш ба Рустами Абдураҳим дуторнавозиро раво медонистанд, ҷони ӯ аз марг раҳоӣ меёфт ва ӯ аз дасти ҳаммиллатони худ, дар синни панҷоҳу чор солагӣ олами ҳастиро падруд намегуфт...

**АНҶОМ**

**Ба вақти марги ту борону борон,**
**Зану фарзандҳо гирёну нолон.**
**Камону тир механдид аз марг,**
**Ба хун буд ғарқ хоки Тоҷикистон.**

**Зи маргат осмон мотам гирифта,**
**Дутори безабон мотам гирифта.**
**Гирист Эмомалӣ Раҳмон сари гӯр,**
**Хаёлам, ки ҷаҳон мотам гирифта.**

Х Х Х

21 -11- 2017